**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 378 (091) (575.3)**
**ТКБ: 74.200+74.58 (2 тоҷикӣ)**
**Х-68**

**ХОЛОВ ШЕРАЛИ ИБОДУЛЛОЕВИЧ**

# САҲМИ ДОНИШГОҲҲОИ РАВИЯИ ТЕХНИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲО (СОЛҲОИ 1991-2016)

**Диссертатсия**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих
(6D020301 – Таърихи ватанӣ)

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои
таърих, профессор
Расулиён Қаҳҳор

**ДУШАНБЕ-2024**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**........ 3-4
**МУҚАДДИМА**................................................................................. 5-18

**БОБИ I. РАВАНДИ ТАЪСИС ВА ТАҲКИМИ НИЗОМИ ДОНИШГОҲУ ДОНИШКАДАҲОИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ**
1.1. Ҷойгоҳи равияҳои техникӣ дар низоми таҳсилоти олии кишвар . 19-38
1.2. Таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои нави техникӣ дар Тоҷикистон ........................................................................................... 39-58
1.3. Таҳаввулоти пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон ...................................................... 59-78

**БОБИ II. ҶОЙГОҲИ ДОНИШГОҲУ ДОНИШКАДАҲОИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШРАФТИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ ВА ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲОИ МАҲАЛЛӢ**
2.1. Дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии устодони донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ........................................................................ 79-102
2.2. Равобити илмӣ-таълимии донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ ........ 103-126
2.3. Сатҳи омода намудани кадрҳои маҳаллӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ........................................................................ 127-148

**ХУЛОСА** .......................................................................................... 149-154
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.............................................................................................. 154-155
**РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ** ..................................... 156-170
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**........................................................ 171-172

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АИ ҶТ** – Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВАО** – Васоити ахбори омма

**ДМТТ** – Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ

**ДТТ** - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**ДЭМ** – Донишгоҳи энергетикии Москва

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**ИИТ** – Иқтидори илмӣ-техникӣ

**ИМА** – Иёлоти муттаҳидаи Америка

**ИҶШС** - Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**МиСиС** –Институти пулод ва хӯлаҳои Москва

**НОБ** – Неругоҳи обии барқӣ

**ПЕРСЕУС** – Барномаи ҳифзи баҳрҳо ва сарҳадҳои Аврупо тавассути истифодаи оқилонаи назорат

**СИБЕЛЕС** – Барномаи таълимӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки бо назардошти принсипҳои раванди Болония ислоҳ карда шудааст

**СММ** – Созмони милали муттаҳид

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

**ҶК** – Ҷамъияти кушода

**ҶММТАКМ** – Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди Тоҷикистону Амрикои корхонаи муштарак

**ҶМТКММ** – Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди Тоҷикистону Канадаи масъулияташ маҳдуд

**ҶС** – Ҷамъияти саҳҳомӣ

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳҳомии кушода

**ҶСШК** – Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода

**ҶШСТ** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ЮНЕСКО** – Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг

**AIESEC** – Ассотсиатсияи байналмилаии донишҷӯён доир ба омӯзиши илмҳои иқтисодӣ ва тиҷорат

**APOLLO** – Ассотсиатсия оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи экология, хоҷагии қишлоқ ва рушди деҳот дар Аврупои шарқӣ (Олмон)

**CDIO** – Усули таълими лоиҳавӣ, ки барои тайёр кардани муҳандисони насли нав истифода мешавад.

**DAAD** – Хадамоти Мубодилаи Академикии Олмон

**ERASMUS PLUS** – Барномаи Иттиҳоди Аврупо доир ба маориф, тайёр кардани кадрҳо, ҷавонон ва варзиш

**GIZ** – Намояндагии Созмони олмонии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ITEC** – Ҳамкории техникию иқтисодии Ҳиндустон

**LOGO** – Барномаи кишоварзӣ ва мувозинати экологӣ бо Аврупои Шарқӣ (Олмон)

**ERASMUS MUNDUS** – Барномаи мубодилаи донишҷӯён;

**PRAXX** – Барномаи муоширати дуҷонибаи байналмилалӣ-муваффақияти бардавом

**TEMPUS** – Барномаи мобилии транс-аврупоӣ дар таҳсилоти донишгоҳӣ

**TOEFL** – Санҷиши дониши забонӣ англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ

**UK** – Британияи Кабир

**USA** – Иёлоти Муттаҳидаи Америка

**USAID** – Агентии Иёлоти муттаҳида оид ба рушди байналмилалӣ

**WTIT** – Ташкилоти кореягии Интиқоли технологияҳои коммуникатсионии глобалӣ.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиши амиқи таҷрибаи таърихии донишгоҳу донишкадаҳои самту равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми омодасозии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ дар шароити дигаргуниҳои рӯзафзуни талаботи бозори меҳнат дар дохили кишвар, минтақа ва ҷаҳон барои беҳбудии сифати таҳсилот, рушди истеҳсолоти дохилӣ ва афзоиши рақобатпазирии бахшҳои гуногуни иқтисоди мамлакат масъалаи муҳимми таҳқиқнашуда арзёбӣ мешавад.

Бо пешрафти илму техника талабот ба ихтисосҳои техникӣ бештар гашта, теъдоди донишгоҳу донишкадаҳо ва ихтисосҳои техникӣ дар тамоми кишварҳо рӯ ба афзоиш дорад. Зеро ҳар як давлат сайъу талош меварзад, ки барои таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низомии худ аксаран мутахассисони заруриро дар дохили қаламрави худ омода созад. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши шумораи донишгоҳу донишкадҳои техникӣ баъд аз истиқлоли давлатӣ ба вуқуъ пайваст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Ба андешаи Пешвои миллат, «талаботи ҳаёт, робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвари соҳибистиқлоламон аз ҳар як толибилм тақозо мекунад, ки бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардад, барои рушди иноватсионӣ ва рақобатпазирии кишвари худ талош варзад»[1].

Бояд гуфт, ки пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, мутаассифона, ҷумҳурии мо ба ҷанги таҳмилӣ кашида шуд, ки он ба соҳаи маориф, хусусан муассисаҳои таҳсиолти олии касбии самти техникӣ низ бетаъсир намонд. То замони истиқлол талабот ва тайёр намудани кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ ба таври ба худ хос сурат мегирифт ва мутахассисони ҷавон ба кор таъмин мегардиданд. Боиси таассуф аст, ки дар замони даргириҳои дохилӣ бо кӯч бастани бархе аз мутахассисон ба мамолики дигар пойгоҳи

---

[1] Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/616 (санаи мурочиат: 15.10.2023).

моддӣ-техникии донишгоҳҳо низ заиф гардид, ки ин ҳол ба вазъи омодасозии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ таъсири манфӣ расонид. Аниқтараш, дар баъзе соҳаҳо занҷири интиқоли мактаби дониш аз устод ба шогирд то андозае гусаста гардид. Дар чунин шароити нобасомон аксар муассисаҳои таълимии соҳаҳои техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз равнақ бозмонданд ва ҳоло масъулин талош доранд рушди ин соҳаро ба сатҳи пешрафти кишварҳои мутамаддин наздик расонанд, ки ин равандро дар забони илм «таъқиби илмӣ» меноманд.

Хушбахтона, пас аз ба охир расидани ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ дар низоми таълиму тарбия, махсусан, дар шеваи омодасозии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ тағйироти ҷиддие ба амал омад, ки он то андозае ба фазои бозори меҳнат ва корофаринӣ таъсири мусбат гузошт. Дар ин замина, тавассути Ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри ислоҳи камбудию норасоии соҳаи маориф ва рушди ботадриҷи маблағгузории соҳа чандин санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба тасвиб расид. Ба вижа, таҳия ва мавриди амал қарор гирифтани «Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005–2008» муҳимтарин иқдом дониста мешавад, ки баҳри инкишофи минбаъдаи илмҳои табииву риёзӣ дар мамлакатамон ва рушди нерӯи зеҳнии хонандагон шароити мусоид фароҳам овард.

Қарорҳои Ҳукумати кишвар ва дигар санадҳои муҳимми соҳавӣ, ба хусус дар самти таълим, тарбия ва илм дар маҷмуъ ба пешрафти соҳаи маориф, илмҳои техникӣ ва шикасти тафаккури қолабӣ дар кишвар заминаи устувор гузоштанд. Ҳамзамон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди ҷаҳони мутамаддин баҳри таъмини ҳамбастагии илм ва истеҳсолот чанд барномаи нав қабул кард, ки ин иқдом барои таъсиси ниҳодҳои фарогири иқтисодӣ мусоидат намуд.

Мубрамӣ ва зарурати омӯзиши мавзуи мазкур дар нуктаҳои зерин низ асоснок карда мешавад:

**Якум,** дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқи таърихи таҷрибаи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар аз мадди назар дур мондааст. Имрӯз вобаста ба рушди ҷомеа пажуҳиши таърихи фаъолияти донишгоҳу

донишкадаҳои равияи техникӣ амри воқеист. Зеро таҳлили бурду бохти ин соҳа дар 25 соли истиқлол ба мо имкон медиҳад, ки инкишофи таҳсилоти олии касбии равияҳои техникиро дар кишвар вобаста ба сатҳи пешрафти ҷаҳони муосир ба таври муқоисавӣ нишон диҳем.

**Дуюм**, омӯзиши хусусияти вазъи кунунии низоми маориф, таҷрибаи иҷтимоӣ ва иқдоми мактабсозии ходимони илмӣ, дурнамои рушди корҳои илмӣ – тадқиқотӣ, пешрафти нируҳои зеҳниву техникӣ дар донишгоҳҳо ва сатҳи татбиқи меъёри асосии пешрафти таълими улуми техникӣ мутобиқи принсипи «Таълим – Илм – Истеҳсолот»;

**Сеюм,** таҳқиқи комили таърихи таҷрибаи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ дар самти омодасозии мутахассисони муҳандисӣ – техникӣ ва татбиқи ислоҳот дар донишгоҳу донишкадаҳои самту равияи ихтисосҳои техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Чорум**, коркарди тавсияҳо баҳри мукаммалсозии низоми таҳсилоти донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ бо назардошти талаботи бозори дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва рушди технологии замони муосир.

**Сатҳи омӯзиши мавзуъ**. Таърихи маорифи кишвар дар замони истиқлол аз ҷониби олимону муҳаққиқони соҳа мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин хусус чандин мақола, асар, монография ва рисолаҳои номзадӣ нашру дифоъ шудаанд[1]. Дар чунин китобу рисолаҳо ва мақолаҳои ба табърасида паҳлуҳои гуногуни низоми маорифи замони соҳибистқлолӣ таҳлилу баррасӣ гардида, мушкилоту монеаҳо, инчунин дастовардҳои навини маорифи кишвар шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Аммо, таърихи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми онҳо дар омода кардани мутахассисони

---

[1] Атакуллаев, У.И. Развитие общего образования в Республике Таджикистан в период независимости: 1991-2005 гг. [Текст]: дисс... канд. пед. наук / Атакуллаев Усмон Исмайлович. – Душанбе, 2010. – 146 с.; Курбанов, А.Ш. Реформирование института образования в условиях трансформации таджикского общества [Текст]: дисс... д-ра. филос. наук / Курбанов Абдурахмон Шерович. – Душанбе, 2011. – 260 с.; Лутфуллоев, М. Истиқлолияити Тоҷикистон ва масъалаҳои тарбия [Матн] / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2001.; Ҳамон муаллиф: Маорифи Тоҷиқистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ [Матн] / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2006.; Нуъмонова Г. Система образования в трансформирующимся таджикском обществе. – Дисс... канд, пед. Нуъмонова, Г. Система образования в трансформирующимся таджикском обществе [Текст]: дисс... канд. пед. наук / Нуъмонова Гулчехра. –Душанбе, 2011. – 128 с.; Раҳмонов, А.А. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Раҳмонов, А.Б. Расулов, К.Ф. Қодиров, Х.С. Афзалов. – Душанбе, 2011. – 184 с.; Хусейн-заде, М. Народное образование Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2000гг.) [Текст]: дисс...канд. истор. наук / Хусейн-заде Малика-Бону Отахоновна. – Душанбе, 2002. – 176 с. ва ғ.

маҳаллӣ дар таърихнигории ватанӣ аз масъалаҳои камтаҳқиқшуда ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, дар доираи ин мавзуъ то ба имрӯз дар шакли том таҳқиқоти комиле сурат нагирифтааст. Вале дар хориҷи кишвар масоили назариявии мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба баррасӣ гардидааст[1]. Новобаста аз камшумор будани пажуҳишҳо онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

**Ба гурӯҳи якум** китоб, мақола ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[2] шомил мегарданд, ки дар онҳо доир ба масъалаи маориф, илм ва раванди омодасозии мутахассисони ватанӣ маълумоти саҳеҳу фаровоне маҳфуз аст.

**Ба гурӯҳи дуюм** таҳқиқотеро шомил намудем, ки онҳо бевосита ба таърихи донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар бахшида шудаанд. Аввалин муҳаққиқе, ки дар панҷсолаи аввали замони истиқлол ба таҳқиқи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар шуруъ кардааст, С. Абдуллоев[3] мебошад. Муҳаққиқ таърихи таъсис, раванди таълиму тарбия ва фаъолияти илмию таҳқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии кишварро дар замони шуравӣ ва оғози соҳибистиқлолӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муҳаққиқи дигаре, ки ба масъали мазкур бештар таваҷҷуҳ намудааст, А.А. Шарипов[4] мебошад. Ӯ ибтидо масоили равобити байналмилалии мактабҳои

---

[1] Строгецкая, Е.В. Динамика институциональной модели университета в условиях социокультурных изменений [Текст] / Е.В. Строгецкая // Вестник СПбГУ. – 2015. – Вып.3. – С.142-150.; Пономарева, О.Н. Роль современных моделей университетов в формировании человеческого капитала [Текст] / О.Н. Пономарева // Региональная общественная организация «Центр инновационных технологий и социальной экспертизы». – 2019. – №5. – С.344-353.; Степанова, С.Н. Трансформация «идеи университета» в эволюционирующем образовательном пространстве [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Степанова Светлана Николаевна. – Томск, 2010. – 152 с.; Белая, Г.В. Управление образовательным процессом в педагогическом университете: теория и практика [Текст]: дисс... д-ра пед. наук / Белая Галина Викторовна. – Оренбург, 2002. – 382 с.; Карпов, А.О. Университет 3.0 - социальные миссии и реальность [Текст] / А.О. Карпов // Социологические исследования. – 2017. – №9. – С.114-124.; Шаповалов, В.Ф. Основы философии. От классики к современности [Текст]: учебное пособие для вузов / В.Ф. Шаповалов. – М.: ФАИР-ПРЕСС, 1999. – 576 с.

[2] Раҳмон, Э. Роҳнамои маориф [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2011. – 152 с.; Ҳамон муаллиф. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 334 с; Ҳамон муаллиф. Низоми соҳаи маориф асоси рушди ҷомеа аст [Матн] / Э. Раҳмон // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С.3-35.; Ҳамон муаллиф. Фарҳанг ҳастии миллат аст [Матн]: суханронии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (20-уми марти соли 2011) / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2011. – 37 с.

[3] Абдуллоев, С. Высшая школа Таджикистана (1931-1991) [Текст] / С. Абдуллоев. – Худжанд, 1995. – 280 с.; Ҳамон муаллиф: Учебные заведения Худжанда [Текст] / С. Абдуллоев. – Худжанд, 1995. – 64 с.; Ҳамон муаллиф: Аз таърихи ташаккули мактабҳои олӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С. Абдуллоев. – Хуҷанд, 1997.

[4] Шарипов, А.А. Высшее образование Таджикистане (1971-1991 гг.) [Текст] / А.А. Шарипов. – Душанбе: «Шарқи озод», 1995. – 107 с.; Ҳамон муаллиф: Шарипов, А.А. Исторический опыт подготовки специалистов в

олии кишварро то панҷ соли аввали замони истиқлол омӯхта, сипас доир ба таърихи донишгоҳҳои олии кишвар баррасиҳо анҷом додааст. Масоили меҳварии таҳқиқоти муҳаққиқи мазкурро омода кардани кадрҳои баландихтисос, таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишгоҳҳои олии кишвар то соли 1995 фарогир аст. Дар ин давра донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникие, ки дар ҷумҳурӣ фаъолият доштанд, номбурда ба таври возеҳу рушан бо овардани далелҳои муътамад таҳқиқ намудааст. Аммо марҳалаҳои баъдии рушди донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар дигар таҳқиқ нашудаанд.

Масъалаи ривоҷу равнақи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуаи илмии «Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият»[1] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин маҷмуа бо суханронии сарвари мамлакат дар мулоқот бо кормандони соҳаи маориф (22 декабри соли 2005) оғоз гардида, дар маҷмуъ 17 мақоларо дар самти рушд ва мушкилоти маорифи кишвар баррасӣ намудааст. Ҳангоми таълифи мақолаҳо муаллифон дар баробари таҳлили вазъи маориф, норасоию камбудиҳо талошҳои ҳукумати ҷумҳуриро ҷиҳати барқарор намудани зерсохтори соҳа, беҳтар кардани сифати таълим ва нашри маводи таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои маорифи кишвар то соли 2006 мавриди назар қарор додаанд.

Тадқиқгарон А.А. Раҳмонов, А.Б. Расулов, Қ.Б. Қодиров, Х.С. Афзалов[2] асари дигаре бо унвони «Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба табъ расониданд, ки таърихи маорифи тоҷикро аз замонҳои қадим то соли 2011 мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додаанд. Дар асари зикргардида ба таърихи маорифи халқи тоҷик то андозае таваҷҷуҳ зоҳир шуда, боби сеюми он ба нашъунамои маориф дар замони соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст, ки дар он

системе высшего образования Таджикистана (1946-1995 гг.) [Текст] / А.А. Шарипов. – Душанбе: «Дониш», 2000. – 240 с.; Ҳамон муаллиф: Шарипов, А. Таърихи мактаби олии Тоҷикистон (1946-1995) [Матн] / А. Шарипов. – Хуҷанд, 2002. – 235 с.; Шарипов, А. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон [Матн]: воситаи таълимӣ барои омӯзиши курси махсус / А. Шарипов. – Душанбе, 2008. – 124 с.

[1] Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият [Матн]. – Душанбе, 2006. – 266 с.

[2] Раҳмонов, А.А. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Раҳмонов, А.Б. Расулов, К.Ф. Қодиров, Х.С. Афзалов. – Душанбе, 2011. – 184 с.

низоми таҳсилоти олӣ ва раванди таълиму тарбия, инчунин дастовардҳои давраи навини маорифи тоҷик нишон дода шудааст.

Асари дигаре, ки ба мавзуъ наздиктар аст, «Рушди маориф ва илм дар солҳои соҳибистиқлолӣ[1]» буда, он ба масоили маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 то соли 2016 бахшида шудааст.

Бояд гуфт, ки таҳқиқоти дигаре, ки дар он доир ба Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва Донишкадаи энергетикии шаҳри Бохтар маълумоти мухтасар ҷой дорад, рисолаи номзадии Алишери Амирхон[2] мебошад. Ӯ дар рисолаи илмии худ ба таърихи ташаккул ва таҳаввули донишкадаҳои мазкур диққат дода, доир ба шароит ва шумораи донишҷӯёну омӯзгорон баррасие анҷом додааст. Ҳамзамон, А. Раҳмонов[3], Қ. Расулиён[4], Ф. Раҳимов[5], Н. Ёрмандӣ[6], Фарзонаи Ф.[7] ва дигарон дар пажуҳишҳои худ ба ин масъала то андозае мароқ зоҳир намудаанд.

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳоеро дохил намудем, ки онҳо бевосита ба муносибати ҷашни солгарди донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар ба табъ расидаанд. Чунин асарҳо роҷеъ ба таърихи фаъолияти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон[8], Донишгоҳи техникии Тоҷикистон[9], Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон[1], Донишкадаи политехникии

---

[1] Рушди маориф ва илм дар солҳои соҳибистиқлолӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – 138 с.

[2] Амирхон, А. Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016) [Матн]: дисс... номз. илм. таърих: 07.00.02 / Алишери Амирхон. – Данғара, 2022. – 156 с.

[3] Раҳмонзода, А. Ислоҳот ба рушди маориф мусоидат намуд [Матн] / А. Раҳмонзода. – Душанбе, 2009. – 64 с.; Ҳамон муаллиф: Маориф дурнамои нек дорад [Матн] / А. Раҳмонов // Тоҷикистон. – 2007. – №1. – С.4-6.; Ҳамон муаллиф: Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар инкишофи соҳаи маориф [Матн] / А. Раҳмонзода. – Душанбе, 2006. – 144 с.; Ҳамон муаллиф: Рушди маориф – омили пешрафти мамлакат [Матн] / А. Раҳмонзода. – Душанбе, 2014. – 262 с.

[4] Расулиён, Қ. Таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ. Расулиён, Ш.Холов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №6 (107). – С.200-210.

[5] Раҳимов, Ф. Мактаби олӣ: мушкилот ва зарурати ислоҳот [Матн] / Ф. Раҳимов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С.95-104.

[6] Ёрмандӣ, Н. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар рӯйхати беҳтарин таълимгоҳҳои ИДМ [Матн] / Н. Ёрмандӣ // Ҷумҳурият. – 2015. – 21 январ.

[7] Фарзонаи Ф. 7 патенти ихтирооти Донишгоҳи технологӣ [Матн] / Фарзонаи Ф. // Ҷумҳурият. – 2014. – 25 январ.

[8] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.174.

[9] 60 сол - ин ибтидо аст [Матн]: бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2016. – 115 с.

[1] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – 240 с.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд[1] бахшида шудаанд.

Доир ба фаъолияти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон М.Ф. Иброҳимов таҳқиқоти муҳим анҷом дода, ӯ дар бораи таърихи таъсис, инкишоф ва дурнамои донишгоҳ ба таври хронологӣ маълумот овардааст. Махсусан, аз соли таҳсили 1990–1991 то соли таҳсили 2009–2010 дар рисола вобаста ба беҳтар гардидани шароити моддӣ-техникии донишгоҳ, афзоиши шумораи донишҷӯён, равнақ ёфтани равобити хориҷӣ, табодули донишҷӯён ва ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар кардани онҳо далелҳои ҷолиб дарҷ ёфтааст[2].

Ба муносибати 60-солагии Донишгоҳи техникиии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ маҷмуае ба табъ расид, ки дар он таърихи фаъолияти донишгоҳ ба таври мухтасар инъикос ёфтааст[3]. Бештари дигаргуниҳо ва дастовардҳои муассисаи мазкур дар маҷмуа нишон дода шудааст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки рисолаи номбурда хусусияти ҷашнӣ дошта, дар он ҳолати воқеӣ ва таърихи рушду таҳаввули донишгоҳ ба таври мукаммал инъикос наёфтааст.

Роҷеъ ба пешрафти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд асаре бо номи «Олимони донишкада»[4] зери назари директори донишкада Саидӣ Дилафрӯз Раббизода нашр гардид, ки маълумоти шаш соли аввали он дар рисолаи мо мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ба ҳамин минвол, то ҳол мавзуъ ва масъалаи ҷойгоҳи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ дар омодсозии мутахассисон аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ба таври мукаммал дар доираи як рисолаи комили илмӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор нагирифтааст.

**Робитаи рисола бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-

---

[1] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – 230 с.
[2] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.174.
[3] 60 сол - ин ибтидо аст [Матн]: бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2016. – 115 с.
[4] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – 230 с.

таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба иҷро расид.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки таърихи таҷрибаи донишгоҳу донишкадаҳои ихтисосҳои самту равияи техникӣ ва вазъи омодасозии мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ дар 25 соли истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас омӯхта шавад. Барои анҷом додани ин мақсад муаллифи рисола иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- мушаххас намудани ҷойгоҳи равияҳои техникӣ дар низоми таҳсилоти олии кишвар;

- таҳқиқ намудани раванди таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои нави техникӣ дар Тоҷикистон;

- баррасии таҳаввулоти пойгоҳи моддӣ-техникӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон;

- омӯзиши дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии устодони донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ;

- баррасии равобити илмӣ-таълимии донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон бо муассисаҳои пешбари умури таҳсилоти олӣ дар кишварҳои хориҷӣ;

- мушаххас намудани сатҳи омода намудани кадрҳои маҳаллӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ.

**Объекти таҳқиқот** омӯзиши шароит ва ҳолати омода кардани мутахассисони равияи муҳандисӣ-техникӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии Тоҷикистон дар зарфи 25 соли соҳибистиқлолӣ мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** таҳқиқи таърихи таҳаввулоти донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ, пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва захираи зеҳниву дастовардҳои илмии онҳо ва ҳамзамон, вазъи омодасозии мутахассисони муҳандисӣ-техникӣ ба ҳисоб меравад.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)** фарогири солҳои 1991–2016 мебошад, яъне дар он 25 соли замони соҳибистиқлолӣ баррасӣ шудааст. Дар ин давра донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар ба таҳаввулоти азим дучор гардиданд. Давраи мавриди назарро аз лиҳози дараҷа ва дигаргуниҳо метавон ба се марҳала ҷудо кард.

1. **Солҳои 1991–1997**. Дар ин муддат дар кишвар ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ идома ёфт, ки ин рӯйдод боиси таназзули низоми маориф, пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва коста гардидани иқтидори зеҳнии донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ гардид.

2. **Солҳои 1998–2005**. Дар ин марҳала паёмадҳои ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ бартараф карда шуда, ба рушди низоми донишгоҳӣ ва вусъати омодасозии мутахассисони равияи техникӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шуд.

3. **Солҳои 2006–2016**. Ин марҳала ба таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияву барномаҳои давлатӣ заминаи ҳуқуқӣ барои таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар мусоидат намуда, давраи сифатан нав дар ҷодаи омода намудани мутахассисони равияи техникӣ маҳсуб меёбад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ чандин принсипу услубҳои маъмули маърифатӣ дар илми муосири таърихнигорӣ – айнияти илмӣ (объективияти илмӣ), таърихият, масъалагузорӣ, муқоисаи таърихӣ, таҳлили системавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, қиёси илмӣ ва назарӣ истифода шуд.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқотро** аз рӯи моҳият, мазмун ва мундариҷа ба як чанд гурӯҳ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст:

- Асарҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба масоили гуногуни соҳаи маорифи кишвар бахшида шудаанд. Президенти мамлакат дар асарҳояш маорифро соҳаи калидӣ дар нашъунамои иқтисодиёт ва

иҷтимоиёти мамлакат арзёбӣ намуда, мақоми онро дар сиёсати давлатӣ нишон додааст[1]. Ҳамзамон, доир ба зарурияти омӯзиши фанҳои бунёдӣ ва омода кардани мутахассисони равияи муҳандисӣ-техникӣ дар баромадҳо ва Паёмҳо пайваста таъкид гардидаанд.[2]

- Гурӯҳи дигари манбаъҳои таҳқиқотӣ ҳуҷҷатҳои расмӣ – давлатӣ ба мисли Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Стратегияву[3] барномаҳои давлатӣ[4] ва низомномаҳо ташкил медиҳад. Махсусан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»[5] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»[6], ки фаъолияти соҳаҳои мухталифи маорифи кишварро танзим менамояд, як қабати дигари манобеи таҳқиқотии рисоларо ташкил намудааст.

- Қисми муҳим ва хеле арзишманди манбаъҳои таҳқиқотии рисоларо асноду ҳуҷҷатҳои Бойгонии Марказии Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМДҶТ) ташкил медиҳанд. Ҳангоми омӯзиши ҳуҷҷатҳои БМДҶТ хазинаи №360 мавриди истифодаи ҳаматарафа қарор гирифт.

- Дигар бахши манбаъҳои таҳқиқотии рисоларо ҳуҷҷатҳои бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва дигар

---

[1] Раҳмон, Э. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 334 с.

[2] Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/taxonomy/term/5/68

[3] Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://ncpi.tj/wpcontent/uploads/2020/02/%D1%82%D0%BE%D1%87%D0%B8%D0%BA%D0%B8.pdf (дата обращения 12.07.2023).

[4] Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 [Матн]. – Душанбе, 2007. – 48 с.; Государственная программа подготовки педагогических кадров на 2005-2010 гг. [Текст] // Омузгор. – 2004. – 26 ноябр.; Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/ba24a74e3d838d8f893a8dd608f28028.pdf (санаи муроҷиат: 27. 12. 2023).

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2006. – 92 с.

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://majmilli.tj/қонуни-чт-дар-бораи-таҳсилоти-олии-кас/ (санаи муроҷиат: 27. 12. 2023).

донишкадаҳои равияи техникии кишвар ташкил медиҳанд. Махсусан, ҳисоботи солона ва нақшаву барномаҳои онҳо бештар мавриди истифода қарор гирифтанд.

- Маводи матбуоти даврӣ қабати дигари манбаъҳои таҳқиқотии рисоларо ташкил додаанд, ки онҳо бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ, нашри мақолаҳо, суҳбату гузоришҳо, ки ба масоили таҳқиқшаванда вобастагӣ доранд.

Ба ин тариқ, дар таълифи рисолаи мазкур манбаъҳои зиёде таҳлилу баррасӣ шудаанд. Ҳадафи асосии баррасии манбаъҳои зикргардида, махсусан истифодаи ҳуҷҷатҳои Бойгонии марказии давлатӣ ва бойгониҳои ҷории ишорашуда ба гардиши илмӣ ворид намудани маводи онҳо, ба хонанда равшан сохтани мазмун ва муҳтавои онҳо ба ҳисоб меравад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Таҳқиқи раванди омодасозии мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар дар 25 соли замони истиқлол;

2. Мавқеи ихтисосҳои самту равияҳои техникӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тадбирҳои ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати рушди донишҳои бунёдӣ;

3. Таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ дар манотиқи кишвар ва нишон додани имконияти таҳсил дар онҳо;

4. Таҳаввулоти пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ ва дастрасии омӯзгорону донишҷӯён ба озмоишгоҳу таҷҳизоти техникӣ дар рафти иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ;

5. Тавсифу татбиқи дастоварди олимону омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар дар истеҳсолоти ватанӣ;

6. Ҳамкориҳои муштараки донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар дар самти таҳқиқоти илмӣ, табодули донишҷӯён, таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси устодону омӯзгорон;

7. Сифати омода кардани мутахассисони равияи техникӣ ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ будани онҳо ;

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори нахуст дар доираи як диссертатсияи илмӣ таърихи таҷрибаи донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ ва раванди омодасозии кадрҳои маҳаллӣ дар замони истиқлол мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифт. Муҳимтарин навгониҳои диссертатсия:

- масоили меҳварии фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ дар низоми маорифи кишвар баррасӣ ва мушаххас гардид;

- бори аввал раванди таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои нави улуми техникӣ дар Тоҷикистон таҳқиқ гардид;

- замина ва паёмади таҳаввулоти пойгоҳи моддӣ-техникӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон баррасӣ шуд;

- дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии устодони донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ ва мушкилоту дурнамои кори онҳо мушаххас гардид;

- сатҳ ва натиҷаи равобити илмӣ-таълимии донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон бо муассисаҳои пешбари умури таҳсилоти олӣ дар кишварҳои хориҷӣ таҳқиқ карда шуд;

- ҳолати воқеӣ, дастоварду мушкилоту раванди омодасозии кадрҳои маҳаллӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифт.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Рисола аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад ва натиҷаҳои он метавонад дар анҷоми корҳои илмии муаррихон, мутахассисони соҳаи маориф ва донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар ҷиҳати муайян намудани дурнамои омодасозии мутахассисон ёрӣ расонад. Натиҷаи таҳқиқотро метавон барои таҳияи стандартҳо, нақшаву барномаҳои давлатӣ дар самти омодасозии кадрҳои техникӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва маводи иловагии омӯзиш дар макотиби олии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дод. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия барои таҳқиқи бисёр масъалаҳои мубрами таърихи маориф ва

илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол ва низоми омодасозии мутахассисон муфид мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот дақиқии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи тадқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои тадқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимоднокии тадқиқот мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ ва натиҷаҳои он ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳия ва асосноккунии номи мавзуъ, таҳия ва татбиқи нақшаи кор, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи соҳавӣ, таҳлили адабиёти мавҷуда, таҳлили вазъи омодасозии кадрҳои маҳаллӣ ва иқтидори моддӣ-техникиву зеҳнии донишгоҳу донишкадаҳои техникии кишвар зоҳир мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо, ҷаласаҳо, семинарҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ).** Матни комили рисола дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (**Қарори №11, аз 18.06.2024**) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардид. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи апрелии ҳайати устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (14–19 апрели 2022) ва се конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (18–19 майи 2017) ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (4 сентябри 2021 ва 15 ноябри 2022) баён шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Муаллиф мазмуни асосии рисоларо дар 8 мақолаи илмӣ интишор намудааст. Аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 172 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (146 номгӯй) иборат аст.

# БОБИ I.
# РАВАНДИ ТАЪСИС ВА ТАҲКИМИ НИЗОМИ ДОНИШГОҲУ ДОНИШКАДАҲОИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

## 1.1. Ҷойгоҳи равияҳои техникӣ дар низоми таҳсилоти олии кишвар

Таҳаввулоту тазодҳои замони муосир ва рушди бемайлони техникаву технологияи ҷадид моро водор месозад, ки доир ба саҳми донишгоҳҳо, хусусан, донишгоҳҳои техникӣ ва мақоми онҳо дар низоми таҳсилоти олии кишвар бо тафаккури мӯшикофона назар намоем. Зеро тафаккури техникӣ ва пешрафти илму техника аз танзими дурусти низоми таҳсил дар ихтисосҳои равияҳои техникӣ ва фаъолияти пурмаҳсули марказҳои илмиву таълимӣ вобастагии ҷиддӣ дорад. Новобаста аз ин, шиори давраи глобализатсия ва деглобализатсия аст, ки миллат ва ё давлате пешрафт менамояд, ки доир ба илмҳои бунёдӣ ва техникӣ маълумоти бештар дорад ва онҳоро дар амал татбиқ карда метавонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷойгоҳи равияҳои техникӣ дар низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон муҳим мебошад. Муайян кардани дастоварду муваффақият ва камбудиву норасоӣ ва ҳамзамон, нишон додани роҳҳову воситаҳои пешрафти онҳо ба рушди соҳаҳои дигари ҷомеаи навини Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ҷиҳати баррасии ин масъала зарур мешуморем, ки ба таври мухтасар ба дигаргуниҳое, ки дар самти донишҳои техникӣ ба вуқуъ омаданд, назар афканем. Мусаллам аст, инсоният шоҳиди ҳаводиси бисёри таърихӣ гаштааст, ки ҳар кадоми онҳо барояш панди бузург додааст. Ҳар як зинаи инкишофи таърихӣ хусусиятҳои хосси худро дошта, пешрафти иқтисодии давраҳои мухталиф ба ривоҷу равнақи илму техника робитаи ногусастанӣ дорад. Зикр кардан ҷоиз аст, ки омӯзиши илмҳои бунёдӣ ва техникӣ дар тамаддунофарии халқҳо мавқеи муҳим дорад. Инсоният аз қадимулайём барои осон ва сабук намудани фаъолияти меҳнатии худ техника ва воситаҳои гуногунро офаридааст. Истилоҳи техника аз калимаи юнонии *τεχνικός* гирифта шуда,

маънои он «маҳорат, ҳунар ва санъат» мебошад ва мафҳуми технология маҷмуи усулҳо ва абзорҳое мебошад, ки барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ истифода мегарданд. Ба таври дигар гӯем, технология бо татбиқи дастовардҳои илм ва техника ва ё пайвасти илм бо истеҳсолот робитаи зич дорад. Аз ин бармеояд, ки инсоният барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ аз маҳорату ҳунари инфиродиаш истифода бурда, соҳиби кашфиёти гуногун гаштааст. Чунончи пажуҳишгарон аввалин муҳандиси таърихи башарият донишманди Мисри Қадим Имхотен (тахминан 2700 пеш аз мелод)-ро ном бурдаанд[1].

Донишмандону тадқиқотчиён инкишофи донишҳои техникиро вобаста ба тараққиёти ҷамъият шартан ба панҷ давраи асосӣ тақсимбандӣ кардаанд:[2]

1. Абзорсозӣ (тоинженерӣ); 2. Механикакунонӣ (пайдоиши донишҳои содаи техникӣ); 3. Мошинсозӣ (ба вуҷуд омадани соҳаи мустақили илм ва фаъолияти инсонӣ); 4. Автоматикунонӣ (рушди илмҳои техникӣ); 5. Кибернетикагардонӣ (зинаи нави рушди тамаддуни инсоният, яъне рақамигардонии истеҳсолоти ҷамъиятӣ). 6. Кибернетизатсия (ба истеҳсолот ворид намудани дастовардҳои кибернетика ва технологияи иттилоотию рақамӣ). Аз таснифоти боло бармеояд, ки ҳар як зинаи инкишофи илмҳои техникӣ инсониятро ба зинаи нави тараққиёт оварда расонидааст. Бинобар ин, ҳамаи кишварҳои соҳибистиқлол талош менамоянд, ки пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва неруи зеҳнии донишгоҳҳои техникиро таҳким бахшанд ва дар фазои зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир мустақилияти онҳоро нигоҳ доранд.

Бояд гуфт, ки барои истеҳсоли ҳама гуна ашёи хом ва ба маҳсулоти тайёр мубаддал гардонидани он технологияи нав лозим аст. Маҳз барои ноил гардидан бо ин мақсад марказҳои таълимии соҳаи техника кушода шуданд. Аввалин муассисаи таълимӣ дар соҳаи техника Мактаби политехникии Наспара Монжаи шаҳри Пориси Фаронса (соли таъсисаш 1794) ба ҳисоб меравад. Дар пайравӣ ба ин мактаби фаронсавӣ дигар давлатҳо низ донишгоҳу донишкадаҳои техникии худро бунёд намуданд. Хусусан, Донишкадаи

---

[1] Шаповалов, Е.А. Общество и инженер: философско-социологические проблемы инженерной деятельности [Текст] / Е.А. Шаповалов. – Л., 1984. – С.77.

[2] Дятчин, Н.И. Современные проблемы науки в машиностроении [Текст]: учебное пособие / Н.И. Дятчин. – Барнаул, 2005. – С.13-14.

технологии Карлеруэ дар Олмон (1825), Донишгоҳи техникии Делфт дар Ҳоланд (1842) ва дар Осиё Донишкадаи технологии Токио (1881) ва ғ. мебошанд[1]. Бо шарофати донишгоҳҳо инсоният ба пешравиҳои зиёд ноил гашт. Мувофиқи маълумоти Ассотсиасияи байналмиллалии донишгоҳҳо, ки зери назорати ЮНЕСКО қарор доранд, дар дунё 18400 донишгоҳ фаъолият менамоянд, яъне донишгоҳҳо ба тамоми самтҳои фаъолияти инсонӣ таъсиргузоранд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз замони пайдоиш (асрҳои миёна) то ба имрӯз ба таҳаввулоти бузург дучор гардиданд ва дар таърихи худ чанд модели тараққиётро пушти сар намудаанд.

Пӯшида нест, ки аввалин донишгоҳҳо дар асрҳои миёна ба вуҷуд омаданд ва онҳоро бо забони илмӣ модели либералӣ ном мебаранд. Мақсади асосии ин модел таълим додани дастовардҳои фарҳанг, инкишофи хирад ва маънавиёт ва ба вуҷуд овардани элитаи интеллектуалии ҷамъият ба ҳисоб мерафт[2]. Дар натиҷа, донишгоҳҳои асримиёнагӣ тавонистанд, ки фарҳангеро ба омма пешниҳод намоянд, ки он дар асоси тафаккури динӣ бунёд ёфтааст. Агар тамоми хусусиятҳои донишгоҳҳои асримиёнагиро ба назар гирем, пас метавон онро модел якум ном барем.

Зинаи дуюми рушди донишгоҳҳо ба асрҳои XVII–XVIII мутааллиқ аст. Илмҳои дақиқ ва техникӣ дар ҳамин замон аз дигар илмҳо ҷудо шуда, ба унвони як василаи асосии пайдоиш ва рушди тафаккури техникӣ дар байни миллатҳои аврупоӣ ба пешрафти чашмгир ноил гардид. Доираҳои ҳукмрони кишварҳои аврупоӣ дарк намуданд, ки барои рушди тамоми бахшҳои иҷтимоӣ мутахассисони гуногуне бо зеҳни пешрафтаи техникӣ лозиманд. Барои амалӣ кардани ин ҳадаф ба таъсиси донишгоҳҳои соҳавӣ, таҳияву тадвини барномаи нави омӯзиши илмӣ ва дастури таълимӣ даст заданд, ки ин барои ташаккули тафаккури техникӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Ҳамин тариқ, дар асри XIX дар Аврупо ду модели донишгоҳӣ – олмонӣ ва фаронсавӣ падид омад.

---

[1] Токийский технологический институт [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%A2%D (санаи муроҷиат: 20. 09. 2023).

[2] Строгецкая, Е.В. Динамика институциональной модели университета в условиях социокультурных изменений [Текст] / Е.В. Строгецкая // Вестник СПбГУ. – 2015. – Вып.3. – С.142-150.

Модели олмонии донишгоҳӣ асосан барои татбиқи андешаҳои муҳаққиқ Вилгелм фон Гумболдт машғул буданд, ки он аз се принсипи асосӣ иборат буд:

1. Дониш ҳамон вақт арзиш пайдо мекунад, ки манфиати амалӣ дошта бошад;

2. Илмҳои амалӣ бояд роҳкушои дигар илмҳо бошанд;

3. Ҳама гуна таълим бояд дар худ ҷанбаи ахлоқӣ дошта бошад[1].

Минбаъд, аксар давлатҳои дунё ҳамин моделро қабул намуданд, ба хусус, Русия ва сипас дар Иттиҳоди Шуравӣ он вусъат пайдо мекунад. Моҳияти ин модел дар он зоҳир мегардид, ки ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ бояд ба корҳои таҳқиқотӣ машғул мегардиданд, яъне омӯзгор – муҳаққиқ маҳсуб меёфтанд.

Модели фаронсавии таълим бо вижагиҳои асли худ чунин фарқ мекард:

1. Ҳамаи одамон зотан хирад доранд ва ҳимоя аз фард ҳуқуқи табиии ӯст;

2. Манфиат асоси раванди маърифат аст ва ҳама ба дунболи роҳи дуруст меравeанд;

3. Манфиати фардӣ бояд боиси пешравии ҳамагон гардад;

4. Тазмини озодӣ ва ҳуқуқи фардӣ бояд асоси кори ҳар давлатеро ташкил диҳад[2].

Дар ҳамин давра фаронсавиҳо барои омода намудани мутахассисони соҳавӣ, махсусан, муҳандисон талош намуданд, ки асоси пешравии ҷамъиятро меҳнати фикрӣ ташкил медод. Ҳамин тавр, аз лиҳози умумӣ ҳар ду модели донишгоҳиро агар тавсиф ва тасвир намоем, пас маълум мегардад, ки омезиши илм бо таълим ба вуҷуд омада, муҳити мусоиди фаъолияти инноватсионӣ ва омода намудани мутахассисони ҳирфаӣ аз рӯйи талаботи бозор ба назар гирифта мешавад[3].

[1] Скрипник К.Д. Великая Хартия университетов и исторические основания ее принципов [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://elar.urfu.ru/bitstream/10995/30243/1/iurp-2015-135-06.pdf (дата обращения 12.07.2023).

[2] Меньшиков В.М. Развитие образования в Западной Европе в XVII-XVIII вв. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.portal-slovo.ru/pedagogy/41983.php (дата обращения 11.08.2023).

[3] Пономарева, О.Н. Роль современных моделей университетов в формировании человеческого капитала [Текст] / О.Н. Пономарева // Региональная общественная организация «Центр инновационных технологий и социальной экспертизы». – 2019. – №5. – С.344-353.

Аз таҳқиқи масъала бармеояд, ки пешрафти иқтисодӣ ва ниёзмандии ҷомеа ба технологияҳои нав дар аввали асри XX замина гузошт, то ки модели классикӣ мавқеашро аз даст диҳад ва инро метавон пеш аз ҳама дар мисоли донишгоҳҳои амрикоӣ мушоҳида намуд. Дар ин давра аллакай донишгоҳҳо барои тайёр намудани мутахассисони ҳирфаӣ аз ҳама гуна усулҳои нав кор мегирифтанд, то ин ки дар бозори меҳнат мавқеи намоёнро соҳиб бошанд. Олимони амрикоӣ тавонистаанд, ки ҷанбаҳои мусбат ва манфии фаъолияти донишгоҳҳоро таҳқиқ намоянд. Яке аз муҳаққиқони ин соҳа Торстейн Веблен мебошад, ки ба андешаи ӯ қонунҳои инкишофи диалектикии таърих дар модели имрӯзаи донишгоҳҳо натиҷаи хуб ба бор оварда наметавонад ва мо бояд нақшаи таҳаввулоти беохирро ба кор барем[1]. Ӯ модели донишгоҳи идеалиро пешниҳод менамояд, ки бояд «Иттиҳоди олимони асилзода» ном гирад. Ду ҷанбаи асосии фаъолияти донишгоҳ таҳқиқоти илмӣ ва омӯзиши донишҷӯён байни худ бояд робитаи ногусастанӣ дошта бошанд. Ба навиштаи Веблен интиқоли дониши донишмандони гузашта ва тарбияи насли нави интихобгардида бояд мақсади ниҳоии донишгоҳҳо бошад[2]. Ба андешаи дигар намояндаи ин модел А. Флекснер, донишгоҳи идеалӣ бояд дорои пойгоҳи моддӣ-техникии қавӣ, яъне озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз бо фановарии ҷадид бошад. Дар баробари ин, барои муайян намудани мавқеи донишгоҳҳо бояд ба якчанд масъалаҳо: таҳқиқоти илмӣ, дастовардҳои илмӣ–техникӣ, мушкилоти иҷтимоӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ бештар диққат додан муҳим мебошад[3].

Дар охири асри XX ҷомеа бо таҳаввулоти нав рӯ ба рӯ омад, ки он ба фаъолияти донишгоҳҳо ва низоми таълим низ бетаъсир намонд. Дар ин радиф, мактабҳои олии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, махсусан Тоҷикистон аз ин тағйирот дар канор намонданд. Замони нав аз ҳар як мутахассис талаб менамояд, ки доимо дар такмили худ қарор дошта бошаду дониш ва малакаю қобилият ва салоҳиятҳои касбии худро вобаста ба замон ва макон баланд бардорад, то ин ки

[1] Степанова, С.Н. Трансформация «идеи университета» в эволюционирующем образовательном пространстве [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Степанова Светлана Николаевна. – Томск, 2010. – 152 с.
[2] Белая, Г.В. Управление образовательным процессом в педагогическом университете: теория и практика [Текст]: дисс... д-ра пед. наук / Белая Галина Викторовна. – Оренбург, 2002. – 382 с.
[3] Степанова, С.Н. Трансформация «идеи университета» в эволюционирующем образовательном пространстве [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Степанова Светлана Николаевна. – Томск, 2010. – 152 с.

тавонад худро дар ҷаҳони пуртазод муаррифӣ намояд. Аз ин лиҳоз, дар низоми таҳсили донишгоҳҳои охири асри XX ва аввали асри XXI зарурат ба табодули донишҷӯён ба миён омад. Мутахассиси оянда дар ин шакли таълим ба ҳама навовариҳо омода мегардад. Маҳз дар ҳамин давра шумораи донишгоҳҳо дар дунё, хусусан, дар Тоҷикистон зиёд гардиданд ва ҳар як донишгоҳ ба бозори меҳнат нигоҳ карда, ихтисосҳои бозоргузарро кушоданд, яъне низоми донишгоҳҳо ба модели нави таҳсилот гузаштанд, ки онро модели 3-юм ном мебаранд.

Барои он ки ин давраи гузаришро донишгоҳҳои аврупоӣ ба осонӣ пушти сар намоянд, миёни кишварҳо дар соҳаи маориф аҳдномае ба имзо расид, ки он имрӯз бо номи «Низоми Болон» машҳур аст. Метавон ба таври мухтасар бандҳои асосии аҳдномаро чунин баён намуд:

- замимаҳои дипломҳои ҳамаи донишгоҳҳои аврупоӣ бояд бо ҳам комилан монанд бошанд, то ин ки мутахассиси оянда дар дилхоҳ давлат кору фаъолият карда тавонад;
- ҷорӣ намудани низоми дузинагии таҳсилот: бакалавриат ва магистратутра;
- дар давоми таҳсил мутахассиси оянда бояд барои ба даст овардани кредитҳои муйаяншуда кӯшиш ба харҷ диҳад; барои табодули донишҷӯён мусоидат намояд;
- коркарди меъёрҳои яксон барои беҳбудии сифати таҳсилот[1].

Ҳамин тариқ, соли 1999 ин шартномаро 30 давлати дунё пазируфтанд ва ин таҳаввулот тадриҷан ба низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ шудан мегирад.

Дар Тоҷикистон то замони истиқлол ягона мактаби олии техникӣ дар шаҳри Душанбе ин Донишкадаи политехникии Тоҷикистон маҳсуб меёфт, ки соли 1956 таъсис ёфт ва баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ тағйири ном

---
[1] The Bologna Declaration of 19 June 1999 [Electronic resource]. – Access mode: https://www.eurashe.eu/library/modernising-phe/Bologna_1999_Bologna-Declaration.pdf (дата обращения 11.07.2023).

кард. Имрӯз донишгоҳи номбурда ҳамчун маркази бунёдии илмиву таълимӣ фаъолият дорад.

Ҳукумати Тоҷикистон баҳри боз ҳам мустаҳкам гардидани мавқеи кишвар дар самти омӯзиши фанҳои бунёдӣ корҳои назаррасро ба сомон расонидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлол гардидан (1991) дар соҳаи маориф ислоҳот ҷорӣ намуд, ки дар натиҷа дба бунёду ифтитоҳи муассисаҳои таълимӣ, мустаҳкам гардидани заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ва дар ин замина, роҳандозӣ намудани самтҳои инноватсионии таълим, беҳдошти ҳамаҷонибаи раванди таълиму тарбия, баланд бардоштани сифати таҳсилот таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд.

Таассуфовар аст, ки новобаста аз чораҳои андешидаи ҳукумат дар кишвар бо сабабҳои маълум ҷанги шаҳрвандӣ сар зад[1]. Дар натиҷаи амалиёти ҷангӣ низоми таҳсилоти олии кишвар халалдор гардида, соҳаи маориф рӯ ба харобӣ овард. Норасоӣ ва камбудиҳо дар ин соҳа рӯз то рӯз шадидтар мегардид. Ҷанг аз панҷ як ҳиссаи мактабҳои кишварро харобу валангор сохта, таҳсилоти ҳазорон нафар кӯдакону ҷавононро, ки муҳоҷири дохилӣ ва паноҳанда шуданд ва ё таъсири мустақими ҷангро аз сар гузарониданд, қатъ кард. Дар ҷараёни муноқишаҳо фарогирии хонандагон ба мактабҳои олӣ хеле коҳиш ёфт.[2]

Ҳукумати мамлакат ба вазъи душвору ногувори сиёсиву иқтисодӣ нигоҳ накарда, таъсиси донишгоҳу донишкадаҳоро дар манотиқи гуногуни кишвар бештар роҳандозӣ намуд, ки ба ин васила фарогирии муҳассилин ба таҳсил рӯ ба афзоиш оварда, он барои соҳибмалумот гардидани аҳолӣ мусоидат кард. Махсусан, дар шароити иқтисоди бозаргонӣ омода кардани мутахассисони равияи техникии ҳирфаӣ ва таъмини корхонаҳои кишвар бо мутахассисон дар низоми таҳсилоти олии кишвар мавқеи бештар пайдо кард. Оид ба ин масъала

---

[1] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе, 1995.; Ҳамон муаллиф: Тоҷикистон: дар роҳи демократӣ ва ҷомеаи муттамаддин [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе, 1996.; Ҳамон муаллиф: Дирӯз ва имрӯзи Тоҷикистон [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 1997.; Набиева, Р. Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI [Матн] / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе, 2010.; Шакурӣ, М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе, 1999.; Бушков, В.И. История гражданской войны в Таджикистане [Текст] / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1996.

[2] Рахмон, Э. Независимость Таджикистана и возрождений нации [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе, 2006. – Т.1. – С.346.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи августи соли 1995 иброз доштанд, ки «Маориф бояд ҳар чӣ зудтар қолабҳои кӯҳнаро шикаста, ба фаҳмиши ҷомеаи демократӣ, ба маданияти нави сиёсӣ, ба маълумоти бозоргонӣ гирифтани аҳолӣ роҳ кушояд. Мо ҳар қадар аз ақидаҳои кӯҳнаю қолабии одаткардаи худ оид ба маориф зудтар даст кашем, ҳамон қадар зудтар таълим ва тарбияро ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздиктар мерасонем»[1].

Дар воқеъ, дар кишвари мо зарурати дигаргунсозии низоми таълим ва мутобиқсозии он ба стандартҳои ҷаҳонӣ ба миён омада буд. Зеро низоми таълимии донишгоҳҳои классикӣ ҳанӯз дар асри XXI мавқеи худро аз даст дода буданд ва Ҷумҳури Тоҷикистон низ баҳри ба низоми таҳсилоти олии ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми таҳсилоташ барномаҳо ва консепсияҳои нави давлатиро таҳияву тасдиқ ва роҳандозӣ намуд. Ҳукумати кишвар барои мустаҳкам кардани ҷойгоҳи донишҳои техникӣ дар низоми таҳсилоти олии кишвар ва ҷалби мақомоти дахлдори соҳа чанд санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба тасвиб расонид. Ғайр аз ин, барои ёрии рушди захираи зеҳнӣ, бозбинии самтҳои афзалиятноки илм ва татбиқи онҳо ҷиҳати ҳалли масоили муҳимми иқтисодиву иҷтимоӣ тадбирҳои мушаххас андешид. Дар ҷумҳурӣ таҳкими нерӯи илмию техникӣ яке аз шартҳои зарурии таҳкими иқтисодиёт ва татбиқи ҳадафҳои инноватсионии рушди стратегӣ дониста мешавад. Вобаста ба ин, чандин қонуну қарорҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки сиёсати давлатро дар соҳаи илм, аз ҷумла дастгирии нерӯҳои зеҳнӣ, рушди таҳқиқоти илмӣ, коркарду татбиқи технологияҳои нав дар истеҳсолот ва ғайра мушаххас месозанд. Дар ин радиф қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (аз 1998), «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 2002), «Дар бораи ихтироот» (аз 2004); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» (соли 2010) ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 1999), «Дар бораи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008» (аз 2003),

[1] Омӯзгор – 1995. - 5 май.

«Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015» (аз 2006), «Дар бораи тасдиқи Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» (аз 2008), «Дар бораи тасдиқи Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» (аз 2008), «Дар бораи Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» (аз 2009), «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзиву техникӣ барои солҳои 2010-2020» (2010), «Дар бораи тасдиқи Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» (аз 2010), «Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015» (таҳрири нав, аз 2011)[1] ва ғайраро ном бурдан мумкин аст.

Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии болозикр тамоми масъалаҳои рушди илм ва инноватсия бозтоб шудаанд. Барои мушаххас сохтани ин масъала моддаи 11 боби 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлат оид ба илму техника»-ро далел овардан кифоя аст, ки дар он мақсад ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар самти пешбурди илму техника чунин муқаррар шудааст: ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва навоварӣ (инноватсионӣ) ба воситаи низоми имтиёзҳои иқтисодӣ ва имтиёзҳои дигар; инкишофи фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва навоварӣ (инноватсионӣ) ба ташкил додани марказҳои давлатии илмӣ ва сохторҳои дигар[2].

Мавриди зикр аст, ки ҳамаи қонуну қарорҳои дахлдор ниҳодҳои соҳавӣ, аз ҷумла Вазорати маориф ва илми Ҷумҳуриро водор сохт, ки барои беҳтар кардани низоми таҳсилоти олии касбӣ ва тайёр кардани мутахассисони гуногун дар сатҳи ҷумҳурӣ, минтақа ва ҷаҳон чораҳои мушаххас андешад. Ҳамзамон, чандин асноди муҳимми соҳавӣ, аз қабили «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[3]», «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар

---

[1] Раҳмонов, А.А. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Раҳмонов, А.Б. Расулов, К.Ф. Қодиров, Х.С. Афзалов. – Душанбе, 2011. – С.106.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлат оид ба илму техника» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://majmilli.tj/қонуни-ҷт-дар-бораи-фаъолияти-илмӣ-ва/ (Санаи мурочиат. 24.01.2024)
[3] Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ:

Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 2.11.2007, №529), Низомномаҳои бакалавриат, мутахассис ва магистратура (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.12.2007, №650), Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2011, №552), «Низомномаи намунавӣ оид ба низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар таҳрири нав, қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2014, №18/2), «Низомномаи сессияи имтиҳонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2014, №18/5), «Низомномаи намунавии маркази тестии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2014, №18/6), «Низомномаи намунавии маркази бақайдгирӣ ва машварати муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2014, №18/7), «Низомномаи намунавии идоракунии сифати таҳсилоти Низомномаи намунавии идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2014, №18/8), «Низомномаи намунавӣ оид ба хадамоти мушовирони академӣ (эдвайзерон) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2014, №18/12), «Тартиби намунавии ҳуҷҷатгузории низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2014, №18/13)[1] ва ғайра таҳияву тасдиқ ва мавриди амал қарор гирифтанд, ки онҳо барои дигаргунсозии низоми таҳсилоти олии кишвар ва дар сатҳи зарурӣ тайёр кардани мутахассисон мусоидат намуданд. Барои татбиқи низоми

---

https://mtojikiston.tj/wp-content/uploads/2021/07/Консепсияи-рушди-таҳсилоти-касбӣ-дар-Ҷумҳурии-Тоҷикистон.pdf (Санаи муроҷиат: 10.11.2023).

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ [Матн]. Қ.1-2. – Душанбе, 2022, 2024.

кредитии таҳсилот зарурати таҷдиди назар намудани стандарти таҳсилоти олии касбӣ ба миён омад ва он дар таҳрири нав таҳти унвони «Стандарти таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 2.11.2011, №502) қабул гардид[1]. Дар асоси ин санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар вазифадор шудаанд, ки барои ҳамаи ихтисосҳои амалкунандаи муассисаи таълимӣ стандарти давлатӣ таҳия намоянд.

Бояд гуфт, ки дар радифи дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ донишгоҳу донишкадаҳои олии равияи техникии кишвар стандарти давлатӣ ва нақшаҳои таълимӣ таҳия ва тасдиқ намудаанд. Аммо таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт низ мушкилот ҷой доранд. Ба андешаи профессор Ҳ. Одиназода[2] дар донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникӣ бештари соатҳои таълимӣ ба фанҳои ҷомеашиносӣ ҷудо карда шудаанд. Донишҷӯ – мутахассиси оянда фанҳои асосии таълимиро бо назардошти маҳдудияти соатҳои таълимӣ аз бар карда наметавонад. Ҳамзамон, таълими фанҳо дар донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникӣ бо муайян намудани доираи омӯзиш мушаххас карда шаванд. Масалан, дар муассисаи таҳсилоти умумӣ фанни математика таълим дода мешавад. Дар донишгоҳ таълими дубораи он (такрор) муҳим нест. Танҳо мушаххас карда шавад, ки ин фан дар муассисаи таҳсилоти умумӣ то куҷо хонда ва дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз куҷо шуруъ карда шаванд. Мутаассифона, чунин мушкилот дар ҳамаи фанҳои таълимии низоми таҳсилоти олии кишвар ба назар мерасад.

Ба назари донишмандони соҳа ҳарчанд аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хонандагон ба равияҳо тақсим шуда бошанд ҳам, шавқу ҳавас ва рағбати довталабону донишҷӯён ба илмҳои техникӣ ҳанӯз камтар аст. То замони таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти мазкур чашмрас набуд. Аммо, имрӯз ин масъала бар асари камтаваҷҷуҳии довталабон ба донишгоҳҳои равияи техникӣ нисбат ба дигар равияҳо бештар мушоҳида мегардад. Натиҷаи ҳисоботи ин марказ собит намуд,

[1] Раҳмонов, А.А. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Раҳмонов, А.Б. Расулов, К.Ф. Қодиров, Х.С. Афзалов. – Душанбе, 2011. – С.106.
[2] Суҳбат бо д.и.т., профессори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ Ҳ. Одиназода (санаи суҳбат: 04.10.2023)

ки шумораи довталабони дар озмун комёбшуда ба муассисаҳои таълимӣ дар кластери якум (аз рӯйи кластерҳо) дар соли 2015 ҳамагӣ 64,91% иҷро шудааст. Тибқи нақшаи қабул дар соли 2015 ба кластери 1-ум 10698 нафар муайян гардида бошад, пас 6944 нафар довталаб муваффақ шудаанд. Дар соли 2016 иҷрои нақшаи қабул дар кластери 1-ум ба 83,6 дарсад баробар буд, вале мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар ин сол иҷрои нақшаи қабул дар кластери 4-ум ба 90,38 дарсад расид[1]. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳақиқат, донишгоҳҳои олии равияи техникӣ дар низоми таҳсилоти олии кишвар рӯ ба буҳрон доранд. Чунин камтаваҷҷуҳии довталабон ба ихтисосҳои равияи техникӣ ва зиёд будани теъдоди донишкадаву донишгоҳҳои олии ин самт боиси норасоии донишҷӯ дар донишгоҳҳо ва ба мушкилот дучор гардиани фазои таҳсилот ва илмии кишвар мегардад. Дар ҳоле ки ҷомеа, хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳама гуна илмҳо ва мутахассисони варзидаи соҳаҳои мухталиф эҳтиёҷ дорад.

Бояд гуфт, ки соли таҳсили 2014–2015 тибқи нақшаи қабули Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ мебоист 2105 донишҷӯ барои таҳсил ҷалб мешуд, вале аз рӯйи натиҷаи имтиҳони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 1411 довталаб ба дарёфти унвони донишҷӯ муваффақ гардид. Дар бахши буҷавӣ шумораи донишҷӯён 618 нафар, бо назардошти квотаи президентӣ (97,3%) ва гурӯҳҳои шартномавӣ ба 841 нафар (57%) расид. Маҷмуан, иҷрои нақшаи қабули донишҷӯён ба 67,0% баробар шуд. Чунин ҳолатро ректори донишгоҳи мазкур шарҳ дода, ифроз дошт, ки «Агар довталабон зиёда аз 700 нафар ба донишгоҳ қабул мешуданд, онҳо аз тариқи шартномавӣ буданд ва солона ба буҷети донишгоҳ зиёда аз 4 миллион сомонӣ ворид мешуд. Мутаассифона, бо сабаби кам роҳхат додан ба Донишгоҳи техникӣ ҳолате пеш омад, ки наздик ба 100 устод аз сабаби мушкилоти молиявӣ аз кор рафтанд»[2].

---

[1] Бойгонии ҷории Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи солонаи 2015-2016. – В.1.

[2] Қодирӣ, Ҳ. Ҳайдар Одинаев: ММТ ба ДТТ донишҷӯ кам пешниҳод кард [Матн] / Ҳ. Қодирӣ // Ҷумҳурият. – 2015. – 17 январ.

Аз ин бармеояд, ки шарҳу тавзеҳ ва манфиати назариявию амалии ҷамъи илмҳо дар миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ниёзи бештар дорад. Зеро иддае аз довталабони донишгоҳҳо ҳангоми интихоби ихтисосҳо ба мушкилот дучор мешаванд ва аз моҳияти ихтисосҳои интихобкардаашон хабар надоранд. Агар онҳо мавқеъ ва низоми донишҳои илмиро дуруст сарфаҳм раванд, дар интихоби ихтисос ва касби худ хато намекунанд. Зарур аст, ки ҷойгоҳи илмҳои техникӣ ва манфиати онҳо дар миёни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шарҳу тавзеҳи бештар дода шаванд.

Яке аз донишмандоне, ки масъалаи мавқеи илмҳои техникиро дар низоми донишҳои илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст, Ю.С. Мелешенко ба ҳисоб меравад. Мувофиқи андешаи ӯ илмҳои техникӣ бо илмҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ омехтаанд, зеро худи техника зуҳуроти иҷтимоӣ-табиӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, таъкид менамояд, ки донишҳои техникӣ дар байни занҷираи донишҳои табиӣ ва ҷомеашиносӣ қарор доранд[1].

Муҳаққиқони дигаре, ки ба омӯзиши ин масъала рӯ овардаанд, С.В. Шухардин ва И.А. Негодаев ба ҳисоб мераванд. Чунончи, С.В. Шухардин ҳангоми таснифи илмҳо ва мавқеи илмҳои техникӣ дар он ба муносибати илм, техника ва истеҳсолот аҳаммияти махсус додааст[2]. Ба андешаи муҳаққиқ, олами моддӣ на танҳо табиат, балки объектҳои техникии сунъӣ низ ба ҳисоб мераванд, зеро ҳамаи онҳо дар раванди маърифати илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ чунин шаклро гирифтаанд. Пас маълум мегардад, ки С.В. Шухардин ба илмҳои техникӣ ҳамчун ба низоми «илм-истеҳсолот» баҳо додааст.

Негодаев И.А. ҳангоми таснифи илм ба се ҷанбаи аслии он ишора менамояд[3]:

- Илм ба унвони бахше аз заҳмат, ҳавзаи хоси фаъолияти инсонӣ, ки ҳадафаш эҷоди дониш мебошад;

---

[1] Мелещенко, Ю.С. Техника и закономерности её развития [Текст] / Ю.С. Мелещенко. – Л., 1970. – С.108-110.
[2] Шухардин, С.В. Место технических наук в системе наук [Текст] / С.В. Шухардин // Развитие технических наук. Общетеоретические вопросы. – М., 1979. – С.12.
[3] Негодаев, И.А. Технические науки в системе современного научного знания [Текст] / И.А. Негодаев // Научно-техническая революция. Общетеоретические вопросы. – М., 1979. – С.21-43.

- Илм ҳамчун низоми муназзами дониш – маҳсули фаъолияти инсон;

- Илм ба унвони қудрати маънавии эҷод нирӯи мустақими тавлид дар ҷомеа аст.

Муҳаққиқ равобити илмҳои техникиро шарҳу тавзеҳ дода, се ҷанбаи онҳоро ба таври муфассал баён доштааст[1].

Роҳҳои дигари ба ҳам таъсиррасонии илмҳои табиӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки аз далелҳои таърихии илм вобастагӣ доранд. Таҳлили таърихӣ – илмии мавод нишон медиҳад, ки як объект метавонад ҳам ба рушди илмҳои техникӣ ва ҳам ба рушди илмҳои табиатшиносӣ таъсири мусбат расонад. Барои ин иншооти гидротехникӣ, гидроэнергетикӣ, геологияи муҳандисӣ мисол шуда метавонанд.

Ба ҳам алоқамандии илмҳои техникӣ ва табиатшиносӣ дар вазифаҳои онҳо низ дарҷ гардидааст, зеро мақсади ниҳоии илмҳои табиатшиносӣ маърифати моҳияти падидаҳо ва ёфтани қонуниятҳои онҳо ба шумор равад, пас барои илмҳои техникӣ истифодабарии ин қонуниятҳо мақсади асосӣ ба шумор меравад. Ба ҳамин монанд ба ҳам таъсиррасонии илмҳои техникӣ ва табиатшиносиро дар сатҳи истифодабарии усулҳои илмиашон мушоҳида намудан имконпазир аст.

Василев И.Г. доир ба муносибати байниҳамдигарии илмҳои техникӣ ва ҷомеашиносӣ дар маҷмуъ чунин андеша дорад: Муносибати онҳо ба таври объективона сурат гирифта, раванди истеҳсолоти ҷамъиятиро таъмин менамоянд.

Ҳамчун раванди таърихӣ аз муносибати байниҳамдигарӣ вобастагии ҷиддӣ доранд, зеро инсон барои қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ ба техника ниёз дорад ва дар навбати худ илмҳои техникӣ аз фаъолияти эҷодии инсон низ вобастаанд. Дар раванди муносибати байниҳамдигарӣ донишҳои техникӣ ба рушди шуури ҷамъиятӣ таъсири мусбат мерасонанд[2].

---

[1]Негодаев, И.А. Технические науки в системе современного научного знания [Текст] / И.А. Негодаев // Научно-техническая революция. Общетеоретические вопросы. – М., 1979. – С.21-43.
[2] Васильев, И.Г. Технические и общественные науки [Текст] / И.Г. Васильев // Специфика технических наук. – М., 1974. – С.224.

Ба андешаи муҳаққиқи дигар Г.И. Шеменев муносибати байниҳамдигарии илмҳои техникӣ ва ҷамъиятӣ заминаи табиӣ – иҷтимоии илм ба ҳисоб меравад[1]. Олими дигар В.В. Чешев ба ин назар аст, ки ба вуҷуд овардани фазои сунъӣ бо ду роҳ сурат мегирад: якум, талаботи ҷомеаро ба назар гирифта, техника офарида мешавад; дувум, дар натиҷаи мукаммал гардонидани техникаҳои содатар – техникаи нав ба вуҷуд оварда мешавад[2].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки илмҳои техникӣ бо илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ робитаи ногусастанӣ дошта бошанд ҳам, ҳар яки онҳо дар низоми илмҳо мавқеи худро дошта, нуқтаи ниҳоияшон ба нафъи ҷомеа хидмат намудан аст. Таърих гувоҳ аст, ки кадом ҷомеа илмҳои замонавиро дар сатҳи зарурӣ аз бар карда, табодули илмҳои гуногун (табиатшиносӣ, техникӣ ва ҷомеашиносӣ) – ро дуруст ба роҳ монда бошанд, ҳамон ҷомеа ба пешравиҳои назаррас рӯ ба рӯ мегардад.

Мавриди зикр аст, ки фаъолияти самарабахш ва пурнуфуз гардидани донишгоҳҳо аз фаъолияти омӯзгорон низ вобастагии ҷиддӣ дорад. Вобаста ба талаботи замон, вазифаҳои асосии ҳайати профессорону омӯзгорони донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникӣ на танҳо тарбияи мутахассисони замони муосир, балки инкишоф ва рушди ҳар як донишгоҳ ба уҳдаи онҳо вогузор гардидааст. Зарур аст, ки омӯзгори чунин муассисаҳо ҳатман дар истеҳсолот фаъолият дошта бошад, зеро робитаи донишҳои назарявӣ ва амалии соҳаро бояд хуб дарк намояд. Таҳқиқоте, ки аз ҷониби онҳо гузаронида мешаванд, бояд мубрам бошанду аз нигоҳи иқтисодӣ серхаридор[3]. Имрӯз дар аксарияти давлатҳои дунё давлат ба донишгоҳҳо маблағгузорӣ намекунад. Ҳайати профессору омӯзгорон аз ҳисоби барномаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳам буҷаи донишгоҳро пур менамоянд ва ҳам сатҳи зиндагии хешро баланд мебардоранд. Яъне модели нави донишгоҳҳои техникӣ талаб менамояд, ки дар назди онҳо пойгоҳи моддӣ-техникии инноватсионии худкифо мавҷуд бошад.

[1] Шеменев, Г.И. Философия и технические науки [Текст] / Г.И. Шеменев. – М., 1979. – С.35-36.
[2] Чешев, В.В. Техническое знание как объект методологического анализа [Текст] / В.В. Чешев. – Томск, 1981. – С.166.
[3] Карпов, А.О. Университет 3.0 - социальные миссии и реальность [Текст] / А.О. Карпов // Социологические исследования. – 2017. – №9. – С.114-124.

Аниқтараш бояд донишгоҳҳои техникӣ маркази гирдоварандаи тамоми истеъдодҳо ва интелектуалҳо бошанд ва онҳо қудрати илмии на танҳо даҳсолаҳо, балки панҷоҳсолаи бозори меҳнатро пешгӯӣ карда тавонанд ва мувофиқи он маҳсулот омода созанд.

Новобаста аз он ки модели сеюми донишгоҳҳои техникиро инноватсионӣ меноманд, аллакай баъзе аз мутахассисони соҳа ба буҳрон дучор гардидани онро тасдиқ мекунанд. Ба андешаи мутахассисон якум, зиёд гардидани як ихтисос барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ сифати омода намудани мутахассисро паст мегардонад. Масалан, дар давраи таҳқиқотӣ як ихтисос дар чандин донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникии кишвар ба назар мерасад. Мутаассифона, дар баъзе донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ҳатто дар ҳамон соҳа ҳадди ақал як мутахассис дар сатҳи номзади илм нест, аммо мутахассис омода мекунанд. Дувум, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии худ омӯзгор бояд ба лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотии фармоишӣ машғул гардад, ки ин вақти зиёдро мегирад. Сеюм, омӯзгорони модели сеюм илова бар доштани малакаи хуби педагогӣ ва дониши соҳавӣ бояд хусусияти ба тиҷорат машғул буданро низ дошта бошанд, яъне тавонанд, ки ба бозор молеро (маънавӣ ё моддӣ) пешниҳод намоянд, ки бозоргир бошад[1]. Илова бар ин, дар модели 3-юм донишгоҳ аз қувваи кории арзон (донишҷӯён) бемалол истифода бурда метавонад, агар пойгоҳи моддӣ-техникӣ, ба мисли Парки техникии ҷавобгӯ ба талабот дошта бошаду мененҷери хуб онро роҳбарӣ кунад. Дар донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии ҷумҳурӣ Паркҳои техникӣ фаъолият доранд, вале кори онҳо ба талаботи замон ҷавобгӯ нест.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон баъзе аз донишгоҳҳои пешрафта модели чорумро коркард кардаанд ва ҳатто баъзеҳояшон дар давраи гузариш қарор доранд. Донишгоҳҳои модели 4-ум донишгоҳҳои замони оянда буда, дар инкишоф додани технологияҳои пешрафтаи соҳаҳои мухталифи техникӣ пешсаф мебошанд. Дар ин навъи донишгоҳҳо низоми махсуси идоранамоӣ

---

[1] Богданов А.И. Эволюция идеи университета: прошлое, настоящее, будущее [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.science-education.ru/pdf/2015/1/1598.pdf (дата обращения 11.08.2023).

роҳандозӣ шудааст, ки дониш, таълим, тиҷорат ва ҳам олами виртуалӣ хело хуб истифода мегардад. Ба андешаи муҳаққиқон, мутахассиси оянда на танҳо малакаи хуби касбӣ дошта бошад, балки дар олами виртуалӣ (маҷозӣ) мавқеъ ёфта тавонад, ки инро бо забони илмӣ истифодабарандаи технологияи блокчейн меноманд[1]. Барои ба вуҷуд овардани чунин донишгоҳҳо, пеш аз ҳама интернети баландсуръат ва суперкомпютерҳо лозиманд, то ин ки кормандон ва донишҷӯён хабҳои махсусро тавассути барномаҳои компютерӣ сохта, роҳандозӣ намоянд. Яке аз хусусиятҳои асосии донишгоҳҳои насли оянда истифодабарии зеҳни сунъӣ ба ҳисоб меравад, яъне баъзе усулҳои идоранамоӣ ва аттестатсияи донишҷӯёнро барои кам гардидани субъективизм маҳз ақли сунъӣ бояд ба роҳ монад. Ҳатто баъзе аз мутахассисон пешгӯӣ доранд, ки таълим дар донишгоҳҳои оянда хусусияти инфиродиро касб менамояд, зеро баъзе аз фанҳои тахассусӣ ва ёридиҳанда хусусияти умумикасбиро доранд. Дарояндаи наздик таълими фосилавӣ мавқеашро мустаҳкамтар месозад ва донишҷӯёну омӯзгорони минтақаҳои гуногун метавонанд сари ягон масъалаи илмӣ баҳс намуда, низоми ягонаи бизнес, майдони эҷодии ягона ва фоидаи ягонаро ба вуҷуд биёранд[2].

Агар аз рӯи моделҳои зикршуда низоми таҳсилоти олии равияҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мушаххас намоем, онҳо ба модели сеюм рост меоянд, ки бояд ба чунин хусусиятҳояш аҳаммияти бештар дода шавад:

- Барои баланд бардоштани рейтинги байналмилалии донишгоҳҳои техникӣ бояд тадбирҳои судманд андешанд;
- Шароити мусоиди таълиму таҳқиқ ва таҳким бахшидани пойгоҳи моддӣ – техникии озмоишгоҳҳои онҳо;
- Таҷдиди Стандарту барномаҳои таълимии ихтисосҳои вобаста ба рушди илму техника;

---

[1] Нестеров А.В. Чем отличается университет 4.0 от университета 3.0: критические размышления [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://nesterov.su/%D1%87%D0%B5% (дата обращения 18.09.2023).

[2] Александрова, М.А. Природа и человек: экоориентированные стратегии практик современного образования [Текст] / М.А. Александрова, Н.А. Лисовская, О.Т. Лойко // Природа и общество: Технологии обеспечения продовольственной экологической безопасности. – М.: МАКС Пресс, 2016. – С.82-90.

- Дар назди Вазорати маориф ва илми кишвар Маркази ояндабинии касбҳои техникӣ бунёд карда шавад;

- Муҳимтар аз ҳама табодулу такмили ихтисоси байналмилалии омӯзгорон ба роҳ монда шавад.

Бояд гуфт, ки аз таҳлили ҳамаҷонибаи моделҳои донишгоҳҳо бо риояи принсипи таърихият маълум гардид, ки бо тағйири вақт донишгоҳҳо ба таҳаввулоти азим дучор гардидаанд. Бинобар ин, моро мебояд, ки ба таври таҷрибавӣ дар яке аз донишгоҳҳои техникии кишвар модели чаҳорумро ба роҳ монем ва сипас, ҷанбаҳои мусбату дастовардҳои онро дар дигар донишгоҳҳо амалӣ созем.

Дар шароити имрӯзаи постиндустриалӣ донишгоҳҳои техникӣ хусусияти нави инноватсионии ҷомеаро ба дӯш гирифтаанд, зеро тавассути онҳо кишварҳо соҳиби нуфузи зиёдтар гардида, пешрафти иқтисодию технологии хешро таъмин менамоянд. Инсоният ба кадом мушкилие рӯ ба рӯ нагардад, дар ниҳояти кор ба соҳаи маориф мурoҷиат менамояд, бинобар ин, соҳаи маориф дар ҳама давру замон соҳаи калидӣ ва аз бисёр соҳаҳо бояд на камтар аз даҳ сол пештар бошад, зеро ҳастии ҷамъиятиро пешгӯӣ менамояд ва роҳҳои пешрафтро барои омма манзур мекунад. Пас мебояд, ки дар соҳаи маориф, хусусан дар низоми таҳсилоти олии кишвар усулҳои мушаххаси илмӣ истифода шуда, бурду бохти ин соҳа муайян гардад.

Ба навиштаи олими рус В.Ф. Шаповалов, рушди муваффақомези ҳар давлате, дар ниҳоят ба сатҳи истифода, созгории ҷомеа бо технологияи муосир ва нақши онҳо дар пешрафти инқилоби илмӣ-техникӣ вобастагӣ дорад[1]. Пас моро мебояд, ки дар шуури миллӣ ва зеҳну тафаккури хеш маданияти истифодабарӣ ва майл намудани насли наврасро ба кунҷкобию кашфиёт ҳидоят намоем, то ин ки бо қадамҳои устувор ба пеш равем.

Ҳамин тариқ, дар замони муосир илмҳои техникӣ дараҷаи инкишофи босуръати худро нисбат ба дигар давру замонҳо пушти сар намуда истодаанд.

---

[1] Шаповалов, В.Ф. Основы философии. От классики к современности [Текст]: учебное пособие для вузов / В.Ф. Шаповалов. – М.: ФАИР-ПРЕСС, 1999. – 576 с.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда инсоният ба дастовардҳои даврони хеш қаноат надорад ва ҳамарӯза ба кашфиёти нав даст мезанад, ки аксарияти онҳоро соҳаи техникӣ ташкил медиҳанд. Мушаххас аст, ки илмҳои техникӣ бар асоси илмҳои бунёдии математика, физика, химия ва биология шакл гирифтанд ва мақсади асосии онҳо сохтани манзараи илмии нави олам ба ҳисоб меравад. Барои офаридани чашмандози илмии нав аз ҷаҳон аст. Дар ин самт корҳои зиёде барои эҷоди як чашмандози илмӣ аз ҷаҳон анҷом шудааст, ки онҳо то ҳанӯз кофӣ нестанд (ба вуҷуд омадани олами виртуалӣ, дастрасӣ ба компютерҳои дорои зеҳни сунъӣ ва ғ.).

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин муддат барои таҳсили шаҳрвандон ва беҳтар кардани низоми таҳсилоти олӣ, хусусан равияҳои техникӣ корҳои назаррас анҷом додааст. Чунончи:

- Таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа;
- Ифтитоҳи донишкадаҳову донишгоҳҳои олии равияи техникӣ. Агар дар ибтидои истиқлоли давлатӣ дар кишвар ҳамагӣ як донишгоҳи равияи техникӣ амал мекард, пас то соли 2016 шумораи онҳо ба 9 адад расидааст.
- Ифтитоҳи филиалҳои донишгоҳҳои равияи техникии хориҷӣ дар кишвар.
- Тайёр кардани омӯзгорони унвони илмидошта дар кишварҳои хориҷӣ;
- Дар тамоми донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар таъсис додани факултетҳои равияҳои техникӣ ва ғ.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи донишгоҳу донишкадаҳои равияҳои техникӣ дар инзоми таҳсилоти олии кишвар нишон дод, ки воқеан, дар давраи таҳлилшаванада онҳо ҳамқадами замон нестанд. Ҳарчанд ҳукумати кишвар барои беҳтар гардидани таҳсил ва омода кардани мутахассисони варзида дар донишкадаву донишгоҳҳои олӣ тадбирҳои саривақтӣ андешидааст, вале боз ҳам мушкилоти ҳалношудаи соҳа пойбарҷост.

Ба мисли:

- нақси стандарт ва нақшаҳои таълимӣ;
- такрори ихтисосҳо ва бозоргир набудани мутахассисони соҳа;

- такрори фанҳои таълимӣ ва хориҷ шудани фанҳои тахассусӣ аз нақшаҳои таълимӣ;
- норасоии пойгоҳи моддӣ-техникии матлуб ва иртиботи донишҳои назариявӣ ба амалӣ;
- норасоии мутахассис (номзади илм ва ё профессор)дар баъзе ихтисосҳо;
- такмили ихтисоси омӯзгорон дар хориҷи кишвар ва табодули таҷриба;
- маҳдудияти талабат бозори меҳнат барои мутахассисони соҳа ва норасоии ҷои кор дар баъзе ихтисосҳо ва ғайра.

## 1.2. Таъсиси донишгоҳу донишкадаҳои нави техникӣ дар Тоҷикистон

Ҳанӯз дар арафаи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва қабл аз эълони истиқлоли давлатӣ таваҷҷуҳ дар самти омода намудани кадрҳои равияи техникӣ ба миён омада буд. Зеро дар оғози даҳсолаи нуҳуми асри XX Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд ҶШСТ) бо сабаби таҳаввулоти сиёсӣ ва рушди низоми нави муносибатҳои иқтисодӣ ба мутахассисон-технологҳои таҳсилоташон олӣ ва соҳибтахассус эҳтиёҷ дошт. Дар ин самт эҳсоси норасоии мутахассисони маҳаллӣ тадриҷан бештар мегардид. Ин ва дигар мушкилоти соҳа боис гардид, ки ҳукумати ҷумҳурӣ ба таъсис ва бунёди донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникӣ иқдом намоянд.

Таъсис ва ифтитоҳи нахустин Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон дар пойтахти кишвар аз аввалин иқдомҳо дар ин самт дониста мешавад.[1] 14-уми сентябри соли 1990 ҷаласаи Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон таҳти сарварии И. Ҳаёев бо ширкати роҳбарони корхонаву муассисаҳои ҷумҳурӣ баргузор шуд. Дар он масъалаи муҳим – таъсиси донишгоҳи нави соҳаи техникӣ баррасӣ гардид. Раиси Шурои Вазирон И. Ҳаёев пешниҳод кард, ки дар ҷумҳурӣ барои тайёр кардани мутахассисони соҳибмаълумоти соҳаи техникаю технология донишгоҳи наве таъсис дода шавад, ки тамоми хароҷоти он ба уҳдаи корхонаву муассисоти хурду бузург вогузор гардад. Ҳозирин иқдоми мазкурро хуш пазируфтанд ва изҳор доштанд, ки дар тайёр кардани кадрҳои дорои маълумоти олӣ барои корхонаҳояшон ҳамдастӣ мекунанд. Масъулин ба хулосае омаданд, ки муассисаи таълимӣ бо номи Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон фаъолияташро ба роҳ мемонад ва бо назардошти норасоии мутахассисон дар корхонаҳо ва дархости онҳо мутахассисони соҳаи гидроэлектороэнергетика, металлургия, мошинсозӣ ва коркарди фулузот, мошин ва таҷҳизоти технологӣ, радиотехника ва алоқа, технологияи маҳсулоти хӯрокворӣ, технологияи молҳои сермасраф, сохтмон ва меъморӣ ва ғайра тайёр мекунад[2]. Дар коллеҷ ҷавонони

---

[1] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.5-7.

[2] Дар Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон [Матн] // Омӯзгор. – 1990. – 18 сентябр.

то 35 сола бо тавсияи корхонаҳои маблағгузор бо тариқи суҳбат қабул карда мешаванд. Муҳлати таҳсил бо назардошти барномаи таълимӣ аз 1,5 то 4,5 сол муқаррар карда шуд. Барномаҳои таълимӣ бо назардошти талаботи самти равияи ихтисосҳои соҳа тартиб дода мешавад, дарсҳо қисман дар синфхона ва қисми зиёдашон дар истеҳсолот бояд гузаронида шаванд. Муассисаву корхонаҳо барои ҳар як донишҷӯ соле тақрибан ҳафт ҳазор сум бояд ҷудо кунанд, ки ин маблағ барои идрорпулӣ (100 сум), маоши омӯзгорону таҷҳизоти идоравӣ сарф карда мешавад. Пас аз хатми коллеҷ мутахассисон ҳатман ба корхонаҳои сарпараст ба кор мераванд. Теъдоди қабул ба коллеҷ дар соли аввал 250 нафар ва таҳсил бо ду забон – русиву тоҷикӣ муқаррар карда шуд. Дар машварат қарор карда шуд, ки қабул ба коллеҷ то 15-уми октябр анҷом ёфта, таҳсил аз 1-уми ноябр оғоз мегардад. Дар фарҷоми машварат раиси Шурои Вазирони ҷумҳурӣ И. Ҳаёев аз ҳозирин дархост кард, ки дар ин кор бо масъулияти баланд муносибат намоянд, зеро ин икдоми нек дар ҳалли муҳимтарин масъалаи замон – таъмини эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ ба мутахассисони касбҳои нодир мусоидат мекунад.[1]

Ҳамин тариқ, тибқи қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 20-уми сентябри соли 1990 (№207), Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон дар асоси маблағгузории шартномавӣ аз ҳисоби маблағҳои корхонаю муассисаҳо ташкил карда шуд.[2] Аз рӯзҳои аввали таъсис Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон мақоми муассисаи таълимии олиро дошт ва вазифаи асосии он тайёр кардани технологҳо барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ буд.[3] Ба ҳайси ректори Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон номзади илмҳои физикаю математика П.А. Пулодов, ки он замон дар Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ба сифати мудири шуъба фаъолият дошт, таъйин гардид. П. А. Пулодов дар коллеҷи навтаъсис як зумра олимону донишмандони соҳаи илмҳои дақиқу гумантарӣ (Субҳон Ашуров, Нурулло Раҷабов, Алишер Фаромузов, Ҳайдархон Наҷмиддинов, Олимҷон Қосимов, Бобохон Ятимов)-ро ҷалб намуда, ба фаъолияти илмию таълимӣ

[1] Дар Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон [Матн] // Омӯзгор. – 1990. – 18 сентябр.
[2] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Ҳисоботи ректор барои солҳои 1998-2006.
[3] Ҳамон ҷо.

пардохтанд. Бо фармонҳои нахустини ӯ номзади илмҳои техникӣ, дотсент Н.Н. Шоев ба ҳайси проректор оид ба таълим, номзади илмҳои физикаву математика С.Ҳ. Наҷмиддинов ба вазифаи проректор оид ба илм ва равобити хориҷӣ, А.Ҷ. Фаромузов ба ҳайси проректор оид ба рушд таъйин гардиданд.[1]

Роҳбарияти ҳамонвақтаи коллеҷ дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуд, ки муассисаи таълимӣ дар омода намудани мутахассисон аз рӯйи панҷ равияи технологӣ: саноати хӯрокворӣ, саноати сабук, энергетика, сохтмон ва мошинсозӣ фаъолияти худро ба роҳ монад. Ҳамзамон, дар дохили равияҳои зикргардида ихтисосҳои саноати сабук, технология ва таҷҳизоти истеҳсоли наххои табиӣ, технологияи матоъ ва кешбофт, технология ва тахрезии маснуоти дӯзандагӣ, технологияи чарму муина, технология ва коркарди маснуоти чармин, тархрезии бадеӣ ва коркарди маснуоти саноати сабук, истеҳсоли саноати хӯрокворӣ, технологияи нон, маҳсулоти қаннодӣ, макаронӣ ва консентратҳои хӯрока, технологияи равғанкашӣ, консерва, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, равияи энергетика: гидроэлектроэнергетика, истгоҳҳои барқии ҳароратӣ; равияи сохтмон: технологияи маводи сохтмонӣ ва ғайра таъсис дода шуданд.

Моҳи сентябри соли 1991 раёсати муассисаи таълимии навтаъсис тавассути васоити ахбори умуми ҷумҳурӣ таблиғи ҳамаҷониба ба роҳ монда, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро барои дохил шудан бо коллеҷ даъват намуданд. Дар натиҷа, соли таҳсили 1990–1991 1700 нафар довталаб ба коллеҷ ҳуҷҷат супорид.[2]

Пас аз фароҳам омадани имкониятҳои мусоид бо Қарори Девони Вазирони ИҶШС (аз 29 июли соли 1991, №530) Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон ба Донишкадаи технологии саноати сабук ва озуқаворӣ табдили ном кард.[3] Дар ин асос, 2 сентябри соли 1991 Қарори Девони Вазирони ҶШС Тоҷикистон бо ҳамин мазмун интишор гардида, табдили Коллеҷи олии технологии Тоҷикистонро ба Донишкадаи технологии саноати сабук ва озуқаворӣ дар

[1] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.8.
[2] Ҳамон ҷо. – С.27-28.
[3] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Ҳисобот ректор барои солҳои 1998-2006.

шаҳри Душанбе тасдиқ намуд.[1] Донишкада бо шумули се факултет: факултети технологияи саноати хӯрокворӣ, факултети технологияи саноати сабук ва факултети механикӣ-энергетикӣ қабули довталабонро барои соли 1991–1992 ба роҳ монд[2]. Вале баъдтар бинобар сабаби даст кашидан аз ихтисосҳои «Гидроэлектроэнергетика» ва «Истгоҳҳои барқи ҳароратӣ» фаъолияти факултети механикӣ-энергетикӣ катъ карда шуд.

Донишкада барои фароҳам овардани фазои кории мусоид ва таълими дурусту тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат бо ҷалби олимону омӯзгорони ботаҷриба ба таҷдиди сохториву таъсиси кафедраҳо иқдом кард. Дар сохтори факултети технологияи саноати хӯрокворӣ кафедраи кимиё ва технологияи саноати хӯрокворӣ (мудираш номзади илмҳои химия, дотсент А.Ф. Муродова) ва кафедраи фанҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (мудираш номзади илмҳои иқтисодӣ К.Н. Николаев) фаъолият доштанд. Дар факултети технологияи саноати сабук чаҳор кафедра: кафедраи фанҳои муҳандисӣ (мудир–дотсент Н.Н. Шоев), кафедраи технологияи саноати сабук (мудир – номзади илмҳои техникӣ, дотсент Р.И. Бобохоҷаев), кафедраи физикаи умумӣ ва энергетикӣ (мудири кафедра дотсент Н.С. Абдуллоев) ва кафедраи тарҳрезии бадеӣ (мудир-З.Н. Ҳабибуллоев), кафедраи математикаи олӣ ва информатика (мудир – дотсент М.Ғ. Ғаниев) ва кафедраи забон (мудир – дотсент О. Х. Қосимов) амал мекарданд.

Новобаста аз вазъи номусоиди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии мамлакат бо талошу кӯшиши ҳамаҷонибаи коллективи донишкада таваҷҷуҳи хатмкунандагони мактабҳои ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ, довталабони ин боргоҳи маърифат дар манотиқи кишвар рӯз аз рӯз бештар мегардид. Бар ин асос, ҳукумати кишвар тибқи Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 19 феврали соли 1993, №80) ба Донишкадаи технологии Тоҷикистон мақоми донишгоҳро муносиб донист. Донишгоҳ дар давоми фаъолияти пурсамар бо ташкили ихтисосҳои гуногуну мутобиқ ба замони нав имкон фароҳам оварد, ки

[1] Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://tut.tj/?page_id=1364 (Санаи муроҷиат: 27. 11. 2023).
[2] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.8.

дар миёни дигар донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ мавқеи мустаҳкамро касб намояд. Донишгоҳ талаботи бозори меҳнат ва рушди илмҳои техникиро ба назар гирифта, ихтисосҳои нав кушод. Махсусан, соли 2008 се ихтисоси нав 1706 - «Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолии маводи хӯрока», 0709 - «Иқтисодиёт ва идора дар савдо ва хӯроки умумӣ», 1106 - «Истеҳсолоти рехтагарии металлҳои сиёҳ ва ранга» таъсис дода шуд[1].

Дар воқеъ, ин муассисаи олии навтаъсиси замони истиқлол ба унвони донишгоҳи бунёдӣ дар тарбияи мутахассисони равияҳои техникӣ хидмати шоиста анҷом медиҳад. Фаъолияти густарда ва ихтисосҳои фарогир ба таъсиси филиалҳои ин донишгоҳ дар дигар манотиқи кишвар заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳамин буд, ки ҳанӯз моҳи июли соли 1992 филиали донишкада дар шаҳри Хуҷанд ҳамчун шуъбаи хуҷандии Донишкадаи саноати сабук ва хӯроквории Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт[2]. Чун донишкада мақоми донишгоҳро соҳиб гашт, моҳи марти соли 1993 он ба филиали хуҷандии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон табдил дода шуд. Филиали мазкур зери сарварии С.Б. Ашуров ва М.Ғ. Ғаниев дар ҳамкории зич бо раёсати донишкада ва дастгирии ҳайати кормандонаш барои фаъолияти пурсамари муассиса пойдевори хуб бунёд намуданд. Ибтидо, таҳти сарварии С.Б. Ашуров ва баъдан, дар давраи роҳбарии А.Т. Мақсудов рушди бемайлони филиали донишгоҳ ба амал омад. Солҳои аввали фаъолияти филиал ҳамагӣ 50 нафар донишҷӯ таҳсил мекард. Вале тадриҷан шумораи муҳассилин бештар гардида, дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона то ба 1400[3] нафар расид. Давоми солҳои 1997–2005 муассисаи мазкурро 677 нафар бо ихтисосҳои гуногуни муҳандисӣ-техникӣ хатм карданд,

[1] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф,ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.5-7.
[2] Шарипов, А. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон [Матн]: воситаи таълимӣ барои омӯзиши курси махсус / А. Шарипов. – Душанбе, 2008. – С.107.
[3] Филиали Хуҷандии Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (Санаи муроҷиат: 27. 11. 2023).

ки онҳо дар муассисаву ташкилот ва корхонаҳои саноатии кишвар фаъолияти назаррас доранд[1].

Мавриди зикр аст, ки соли 2010 филиали мазкур бо филиали воқеъ дар шаҳри Хуҷанди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ ба донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ табдил дода шуда, аз сохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бароварда шуд[2]. Ҳамин тариқ, давоми 17 соли мавҷудияти филиали Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷандро метавон дар саҳифаҳои таърихи навини кишвар як дастоварди бузурги даврони соҳибистиқлолӣ номид.

Дигар донишкадае, ки дар замони истиқлол таъсис ёфт, Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон мебошад[3]. Гуфтан ҷоиз аст, ки Тоҷикистон сарзамини кӯҳсор аст ва 93 дарсади онро манотиқи кӯҳӣ ташкил медиҳад. Албатта, қӯҳҳое, ки қаърашон аз сарватҳои бузурги табиӣ ғанӣ аст. Ҳамаи ин сарватҳои табиии зеризаминӣ ва коркарди муассири онҳо дар шароити муосир омили муҳимми пешрафти иқтисоди мамлакат маҳсуб меёбанд. Барои рушди саноати кӯҳӣ–металлургии Тоҷикистон ашёи хоми сарватҳои табиӣ фаровон аст ва коркарди он садсолаҳо тараққиёти соҳаро таъмин менамояд.

Бояд зикр кард, ки заминаҳои рушди соҳа ҳанӯз дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ фароҳам омада буд. Дар даврони шуравӣ ин соҳаи ҳаётан муҳим ба мутахассисони касбии маълумоташон олӣ ва миёнаи махсус ниёз дошт. Аксар мутахассисони техникӣ, хусусан дар соҳаи геология ва кӯҳкорӣ хатмкардаи донишгоҳҳои кишварҳои иттифоқӣ, аниқтараш шаҳрҳои Москва, Ленинград (ҳоло Санкт–Петербург), Киев, Тошканд ва ғайра буданд[4]. Дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) аз рӯйи ду ихтисос дар сатҳи факултет мутахассиси техникӣ тайёр карда мешуд. Баъди заволи Иттиҳоди Шуравӣ ва душвориҳои ба миёномада мутахассисони касбӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон рафтанд. Инчунин, бо сабаби аз

[1] Филиали Хуҷандии Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (Санаи муроҷиат: 27. 11. 2023).
[2] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.13.
[3] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.4.
[4] Ҳамон ҷо. – С.17.

кор мондани бисёр корхонаҳои соҳа, талабот ба мутахассисони соҳаҳои саноати кӯҳӣ-металлургӣ кам гардид. Аммо ба ин нигоҳ накарда саноати кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон норасоии мутахассисонро эҳсос мекард.

Дар чунин вазъи ногувор, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2006 ба Маҷлиси Олӣ инкишофи саноати коркарди сарватҳои табииро ба унвони як самти имтиёзбахши сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол муаррифӣ карданд, ки пешрафти он дар доираи чанд лоиҳаи барномавӣ, аз ҷумла тайёр кардани мутахассисони маълумоти олидори соҳа амалӣ мешуд. Дар он нишаст, баҳри татбиқи ин ҳадаф «ба вазоратҳои иқтисод ва савдо, маориф, саноат, Саридораи геологияи тоҷик супориш дода шуд, ки бо мақсади минбаъд ривоҷ додани тайёркунии мутахассисони соҳа ба Ҳукумати Тоҷикистон хулоса ва пешниҳоди худро оид ба таъсис додани Донишкадаи давлатии геология ва маъдани Тоҷикистон дар заминаи Техникуми геологии Душанбе ва Коллеҷи кӯҳӣ-металлургии Чкалов ва қабули донишҷӯён барои соли таҳсили 2006–2007 пешниҳод намояд[1]».

Дар асоси Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ соли 2006 Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар шаҳри Чкалов (ҳоло ш. Бӯстон) таъсис ёфт.[2] Соли таҳсили 2006–2007 аввалин донишҷӯён аз рӯйи 10 ихтисос бо шумораи 344 нафар дар донишкадаи мазкур қабул карда шуданд[3]. Соли таҳсили 2007–2008 ба донишкада 695 нафар донишҷӯ, аз ҷумла дар шуъбаи рӯзона 492 нафар ва дар шуъбаи ғоибона 203 нафар дохил шуданд. Дар ин давра дар донишкада аз рӯйи се равияи асосӣ: - 651300 металлургия, - 650600 корҳои кӯҳӣ, - 651400 технологияи мошинсозӣ ва таҷҳизот ба роҳ монда шуда буд.

Соли 2008 муассисаро 176 нафар мутахассиси ҷавон аз рӯйи 9 ихтисос: радиоалоқа, радиошунавонӣ ва телевизион, системаҳои бисёрканалаи

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2006 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://prezident.tj/taxonomy/term/5/68?page=1 (санаи муроҷиат 10.02. 2021).
[2] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.58.
[3] Ҳамон ҷо. – С.59.

телекоммуникат-сионӣ, таъмини барқ, системаҳои автоматикунонидашуда ва коркарди ахбор ва идоракунӣ, ташкили ҳаракат дар роҳҳо, автомобил ва хоҷагиҳои автомобилӣ, коркарди зеризаминии конҳои канданиҳои фоиданок, коркард ва истифодабарии конҳои нафту газ, сохтмони роҳи оҳан, роҳҳо ва хоҷагиҳои роҳ ба корхонаҳои КВД Роҳи оҳани вилояти Суғд, шуъбаи суғдии иттиҳодияи «Тоҷикэйр», шуъбаҳои алоқаи муассисаи «Тоҷиктелеком», хоҷагиҳои коркард, махзанкунӣ ва фурӯши маҳсулоти нафту гази вилояти Суғд, корхонаҳои саноати кӯҳӣ ба мисли ҶМТКММ «Апрелефка», ҶММТАКМ «Анзоб» ва ғайра ба кор фиристода шуданд[1].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ давра ба давра сохтори донишкада такомул ёфт. Чунончи, дар соли таҳсили 2009 дар сохтори донишкада 11 кафедра бо фарогирии 83 нафар омӯзгор фаъолият менамуд, ки аз ин шумора 7 нафар доктори илм, профессор, 17 нафар номзади илм, дотсент, 41 нафар муаллими калон, 18 нафар ассистентро ташкил медоданд. Аз теъдоди умумӣ 29% омӯзгорони дорои дараҷаи илмӣ буданд, ки ин барои донишкадаи навтаъсис нишондиҳандаи хуб ба ҳисоб меравад[2].

Соли таҳсили 2009–2010 баъди бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ 465 нафар довталаб ба ҳайси донишҷӯ ба донишкада қабул шуданд.

Аз соли 2009 вобаста ба тағйироти таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳои таҳсилот (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни 2007, №349) рамз, номгӯи равия ва ихтисосҳои соҳаи таҳсилот боз бо ҳам мутобиқ сохта шуданд. Аз ҷумла, 510201 корҳои маркшейдерӣ, 510201-01 корҳои кушоди кӯҳӣ, 510201-02 корҳои зеризаминии кӯҳӣ, 510201-03 бойгардонии канданиҳои фоиданок, 510202 коркард ва истифодабарии конҳои нафту газ, 700201-06 – сохтмони шахтавӣ ва зеризаминӣ, 420101-01 – металлургияи металлҳои ранга, 420101-05– металлургияи захираҳои техногенӣ ва коркарди маротиби дуюм, 25010711–иқтисодиёт ва идора дар корхонаи саноатӣ, 330101-05–ҳифзи муҳандисии муҳити зист, 360101 – технологияи

---

[1] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.64.

[2] Бойгонии ҷории Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2018.

мошинсозӣ, 360101 – мошинҳо ва таҷҳизоти кӯҳӣ, 430103-01 – таъмини корхонаҳои саноатӣ бо барқ, 440101 – ташкили ҳамлу нақл ва идора дар нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ[1].

Вобаста ба ин, дар соли таҳсили 2009–2010 кафедраҳои таҷҳизот ва мошинсозӣ, иқтисодиёт ва идоракунӣ, математикаи олӣ ва информатика, механика, сохтмон ва графикаи муҳандисӣ, металлургия, экология ва корҳои нафту газ, фанҳои табиӣ-илмӣ, таъминоти барқӣ, корҳои коркарди канданиҳои фоиданок, фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоӣ ва забонҳо ба фаъолият оғоз намуданд.

Бо қарори Шурои олимони донишкада аз 5. 09. 2009, таҳти №1 сохтори донишкада дар шакли зерин аз нав тасдиқ карда шуд: факултети корҳои кӯҳӣ, ки дар он кафедраи корҳои коркарди канданиҳои фоиданок бо ихтисосҳои 510201-01 – корҳои кушоди кӯҳӣ, 510201-02 – корҳои зеризаминии кӯҳӣ, 510201-03 – бойгардонии канданиҳои фоиданок, кафедраи экология ва корҳои нафту газ бо ихтисосҳои 330101-05 – ҳифзи муҳандисии муҳити зист, 510202 – коркард ва истифодабарии конҳои нафту газ, кафедраи сохтмон ва графикаи муҳандисӣ бо ихтисосҳои 700201-06 – сохтмони шахтавӣ ва зеризаминӣ, 510201 – корҳои маркшейдерӣ, кафедраи забонҳо шомил гаштанд[2].

Факултети металлургия бо фарогирии кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ бо ихтисосҳои 25010711 – иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои истеҳсолӣ, 440101 – ташкилу ҳамлу нақл ва идора дар нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ, кафедраи металлургия бо ихтисосҳои 420101-01 – металлургияи металлҳои ранга, 420101-05 – металлургияи захираҳои техногенӣ ва коркарди маротиби дуюм, кафедраи фанҳои табиӣ-илмӣ, 440101 – ташкили ҳамлу нақл ва идора дар нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ, кафедраи фанҳои гуманитарӣ–иҷтимоӣ фаъолият доштанд.

Факултети дигар донишкада энергомеханика унвон дошта, дар он кафедраи таҷҳизот ва технологияи мошинсозӣ бо ихтисосҳои 360101 – технологияи мошинсозӣ, 361001 – мошинҳо ва таҷҳизоти кӯҳӣ, кафедраи

---

[1] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.66.

[2] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.67.

таъминоти барқӣ бо ихтисосҳои 430103-01 – таъмини корхонаҳои саноатӣ бо барқ, кафедраи механика, кафедраи математикаи олӣ ва информатика фаъолият доштанд.

Ҳамин тариқ, соли хониши 2011–2012 дар донишкада 12 кафедра фаъолият доштанд, ки шумораи умуми омӯзгорони онҳо ба 150 нафар мерасид. Аз ин ҳайат 4 нафарро доктори илм, профессор, 33 нафар номзади илм дотсент, 56 нафар сармуаллим ва 37 нафар ассистент ташкил медоданд.[1]

Донишҷӯён аз рӯйи 14 ихтисос таълим мегирифтанд, ки шумораи онҳо ба 2015 нафар расида буд. Дар ин радиф, 1661 донишҷӯ дар шуъбаи рӯзона ва 374 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил менамуд. Дар он сол ба сафи донишҷӯёни донишкада 520 нафар қабул гардид, ки 5 нафарашон дар асоси квотаи президентӣ ба номи донишҷӯӣ мушарраф шуданд[2].

Дар ин соли таҳсил 292 нафар хатмкунандагон баъди бомуваффақият супоридани имтиҳоноти давлатӣ ва ҳимояи лоиҳаи дипломӣ донишкадаро хатм намуда, соҳиби дипломи муҳандисӣ гардиданд.

Зиёд гардидани шумораи ихтисосҳо, ба талаботи замон ва бозори меҳнат мутобиқ гардонидани онҳо тақозо дошт, ки сохтори донишкада бозбинӣ шуда, кафедраҳои нав таъсис дода шаванд. Дар ин асос, соли 2013 кафедраи механика ба кафедраҳои ташкили ҳамлу нақл ва фанҳои умумитехникӣ, кафедраи экология ва нафту газ ба кафедраҳои экология ва корҳои нафту газ ҷудо шуда, кафедраи варзиш ва мудофиаи шаҳрвандӣ таъсис дода мешавад.

Ҳамин тавр, Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии бонуфуз дар омода кардани кадрҳои техникӣ ба ҳисоб мерафт.

Муассисаи таълимии дигаре, ки дар солҳои истиқлоли давлатӣ таъсис ёфт, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон мебошад. Донишкадаи мазкур дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3.05.2006, №211)

---

[1] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.72.

[2] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.73.

ба унвони массисаи таҳсилоти олии зерсохтори Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Қурғонтеппа (ҳоло шаҳри Бохтар) таъсис дода шуд. Дар соли аввали фаъолият 343 донишҷӯ барои таҳсил ба факултети электроэнергетикӣ ҷалб шуд. Соли 2011 шумораи хатмкунандагон дар ин донишкада ба 176 нафар расид. Муҳлати таҳсил дар зинаи бакалавр 4 сол, дараҷаи мутахассис 5 сол ва дар шуъбаи ғоибона 6 сол муқаррар шуда буд. Дар ин асос ба хатмкунандагон бо дараҷаи бакалавр ва мутахассис диплом дода мешуд[1].

Мавриди зикр аст, ки аз 15 августи 2016 бар асоси фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№61) бинои Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи махсусгардонидашудаи ноҳияи Бохтар»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҷамоати деҳоти Бохтариёни ноҳияи Кӯшониён) пас аз таъмири ҷорӣ ба тавозуни Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон»"-и Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд[2].

Дар донишкада мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои 1-430101 - «Неругоҳҳои барқӣ», 1-430103 - «Таъмини барқ» (аз рӯйи соҳаҳо), 1-530105 - Автоматикунонии ҳаракатҳо ва роҳҳои барқӣ, 1-530104-03 - «Автоматика ва ҳифзи релеии дастгоҳҳои барқӣ», 1-430105-05 – «Манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия», 1-700401- 01 – «Сохтмони гидротехникӣ», 1-270101-10 – «Иқтисодиёт ва идоракунӣ (дар энергетика)», 1-430102 – «Низом ва шабакаҳои энергетикаи барқӣ», 1-700401-03 – «Сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳои обию барқӣ», 1-530104-05 – «Воситаҳои техникии назорат ва ҳисоби истифодаи энергия», 1-430107 - «Истифодабарии техникии таҷҳизоти барқии муассиса» тайёр карда мешаванд.

Соли 2016 дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Бохтар тақрибан 1700 нафар донишҷӯ дар риштаҳои гуногун, аз рӯи 12

---

[1] Амирхон, А. Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016) [Матн]: дисс... номз. илм. таърих: 07.00.02 / Алишери Амирхон. – Данғара, 2022. – С.64.

[2] Донишкадаи Энергетикии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/Донишкадаи_энергетикии_Тоҷикистон (Санаи муроҷиат: 16.11.2022).

ихтисос таҳсил доштанд. Дар ин радиф, 1140 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 570 нафар дар шуъбаи ғоибона таҳсил мекарданд. Ҳамчунин, 101 донишҷӯ дорои квота ва 34 нафар ятиму бепарастор буданд[1].

Дар донишкада барои пешбурди фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ 120 нафар устоду омӯзгор таълим медоданд, ки дар ин миён 12 нафар номзади илм ва 16 нафар унвонҷӯ буданд[2].

Бояд гуфт, ки соли 2015 барои корҳои таъмиру сохтмон дар факултети электромеханика 1,5 миллион сомонӣ харҷ гардид, он бинои дуошёнаи маъмурию таълимӣ, толори варзиш, маҷлисгоҳ ва таҳхона дошт. Дар бинои таълимӣ 9 ҳуҷраи корӣ ва 8 синфхона ҷойгир аст[3].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми боздидашон аз Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ба масъулони соҳа дастур доданд, ки ба сифати таълиму тадрис, махсусан донишандӯзии донишҷӯён дар факултети электромеханика диққати хосса зоҳир карда шавад, зеро энергетика аз бахшҳои ҳаётан муҳим ва ояндадори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Зимнан, ба навсозии бинои донишгоҳ, хобгоҳ ва таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникӣ баҳои хуб доданд. Дар бинои хобгоҳ ҳамаи шароит барои буду боши донишҷӯён фароҳам шудааст[4].

Фармоишгари корҳои навсозӣ дар 5 бинои хобгоҳ (барои 880 ҷой) Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии назии Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пудратчии иншоот ҶДММ Салмонсохтмон, ҶДММ Осоиш ва ҶДММ Насби нур буданд. Арзиши навсозии биноҳои хобгоҳ 13 миллиону 658 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла барои таъмиру тармим 10

---

[1] Ифтитоҳи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/12802 (Санаи муроҷиат: 16.11.2022).

[2] Ифтитоҳи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.tvt.tj/iftitokhi-donishkadai-energetikii-tochikiston-dar-nokhiyai-bohtari-viloyati-hatlon (Санаи муроҷиат: 20.11.2023).

[3] Ифтитоҳи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.tvt.tj/iftitokhi-donishkadai-energetikii-tochikiston-dar-nokhiyai-bohtari-viloyati-hatlon (Санаи муроҷиат: 20.11.2023).

[4] Ҳамон ҷо. (Санаи муроҷиат: 20.11.2023).

миллиону 158 ҳазор сомонӣ ва харҷи таҷҳизот 3,5 миллион сомонӣ ҷудо гардид[1].

Муассисаи дигари навтаъсиси замони истиқлол Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд мебошад. Донишкада 12 феврали соли 2010 дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№58) таъсис дода шуд[2]. Чи тавре ки дар фавқ зикр гардид, таъсиси донишкада дар заминаи иттиҳоди филиалҳои хуҷандии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба амал омад. Аз он давра то донишкада таҳти роҳбарии А.Т. Мақсудов (2010–2014), Д.С. Мансурова (ноябри 2014 – апрели 2015) ва Д.Р. Саидӣ (Аз апрели 2015) ба муваффақити бузург ноил гардид[3].

Бояд гуфт, ки муассисаи мазкур аз рӯйи 19 ихтисоси бакалавр (3 ихтисос рӯзона ва бакалавр), 16 ихтисоси магистратура, 8 ихтисоси докторантура (PhD), 11 ихтисоси аспирантура, 2 ихтисоси докторантура ва 11 равияи курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишии касбӣ иҷозатнома дорад. Ҳар сол тақрибан дар донишкада 750–800 мутахассиси техникӣ омода карда мешавад.

Дар факултети информатика ва энергетика муҳандисону олимони соҳаи таъмини барқ, энергетика, электроника, телекоммуникатсия, таъминоти барномаи компютерӣ, дар факултети сохтмон ва нақлиёт муҳандисони сохтмон, саноати масолеҳи сохтмонӣ, хидматрасонии автомобилӣ ва ташкили ҳамлу нақл дар нақлиёт, меъморон, дар факултети муҳандисӣ–технологӣ технологҳои касбие чун агротехнологи хоҷагиҳои деҳқонӣ, моделйер-конструктор ва ташкилотчии соҳаи маҳсулоти

---

[1] Ифтитоҳи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.tvt.tj/iftitokhi-donishkadai-energetikii-tochikiston-dar-nokhiyai-bohtari-viloyati-hatlon (Санаи муроҷиат: 20.11.2023).
[2] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.13.
[3] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.14.

дӯзандагӣ, технолог-ташкилотчии серсоҳаи саноати хӯрокворӣ ба камол мерасанд[1].

Донишкада замоне таъсис ёфт, ки дар кишвар соли маориф ва фарҳанги техникӣ ҷараён дошт. Дар ин асос роҳбарият ва коллективи донишкада барои беҳтар кардани низоми таълим ва татбиқи асноди расмӣ ҷиҳати беҳтар сохтани сатҳи мутахассисон чораҳои мушаххас андешиданд. Барои иҷрои чунин корҳои мусоид, аз ҷумла таҳияи стандарту нақшаҳои таълимӣ ва силлабусҳо барои ҳамаи ихтисосҳои амалкунанда хидмати донишмандони донишкада ба мисли А.Т. Мақсудов, М.Ғ. Ғаниев, Х.Т. Мақсудов, Т.Ё. Холматов беназир аст. Барои татбиқи ин нақшаҳову стандартҳо роҳҳо ва усулҳои гуногуни тарбия намудани мутахассисон зарур буд. Фаъолияти софдилона ва ғамхоронаи роҳбарони алоҳида ва коллективи донишкада самараи нек ба бор овард. Аз ҷумла, дар донишкада низоми алоҳидаи кафолати сифат, низоми иттилоотии идоракунии донишкада дар асоси технологияҳои интернетӣ, низоми доимоамалкунандаи такмили ихтисоси омӯзгорон бунёд ва марказҳои тестӣ, бақайдгирӣ, банақшагирии стратегӣ ва идораи сифат ташкил шуданд. Дар ин робита ҳамаи синфхонаҳо бо тахтаи электронӣ, проектор ва озмоишгоҳҳо мутобиқи талаботи нави равияҳои техникиву технологӣ бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардиданд. Шаш озмоишгоҳи нав ба истифода дода шуд[2]. Донишкадаи мазкур барои баргузории дарсҳо дар фасли зимистон ягон мушкилот надорад, зеро синфхонаву утоқҳои корӣ бо маркази гармидиҳӣ пайваст мебошанд. Дар чунин шароити мусоид донишҷӯёну устодони донишкада дар фасли сармо метавонанд бе ягон мушкилот ба дарсҳои худ расидагӣ намоянд. Барои назорати пайвастаи ҳайати омӯзгорону донишҷӯён дар биноҳои таълимӣ таҷҳизоти электронии воридшавӣ ва дар синфхонаҳои таълимӣ камераҳои назоратӣ насб карда шуданд. Чунин иқдом барои риояи интизоми меҳнат дар

[1] Бойгонии Донишкада. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010–2018.
[2] Таърихи донишкада [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.kbtut.tj/index.php?pg=tarikh (Санаи муроҷиат: 16.12.2022).

миёни коллектив ва тарбияи дурусти донишҷӯён мусоидат менамояд. Донишкада дар доираи имкониятҳо соли 2014 бинои нави таълимӣ сохтаву мавриди истифода қарор дод. Ифтитоҳи бинои мазкур имкон дод, ки таълим аз ду баст дар як баст гузаронида шавад. Донишкада донишҷӯёни аз шаҳру навоҳии дурдастро бо хобгоҳ таъмин менамояд. Хобгоҳҳои донишкада бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз мебошанд[1].

Низоми дохили донишкадавии кафолати сифат ва низоми иттилоотии идоракунии донишкада ҷараёни таълим, рафти баргузории таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва иҷрои рисолаи хатмро ба таври комил назорат мекунад. Сифати силлабуси фанҳо, маводи тестӣ барои маркази тестӣ, раванди дарси устодон ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён ба василаи назорати экспертӣ, низоми баҳогузории ҳаррӯза ва ҳавасмандии шогирдон аз низоми иттилоотӣ, пурсиши мунтазами ҳамаи донишҷӯён (бемуайянкунии шахсият) дар ҳар семестр, коркарди натиҷаҳои пурсиш бо истифодаи технология ва таҷҳизоти муосири компютерӣ, имтиҳони маъмурӣ бидуни ширкати омӯзгори фаннӣ, қайди ҳаррӯзаи давомоти донишҷӯён дар низоми иттилоотӣ ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз тарафи нозирони маркази бақайдгирӣ хеле назаррас гардид[2]. Системаи иттилоотии идоракунии донишкада, маркази тестӣ, шабакаи компютерӣ комилан тавассути кормандону донишҷӯёни донишкада бе ҷалби мутахассисони берунӣ барномарезӣ шуданд ва баҳогузории мусбии он аз тарафи намояндагони дигар макотиби олии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ нишон дод, ки дар ҳақиқат, сатҳи омодасозии кадрҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ – коммуникатсия дар донишкада ба дараҷаи байналмилалӣ созгор аст.[3]

Дар донишкада соли 2010 бори аввал дар миёни макотиби таҳсилоти олӣ Маркази тестӣ кушода шуд, ки донишҷӯён ҳамаи имтиҳонҳои ҷориро

---

[1] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.26.
[2] Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С, Осимӣ дар ш. Хуҷанд [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://old.ttu.tj (Санаи муроҷиат: 16.12.2022).
[3] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.25.

бидуни дахолати инсонӣ бо истифода аз технологияи навтарин месупориданд. Чунин таҷриба дар дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар низ роҳандозӣ карда шуд. Албатта, ин шакли қабули имтиҳон ба коҳиши омилҳои коррупсионӣ ва баҳогузории дониши воқеии донишҷӯён мусоидат кард. Ғайр аз ин дар донишкада соли 2015 ҷиҳати танзими низоми таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун воҳиди махсус–Маркази таҳсилоти фосилавӣ кушода шуд[1].

Ҳамин тавр, донишкадаи мазкур аз замони таъсис то соли 2016 барои ворид кардани технологияи навтарин ба ҷараёни таълим, коркарди барномаҳои махсуси техникӣ ҷиҳати назорати рафти таълим ва тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои техникӣ нақши муаассир дорад.

Мавриди зикр аст, ки ифтитоҳи филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе ба рушди илму техникаи Тоҷикистон ва тарбияи муҳандисони ҷавобгӯи талаботи имрӯза мусоидат кард. Донишгоҳи мазкур соли 2012 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ректори ДМТТ «МИСиС» Д.В. Ливанов намояндаи махсуси Президенти Федератсияи Россия Касачес Константин Иосифович ифтитоҳ ёфт.[2] Дар маросими ифтитоҳи донишгоҳи мазкур Президенти мамлакат иброз доштанд, ки «Акнун насли навраси мо, бинокорони ояндаи Тоҷикистон, имконияти фараҳбахше доранд, ки ба қуллаҳои илм расида, дар бинои ин намояндагӣ маълумоти хушсифат ба даст оранд. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи намояндагии донишгоҳи «МИСиС» он аст, ки дар раванди таҳсилот баробари профессорону омӯзгорони донишкадаи олии асосӣ мутахассисони таҷрибадори мо, ки курсҳои такмили ихтисосро дар кафедраҳои асосии «МИСиС» хатм намудаанд, иштирок менамоянд»[3].

---

[1] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.11.
[2] Маорифпарвар [Матн]. – Душанбе, 2008. – С.40.
[3] Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи намояндагии Донишгоҳи миллии тадқиқоти технологии Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи «МИСиС» - и Маска [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/924 (Санаи муроҷиат: 16.12.2023).

Соли таҳсили 2012–2013 ба филиали номбурда дар шаҳри Душанбе донишҷӯён аз рӯйи шаш равия ва нуҳ ихтисос қабул гардиданд.

Яке аз хусусияти хосси филиал ин аст, ки ҳайати профессорону устодони Русияву Тоҷикистон ба ҳам омада, ба таълиму тадриси донишҷӯён машғуланд. Хусусан, саҳми устодони Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС» дар ин ҷода назаррас мебошад. Ҳамзамон, омӯзгорони ин филил дар донишгоҳҳои пойгоҳии шаҳри Москва аз такмили ихтисос гузаштанд. Дар солҳои аввали таъсиси филиали донишгоҳ зиёда аз 40 устод ва корманди соҳибтаҷриба ба таълиму тадриси донишҷӯён машғул буданд, ки ҳамагӣ дар муассисаҳои олии Федератсияи Русия донишҳои худро такмил дода буданд[1].

Қаблан дар филиал се озмоишгоҳи таълимӣ аз фанни физика, ду озмоишгоҳ аз фанни химия, се синфхонаи компютерӣ, китобхонаи анъанавӣ ва қироатхонаи электронӣ, ки бо китобхонаи донишгоҳи базавӣ пайваст буданд, фаъолият менамуд. 5 майи соли 2017 донишкада барои пешбурди фаъолияти таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ иҷозатнома (АУ, №0002272, №2876) дарёфт намуд, ки дар заминаи он дар муассиса аз рӯйи 33 ихтисоси зинаи бакалавр ва аз рӯйи 10 ихтисоси зинаи магистратура мутахассис тайёр карда мешавад[2].

Соли таҳсили 2016–2017 устодони 14 кафедра дар 5 факултети донишкада ба 2162 нафар донишҷӯ дарс медоданд. Давра ба давра сохтори донишгоҳи мазкур мукаммал гардида, шумораи зиёди муҳассилинро ба таҳсил фаро гирифт.

Бояд ёддовар шуд, ки яке аз дигар мактабҳои олии навтаъсиси ҷумҳурӣ филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара мебошад. Муассисаи мазкур дар тарбия ва омодасозии мутахассисони соҳаҳои муҳандисӣ-техникӣ, аз ҷумла дар риштаҳои технологӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ, механикӣ, педагогӣ ва дизайнерӣ саҳми арзанда

---

[1] Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (Санаи муроҷиат: 21.10.2023).

[2] Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (Санаи муроҷиат: 21.10.2023).

дорад. Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 2-юми майи соли 2012 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№218) дар шаҳри Исфара ифтитоҳ ёфт[1]. Аз замони ташкил дар сохтори филиал 1 факултет ва 4 кафедраи тахассусӣ амал мекард. Устодони филиал аз рӯи 11 ихтисос барои пешбурди соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар мутахассис тайёр менамояд.

Фаъолияти таълимии филиал дар асоси иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (АУ № 0002177, аз 16.11.2016) тарҳрезӣ шуда, аз рӯйи 11 ихтисоси дараҷаи бакалавр мутахассис тайёр мекунад[2].

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб (собиқ филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон) яке аз муассисаҳои пешбари таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Аз марти 2015 филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) дар шаҳри Кӯлоб бо Қарори Ҳукумати кишвар ба Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Аз ибтидои таъсис дар чор факултети Донишкада барои таъмини бозори меҳнат мутахассиси касбӣ омода карда мешавад[3].

Хулоса, дар замони истиқлол Ҳукумати кишвар ба таъсис ва ташкили донишкадаву донишгоҳои техникии мамлакат аҳаммияти махсус зоҳир намудааст. Дар як марҳалаи на чандон тулонӣ, аниқтараш дар 20 соли замони истиқлол чандин донишгоҳҳои равияи техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шуд. Натиҷаи таҳқиқи адабиёти илмӣ, маводи бойгониҳои ҷорӣ ва ВАО-ро дар самти бунёди донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар дар замони истиқлол метавон чунин натиҷагирӣ кард. Ҷиҳатҳои мусбат:

---

[1] Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.iftut.tj/ (Санаи муроҷиат: 16.11.2023).
[2] Бойгонии ҷории Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара. Ҳисоботи солона. – 2016. – В.3.
[3] Бойгонии ҷории Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Ҳисоботи солона – 2016. – В.5.

- Новобаста аз вазъи номусоиди сиёсиву иқтисодии даҳсолаи аввали истиқлоли давлатӣ ҳукумати кишвар ба бунёди донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ иқдом кард, ки дар натиҷа шумораи онҳо то соли 2016 ба 8 адад расид;

- Дар шароити бумбасти коммуникатсионии кишвар бунёди донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ дар манотиқи гуногун имкон фароҳам овард, ки довталабон дар шаҳру навоҳии наздик ба макони истиқомат ба донишгоҳу донишкадаҳо дохил гардида, соҳиби касбу кор гарданд;

- Дар натиҷаи ифтитоҳи донишгоҳҳои мазкур корхонаҳои саноатии кишвар бо мутахассисони дохилӣ таъмин гардида, дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат натиҷаҳои назаррас ба амал омад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат баъзе норасогиву мушкилот дида мешавад, ки метавон аз онҳо ёдовар шуд:

- Ҳарчанд таъсис ва бунёди донишгоҳу донишкадаҳои олии равияи техникӣ дар манотиқи гуногуни кишвар имкони таҳсили шаҳрвандондонро фароҳам оварда бошад ҳам, дар ибтидо норасоии шароити мусоиди таҳсил, заъифии пойгоҳи моддӣ техникӣ ва дараҷаи тахассусии ҳайати омӯзгорони ин муассисаҳои таълимии олии навтаъсис ба назар мерасад.

- Дар донишгоҳҳои равияи техникии навтаъсис ихтисосҳои бозоргузар бештар кушода шуданд, ки мутаассифона, аз ҷиҳати иқтидорӣ илмӣ ва моддӣ-техникӣ барои омода кардани мутахассисон мушкилот доштанд;

- Нуктаи дигар ин аст, ки то ифтитоҳи Маркази миллии тестӣ дар донишкадаҳои навтаъсиси шаҳру навоҳии кишвар танҳо довталабони навоҳии атрофи вилоят таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Яъне волидайни довталабон ба маҳалли зист наздик будани донишгоҳу донишкадаро ба эътибор гирифта, онҳоро ба таҳсил мефиристоданд. Ин амал ба назари мо натиҷаҳои хуб надорад ва барои ташаккули миллат баъзе мушкилотро

метавонад ба бор оварад. Хушбахтона, ин мушкилот тавассути хадамоти муассири Маркази милли тестӣ бартараф гардид.

## 1.3. Таҳаввулоти пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон

Дар даҳсолаи аввали истиқлоли давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷумҳурӣ мушкилоти азим ба чашм мерасад. Зеро дар ин марҳилаи муҳимму ҳассос ва гузариш аз низоми сотсиалистӣ ба иқтисоди бозоргонӣ ва сипас, мушкилоти дохилидавлатӣ ба тамоми соҳаҳо, хусусан, соҳаи маорифи кишвар таъсири манфӣ расонид. Ҳатто мутобиқ сохтани тамоми соҳаҳо, хусусан соҳаи маориф ба иқтисоди бозоргонӣ аз масъалаҳои меҳварӣ дар мутбуоти даврии ибтидои истиқлоли давлатӣ дида мешавад. Дар ин замон, дар радифи таҷдиду бунёди донишгоҳу донишкадаҳои нави равияи техникӣ беҳтар кардани пойгоҳи моддӣ-техникии онҳо аз дигар мушкилоти соҳа ба ҳисоб мерафт. Зеро тайёр кардани мутахассисони соҳибкасбу ҳирфаӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ аз пойгоҳи моддӣ-техникии онҳо вобастагии ҷиддӣ дорад. Ба андешаи Президенти ҷумҳурӣ, дар замони истиқлол як омили асосии таваҷҷуҳи ҷавонон нисбат ба касб донишҳои хуби замонавӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар, ба шароити хуби пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳҳо вобастагӣ дорад[1].

Боиси тазаккур аст, ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ аксар муассисаҳои таҳсилоти олии равияи техникии ҷумҳурӣ заминаи хуби моддию техникӣ доштанд. Дар аксар муассисаҳои таълимӣ чанд утоқи фаннӣ, озмоишгоҳ, маркази таҷрибаомӯзӣ ва воситаҳои таълимӣ амал мекард. Хусусан, дар донишгоҳу донишкадаҳои техникии мамлакат то андозае шароити хуби таълимӣ мавҷуд буд, ки донишҷӯён дар як вақт ҳам дониши назариявӣ ва ҳам дониши амалӣ мегирифтанд[2].

Ҳукумати кишвар дар солҳои аввали истиқлоли давлатӣ барои беҳтар кардани вазъи пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳу донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ ва шароити маишии донишҷӯён баъзе тадбирҳо андешид. Дар ин

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 24.04.2010 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/192 (Санаи муроҷиат: 10.11.2023).

[2] Рушди донишгоҳҳои техникии Тоҷикистон [Матн] // Саноат ва энергетика. – 2008.

замина чандин қарору қонун, аз қабили «Дар хусуси баъзе масоили ҷавонони донишҷӯ» (аз 15.11. 1990, №42), «Дар бораи иҷро намудани имтиёзҳои иловагӣ ва ташкили хӯроки умумӣ барои донишҷӯён ва ҷавонони толибилм ба муносибати ислоҳоти нархҳои чакана» (аз 10.04.1991, №81), «Дар бораи чораҳои ҳимояи иҷтимоии донишҷӯён, аспирантҳо ва хонандагони муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсус» (аз 22.01.1992, №11) ба тасвиб расид[1].

Чи тавре ки зикр шуд, солҳои 90-уми асри гузашта бинобар сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон боиси сахт коҳиш ёфтани сифати кори мактабу маориф гардид.

Баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ Ҳукумати кишвар таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ислоҳоти ҷиддӣ дар соҳаи маориф даст зад. Ин масъала махсусан, дар матни суханронии Президент бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (соли 2015) хеле барҷаста бозтоб ёфтааст, ки ҳатто дар солҳои вазнини замони истиқлол фикру андешаи Сарвари давлат дар баробари таъмин намудани сулҳу оромии кишвар ба ҳалли масъалаҳои маориф ва дастгирии ин соҳаи барои ҷомеа ва давлат ниҳоят муҳим равона шуда буд. Дар ин замина ҳамаи имконияту василаи сиёсати давлат ва ҳукумат ба хотири таҳкими пояҳои илму маориф равона гардид»[2].

Дар воқеъ, исботи ин андешаҳоро метавон дар сол ба сол афзоиши ҳиссаи маблағгузории соҳа мушоҳида кард. Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии кишвар ба мушкилоти молиявӣ нигоҳ накарда, маблағгузориро ба ин соҳа торафт зиёд менамуд. Зеро пӯшида нест, ки асоси таҳаввули пойгоҳи моддӣ-техникии соҳаи маориф аз ҳолати хуби иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Агар дар соли 2000 ба соҳаи маориф 37 млн. 425 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2002 – 78 млн. 872 ҳазор, 2004 – 161 млн. 334 ҳазор, 2005 – 253 млн. 100 ҳазор, 2006 – 317 млн. 700

---
[1] Шарипов, А. Таърихи мактаби олии Тоҷикистон (1946-1995) [Матн] / А. Шарипов. – Хуҷанд, 2002. – С.49.
[2] Ҷумҳурият. – 2010. – 22 июл.

ҳазор, 2008 – 691 млн. 248 ҳазор, 2010 – 1,68 млрд., 2012 – 1 млрд. 607 млн. 800 ҳазор, соли 2014 – 2 млрд. 516 млн. 965 ҳазор, соли 2015 – 2 млрд. 918 млн. 639 ҳазор ва дар соли 2016 ба 3 млрд. 146 млн. 229 ҳазор сомонӣ расид. Нишондиҳандаи маблағгузории соҳаи маориф соли 2016 нисбат ба ММД – 5,5% ва нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ ба 17% баробар гардид[1]. Ин нишондод бозгӯйи он аст, ки воқеан маориф дар сиёсати давлатӣ ҳамчун соҳаи созанда ва калидӣ таҳти таваҷҷуҳи хос қарор гирифтааст.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки дар баробари дигар муассисаҳои олӣ дар солҳои соҳибистиқлолии мамлакат тақвияти пояҳои моддӣ-техникии донишгоҳҳои техникии кишвар диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба худ ҷалб намуда буд. Бояд қайд кард, ки дар даврони истиқлол шумораи муассисаҳои техникии мамлакат ба тадриҷ афзуд. Агар соли 1991 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ як донишгоҳи техникӣ фаъолият дошт, пас шумораи онҳо дар соли 2016 ба 9 адад расид. Шумораи донишҷӯён дар ин муассисаҳо аз 8,9 ҳазор то ба 30 ҳазор боло рафт[2].

Ҳукумати Тоҷикистон дар баробари зиёд намудани маблағгузорӣ чандин стратегияву барномаҳои давлатӣ, ки дурнамои соҳаро таъмин менамоянд, таҳия ва тасдиқ намуда, онҳоро мавриди амал қарор дод.

Махсусан, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2006 (№594) Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт. Маркази мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда, ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияи нав дар донишгоҳу донишкадаҳо тадбирҳо андешид.

---

[1] Ҳисоботи Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзгор. – 2017.
[2] Раҳмонов, А.А. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Раҳмонов, А.Б. Расулов, К.Ф. Қодиров, Х.С. Афзалов. – Душанбе, 2011. – С.177-178.

Бо мақсади тарбияи кадрҳои ҷавобгӯ ба бозори меҳнат ва тайёр намудани мутахассисони соҳаи техникаву технологияи муосир Ҳукумати Тоҷикистон 3 майи соли 2010 «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011–2015[1]»-ро қабул намуд.

Дар асоси барномаи мазкур дар фосилаи солҳои 2011–2015 муассисаҳои олии техникӣ бо компютерҳои наву замонавӣ зина ба зина таъмин гардиданд. Муҳиммии дигари барнома дар он аст, ки дар давраи татбиқ тамоми қишрҳои ҷомеа аз истифодаи техника ва технологияи муосир бархурдор гардиданд. Ҳамаи ин натиҷаи роҳи пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон мебошад, ки ба ин раванд мақоми хосса ва қонунӣ бахшидааст.

Дар ин давра системаи иттилоотии идораи соҳаи маориф барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таҳия ва омода шуд, ки бар асоси он қишрҳои гуногуни ҷомеа метавонистанд ба ганҷинаи иттилооти соҳаи маориф дастрасӣ пайдо намоянд.

Татбиқи системаи иттилоотии идоракунӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот заминаи ҳуқуқии васеъ фароҳам овард, ки бар асоси он ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба раванди таълим беҳтар гардид.

Тибқи таҳлилҳо компютерикунонии ҷараёни таълим дар донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар мушкилоти дигаре буд, ки роҳи ҳалли беҳтаре тақозо мекард. Соли 2006 дар донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар ба 220 нафар донишҷӯ ва 20 нафар устод як компютер рост меомад, ки он аз сатҳи нишондоди байналмилалӣ хеле паст маҳсуб меёфт[2]. Компютерикунонии муассисаҳои олии техникӣ барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои ҷаҳонии

[1] Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011–2015 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://omuzgor-gazeta.tj/wp-content/uploads/2022/07/Барномаи-давлатии-таъмини-муассисаҳои-таълимию-илмии-ҷумҳурӣ-бо-кабинетҳои-фаннӣ-озмоишгоҳҳои-муҷаҳҳази-таълимӣ-ва-илмию-таҳқиқотӣ.pdf (санаи муроҷиат: 21. 10. 2023).

[2] Мактаби олӣ [Матн]: санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии кишвар / мурат. Ф. Раҳимов, Н. Саидов ва диг. – Душанбе, 2007. – Қ.1. – С.58.

таъминот бо техникаи компютерӣ, васли ҳамаи муассисаи таълимӣ ба шабакаи Интернет, таҳия ва татбиқи технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот, ташкили марказҳои захираи иттилоотии таълимӣ дар минтақаҳо ва портали таълимии Вазорати мориф ва илм, таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёна бо нашрияҳои электронии таълимӣ, фароҳам овардани системаи иттилоотии мониторинг, таҳлил ва идораи системаи иттилооти соҳаи маориф замина гузошт.

Иқдоми дигаре, ки аз ҷониби ҳукумати кишвар барои беҳтар кардани пояҳои моддӣ-техникии донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии ҷумҳурӣ шароит фароҳам овард, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ»[1] ва «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020»[2] мебошанд. Дар асоси қонуни мазкур тамоми донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар вазифадор гардиданд, ки дар назди муассисаҳо парки технологӣ таъсис диҳанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар қонуни мазкурро дар амал татбиқ карданд, аммо фаъолияти паркҳои техникӣ назаррасу самаровар нест. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки фаъолияту дастоварди паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳу донишкадаҳо хеле самарабахш ва базаи моддию техникиашон пуриқтидор аст. Дар назди чунин паркҳо корхонаҳои гуногун фаъолият мекунанд ва барои донишгоҳ манбаи асосии даромад ҳам ба ҳисоб мераванд. Ҳамкории донишҷӯён дар баробари таҳсил дар ин марказҳо бо омӯзгорону мутахассисони соҳибтаҷриба имкон медиҳад, ки онҳо дастовардҳои нави илмиашонро бар асоси таҷриба дар амал татбиқ созанд. Аз ин ҳисоб маоши хуб ҳам дарёфт мекунанд. Барои намуна, парки технологии Донишгоҳи миллии Белорус дар тӯли фаъолияташ ба пешрафти назаррас ноил шудааст. Технопарки донишгоҳ тавонист ба фаъолияти 11 ширкат асос гузорад.

---

[1] Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 27. 12. 2023).

[2] Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/ba24a74e3d838d8f893a8dd608f28028.pdf (санаи муроҷиат: 27. 12. 2023).

Дар парк бозёфти муҳими илмӣ баъди омӯзиши амиқ ҳатман дар истеҳсолот ҷорӣ мешавад. Соли 2016 сармояи нақд дар парк ба 1, 6 млн доллар расид[1].

Мутаассифона, фаъолияти паркҳои техникиву технологии донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар чандон назаррас нестанд, ки баъдтар онҳоро таҳлил хоҳем кард.

Вобаста ба манфиати татбиқи воқеии «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020» метавон гуфт, ки «Иҷрои Барнома барои таъсиси низоми инноватсионие мусоидат менамояд, ки ба истифодаи самараноки дастовардҳои пешқадами илмию техникӣ ва технологӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот, истифодаи оқилонаи ашёи хоми табиӣ ва захираҳои инвеститсионӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ, энергетикӣ, озуқаворӣ ва экологӣ, ташаккули иқтисодии инноватсионӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии мамлакат равона гардидааст»[2]. Новобаста аз таҳия ва тасдиқи қарору қонун ва барномаву стратегияҳо дар самти пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳу донишкадаҳои кишвар, хусусан, донишкадаҳои равияи техникӣ мушкилоту норасоиҳо хеле бисёранд.

Яке аз мушкилоти асосии донишгоҳҳои техникӣ дар солҳои таҳқиқшаванда норасоиҳои китобҳои дарсӣ мебошад. Мусаллам аст, ки дар даврони шуравӣ дар тамоми муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ аксар китобҳои таълимӣ бо забони русӣ буданд. Маҳз дар замони истиқлоли давлатӣ дидгоҳи худшиносиву худогоҳӣ дар миёни мардуми тоҷик ташаккул ёфт ва арзишу суннатҳои миллӣ дубора эҳё шуданд. Ин раванд ба соҳаи маориф, бахусус муҳтавои китоби фанҳои ҷомеашиносӣ таъсир расонид, ки онро метавон марҳалаи тозаи таҳаввулот дар таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ арзёбӣ кард. Ҷараёни таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ аз нав бо назардошти арзишу афкори миллӣ оғоз шуд. Аммо дар солҳои аввали истиқлол мамлакат нашри китобҳои дарсӣ ба мушкилоти зиёд рӯбарӯ шуд, ки яке аз онҳо камбуду норасоии коғаз буд. Дар он давра иқтидори иқтисодии мамлакат имкон намедод, ки нашр ва

[1] Фарзонаи Ф. Паркҳои технологӣ: Аз сухан ба амал гузарем [Матн] / Фарзонаи Ф. // Ҷумҳурият. – 2016. – 1 декабр.
[2] Фарзонаи Ф. Паркҳои технологӣ: Аз сухан ба амал гузарем [Матн] / Фарзонаи Ф. // Ҷумҳурият. – 2016. – 1 декабр.

тақсимоти китобҳои дарсӣ ба таври лозимӣ ба роҳ монада шавад. Роҳбарияти ҳамонвақтаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоии китобҳои дарсиро дарк карда, зарурати нашри адабиёти таълимиро масъалаи аввалиндарача ҳисобид ва ба ин кор сармояи хориҷиро ҷалб кард.[1]

Дар давоми солҳои 2000-ум то 2012 зиёда аз 160 номгӯйи китобҳои дарсӣ аз ҷониби олимон ва донишмандони донишгоҳҳои техникии Тоҷикистон нашр гардиданд, ки дар натиҷа муассисаҳои техникӣ то андозае бо китобҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ таъмин гардиданд. Вале ин маънои онро надорад, ки ҳамаи фанҳои тадрисшавандаи равияи техникӣ дар донишгоҳҳои техникӣ бо адабиёти таълимӣ таъмин гардиданд. Аксар фанҳои таълимӣ, аниқтараш иддае аз фанҳои тахассусӣ дар тамоми донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии ҷумҳурӣ ба адабиёти таълимии забонашон тоҷикӣ ҳанӯз ҳам ниёз доранд. Ба андешаи профессор Ҳ. Одиназода, барои ҳалли мушкилоти мавҷуда ибтидо таълифи фарҳангҳои соҳавӣ зарур аст. Махсусан, фарҳанги соҳаи иқтисодии техникӣ, равияи техникӣ, сохтмонӣ, обтаъминкунӣ, барномасозӣ ва ғайра. Таълиф ва нашри фарҳангҳои соҳавӣ заминаи мусоид барои таълифи адабиёти таълимӣ фароҳам меорад[2].

Бо талошҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар дар тамоми донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии Тоҷикистон толори хониш бо китобҳои зарурӣ ташкил карада шуданд. Чунончи, дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон китобхонаи бузург бо теъдоди зиёда аз 30 ҳазор нусха китоби равияи техникӣ таъсис дода шуд. Ин ҳолат раванди таълимро барои омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳи мазкур осон намуда, донишҷӯён имконият пайдо намуданд, ки ҳамарӯза бе мушкилӣ китобҳои заруриро аз китобхона дастрас намоянд ва мавзуъҳои дарсии худро сари вақт тайёр намоянд.

Лозим ба зикр аст, ки дар китобхонаи донишгоҳ дар баробари адабиёти миллӣ, инчунин адабиёти олимону муаллифони хориҷӣ низ ҷой гирифтаанд. Аз онҳо донишҷӯёни забондон ба таври васеъ истифода бурда, дар баробари

[1] Ҳисоботи Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Омӯзгор. – 2010.
[2] Суҳбат бо д.и.т., профессори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ Ҳ. Одиназода (санаи суҳбат: 04.10.2023).

корбурди адабиёт бо забони миллӣ онҳо аз донишҳои техникии олимони хориҷӣ огаҳӣ пайдо менамоянд.

Яке аз шуъбаҳои асосии китобхонаи донишгоҳ шуъбаи хидматрасонӣ ба шумор рафта, барои дарёфти адабиёти лозима ба устодону донишҷӯён пайваста хидмат мерасонад. Ин шуъба дар худ абонементи адабиёти таълимӣ, толори хонишро дар бар мегирад, ки барои сари вақт хидмат расондан ба устодон ва донишҷӯён кор ва фаъолият мекунад. Дар шуъбаи мазкур зиёда аз 14000 адад китоб қарор гирифтааст. Дар як рӯз аз ин шуъба бештар аз 400 нафар омӯзгорону донишҷӯён китоб мегиранд. Дар натиҷаи таҳқиқи маводи дастрасгардида, маълум гардид, ки толори электронии китобхона низ пайваста фаъолияти пурсамарро роҳандозӣ намудааст. Дар толори мазкур зиёда аз 30 000 нусха китоб мавҷуд аст. Ин толор аз китобҳои нав воридшуда низ бой мебошад, аз ҷумла ба ин шуъба аз фонди «Сорос» китобҳои бисёр ҳадя шудааст. Дар толор китобҳои ба забони тоҷикӣ зиёда аз 1000 ададро ташкил медиҳанд. Инчунин, толор бо 15 адад компютери бо шабакаи интернет пайваст ва 32 ҷои нишаст муҷаҳҳаз мебошад. Дар толори мазкур китобҳо доир ба физика, математика, техника, фалсафа, педагогика, сиёсатшиносӣ, психология, мантиқ, этика, эстетика, диншиносӣ ва ғайра бо забони тоҷикӣ ва русӣ мавҷуданд.

Шоёни зикр аст, ки дар баробари таъмини китобҳои дарсӣ дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар инчунин, Ҳукумати мамлакат дар таъмини донишгоҳҳои техникии ҷумҳурӣ бо технологияи инноватсионии таълим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Бо дастгирии пайвастаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, хусусан Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иқдоми муаасир андешида шуд. Хусусан, аз 1-уми августи соли 2008 «Барномаи рушди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ барои солҳои 2008–2015» (№371) таҳия ва тасдиқ шуд. Сармояи барномаи мазкур қариб ба 58 млн. сомонӣ мерасид, ки аз ин миқдор 31 млн. 555 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷет ва 26 миллиону 400 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои

махсуси донишгоҳ буд. Дар умум, ҳамаи ин иқдомҳои созанда барои беҳтар кардани пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳ мусоидат кард[1].

Дар асоси барномаи мазкур соли 2013 як бинои нави дигар – факултети сохтмон ва меъморӣ сохта, мавриди истифода қарор гирифт, ки дар як баст беш аз 2000 ҷойи нишаст дорад. Ба истифода додани бинои мазкур ба масоҳати таълимии донишгоҳ тағйирот ворид карда, нисбат ба соли 2005 тақрибан 7 маротиба зиёд гардид[2]. Ҳамзамон, бо беҳтар шудани вазъи иқтисодию иҷтимоии донишгоҳ маблағгузориҳо нисбат ба соли 2005 беш аз 11 баробар афзуд. Таҳлилҳо нишон дод, ки соли 2005 барои хариди таҷҳизоти озмоишию таълимии замонавӣ дар донишгоҳ агар 180 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас, солҳои 2013–2015 дар ин самт дар як сол тақрибан 3 млн сомонӣ ҷудо мешуд. Ин рақам гувоҳи он аст, ки сармоягузорӣ дар самти таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳ дар солҳои зикршуда беш аз 11 маротиба афзуд[3].

Бояд гуфт, ки дар ин давра бо таъмиру бозсозии тамоми бинои таълимӣ ва хобгоҳи донишгоҳ шароит барои таҳсилу истироҳати донишҷӯён беҳтар гардид. Як иқдоми дигари роҳбарияти донишгоҳ ба хариди таҷҳизоти замонавӣ равона шуда буд, ки дар натиҷаи он пояи моддӣ-техникии озмоишгоҳҳо таҳким ёфт.

Дар радифи китобхонаи анъанавӣ, ки қаблан зикр шуд, як китобхонаи электронӣ дар ихтиёри устодону донишҷӯён қарор гирифт. Ҳамзамон, синфхонаҳои компютерии муассиса (шумораи компютерҳо зиёда аз 1250 адад) ба шабакаи ҷаҳонии Интернет пайваст ва дар 75 синфхона тахтаи электронӣ насб шуд[4].

Барои иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муҷаҳҳаз гардонидани синфхонаҳову озмоишгоҳҳои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.

[1] 60 сол - ин ибтидо аст [Матн]: бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2016. – С.14.
[2] Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://web.ttu.tj/tj/pages/1 (санаи муроҷиат: 20.11.2023)
[3] 60 сол - ин ибтидо аст [Матн]: бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2016. – С.14.
[4] Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://web.ttu.tj/tj/pages/1 (санаи муроҷиат: 20.11.2023)

Осимӣ корҳои назаррас анҷом дода шуд. Дар донишгоҳ маҷмуи таҷҳизот барои муҷаҳҳаз гардидани Маркази инноватсионӣ ва Парки технологӣ харидорӣ гардид. Инчунин, бо дастгирии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи барномаи байналмилалии USAID 13 адад таҷҳизот оид ба энергетикаи ҳароратӣ дастрас карда шуд, ки омӯзгорони ҷавони донишгоҳ дар рафти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз он истифода мебаранд.[1]

Мавриди зикр аст, ки дар донишгоҳ миқдори умумии компютерҳо дар 6 синфхонаи компютерӣ ва тамоми сохторҳои донишгоҳ ба 123 адад мерасад. Ин маънои онро дорад, ки вазъи таъмину истифодаи компютерҳо дар муассиса нисбатан беҳтар шудаст. Дар ин радиф, як синфхонаи компютерӣ ба василаи коллекторҳои офтобӣ (энергияи офтоб) ба шабакаи Internet васл шудааст[2].

Дар асоси банди 3.3 қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31.12.2013, №20/11) сохтори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон тағйир дода шуд. Дар сохтори нави донишгоҳ Маркази инноватсионӣ ва Парки технологӣ ташкил гардид. Барои пешбурди кори марказ аз тарафи раёсат таҷҳизоти замонавӣ, аз қабили плотер, мошинкаи бандубасти китоб, дастгоҳи китобдӯзӣ, принтери ранга ва ғайра харидорӣ шуд. Фаъолияти Парки технологӣ ҳамчун муассисаи инноватсионӣ бо мақсади рушди илм, истифодаи самараноки технологияи пешрафта барои қонеъ гардонидани талаботи истеҳсолот, таҷдиди технологияи коркарду истеҳсоли маҳсулоти воридотӣ ва ивазкунанда равона шудааст. Дар Парки технологии донишгоҳ асосан дар заминаи шартномаи дуҷонибаи донишгоҳ бо корхонаҳо корҳои илмию таҳқиқотӣ анҷом дода мешавад, аз ҷумла барои озмоишгоҳи донишгоҳу донишкадаҳои кишвар таҷҳизот омода месозанд. Дар марказ донишҷӯёни фаъол ва омӯзгорони ҷавон ба сохтани амсилаҳои амалкунанда, истеҳсоли трансформаторҳои кафшергарӣ (аз ҳисоби партовҳои саноатии ҶСШК «Трансформатор»), сохтани аёнияти таълимӣ оид ба ихтисосҳои дар донишгоҳ омӯхташаванда, таъмири лампаҳои каммасраф, ташхиси сифати лампаҳо ва ба

---

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2015.

[2] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2015.

талаботи стандартҳо ҷавобгӯ будани онҳо ва ғайраҳо машғул мебошанд. Барои дар сатҳи лозима гузаронидани корҳои озмоишӣ ва таъмини озмоишгоҳҳо бо маводи зарурӣ дар Маркази иноватсионӣ ва Парки технологӣ бо истифодабарии дониши назариявию амалӣ омӯзгорони ботаҷриба ва донишҷӯёни хатмкунанда дар соли 2016 се адад стенди озмоишӣ: стенд барои омӯхтани «Ҳимоя аз расиш ба замин дар хатҳои интиқоли барқи 6х10 киловатт», стенд барои омӯхтани «Характеристикаи печҳои гудозиши металл» ва стенди озмоишӣ аз фанни «Таҷҳизоти электрикӣ ва электронӣ») тайёр карда шуда, айни замон мавриди истифода қарор доранд[1].

Бояд гуфт, ки нисбат ба дигар паркҳои техникии муассисаҳои таҳсилоти олии равияи техникии кишвар Парки технологии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ вазъи беҳтар дорад. Парк асосан дар заминаи моддӣ-техникии озмоишгоҳи кафедраи технологияи мошинсозӣ, дастгоҳҳои металлбурӣ, маркази муҳандисию техникӣ ташкил шудааст. Мутасаддиёни Парк дар соли аввали фаъолияташон бо корхонаҳои гуногун машварати корӣ анҷом дода, аз ин ҳисоб сармоя гирд оварданд. Масалан, соли 2013 дар асоси шартнома бо ширкати «Газпром» сӯзишвории ширкат мавриди санҷиш қарор гирифт. Сармояи нақди парк дар ин сол ба 33 ҳазор сомонӣ расид. Аз соли 2014 дар парк барои озмоишгоҳи баъзе донишгоҳҳо таҷҳизот тайёр карда мешавад. Дар натиҷаи ин иқдом даромади парк ба 103 ҳазор сомонӣ баробар гардид. Соли 2016 сармояи нақди он ба 340 ҳазор сомонӣ расид[2].

Мавриди зикр аст, ки дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи ҳамкорӣ миёни Парки технологии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва ҶСК «Технотон»-и Ҷумҳурии Белорус ба имзо расидааст, ки дар асоси он Парки техникии донишгоҳ намояндаи расмии ҶСК «Технотон» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон, миёни Парки техникии донишгоҳ ва Парки илмию техникии Донишгоҳи миллии техникии

---

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2015.
[2] Фарзонаи Ф. Паркҳои технологӣ: Аз сухан ба амал гузарем [Матн] / Фарзонаи Ф. // Ҷумҳурият. – 2016. – 1 декабр.

Белорус - «Политехник» ёддошти тафоҳум ба имзо расидааст, ки тибқи он онҳо ҳамкориро дар шакли зерин ба роҳ мондаанд:

- Иҷрои якҷояи корҳои илмӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ дар мувофиқа бо ҳамдигар;
- Мубодилаи олимон ва мутахассисон, иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ;
- Мубодилаи иттилооти илмӣ-техникӣ, интишорот ва ғ.
- Ташкили якҷояи истеҳсолот бо мақсади амалӣ намудани дастовардҳои илмии ҳар ду ҷониб[1].

Парки техникии донишгоҳ барои ҷалби донишҷӯён ва ҳавасманд кардани онҳо ба донишҳои техникӣ ва ихтироъкорӣ пайваста озмунҳо ташкил менамояд, ки ғолибони ҷойҳои ифтихорӣ бо мукофотпулӣ (ҷойи аввал -1000, ҷойи дуюм – 800 ва ҷойи сеюм – 600 сомонӣ) қадрдонӣ мешаванд[2].

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар ба фаъолият шуруъ кардааст. Донишгоҳи мазкур марҳала ба марҳала пояи моддӣ-техникии раванди таълимро беҳтар карда, ба дастовардҳои назаррас муваффақ гардидааст. Дар сохтори донишгоҳи мазкур 8 факултет, 19 кафедра, 3 марказ, Институти технология ва идоракунии инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара, гимназияи Кӯлоб ва литсейи инноватсионии Душанбе фаъолият доранд[3]. Дар давраи таҳлилшаванда дар донишгоҳ инфрасохтори зарурӣ барои беҳтар шудани вазъи таълим ташкил шуд. Дар ин радиф, 133 синфхона, аз ҷумла 26 толори лексионӣ, 25 синфхонаи компютерӣ, 17 озмоишгоҳ ва 65 синфхона барои пешбурди машғулияти амалӣ ва семинарӣ пешбинӣ шудаанд. Шумораи ҷойҳо дар донишгоҳ 3380 адад мерасад, ки аз он 1815 ҷой барои дарсҳои лексионӣ, 625 ҷой барои машғулияти амалӣ, 598 ҷой барои толори компютерӣ ва 342 ҷой барои машғулияти озмоишӣ ҷудо шудааст. Дар донишгоҳ ҳамаи озмоишгоҳҳо бо таҷҳизоти муосир таъмин шудаанд. Аз ҷумла, 54 синфхонаи донишгоҳ бо технологияи махсуси

---

[1] 60 сол - ин ибтидо аст [Матн]: бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2016. – С.76.

[2] Ҳамон ҷо. – С.76.

[3] Аз таърихи донишгоҳ [Матн] // Фановар. – 2017. – 10 январ.

мултимедия (тахтаи электронӣ ва проектор) муҷаҳҳаз мебошанд. Дар айни замон, дар ҷараёни таълим бо истифода аз зиёда 900 компютер, 247 принтер, 94 проектор, 64 тахтаи электронӣ, 43 сканнер ва 20 мошини нусхабардорӣ анҷом дода мешавад[1].

Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 1-уми сентябри соли 2011 Парки технологӣ-инноватсионии «Фановар» ба фаъолият шуруъ кард, ки зимни кушодашавии он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок доштанд. Ҳадаф аз таъсиси парк татбиқи дастовардҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот ва рушди тафаккури техникӣ дар миёни донишҷӯёни боистеъдод, аспирантону унвонҷӯён, докторантон (PhD) ба ҳисоб меравад[2]. Муҳимтарин дастоварди парки мазкур коркарди таҷрибавии обҳои маъданӣ, нӯшиданӣ ва истеҳсоли навъе аз макарони ғизоӣ бо иловаи маҳсули рустаниҳои шифобахши минтақаҳои Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҳамзамон, дастурамалҳои нав оид ба истеҳсоли обҳои маъданӣ ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, тарзи хушк кардани меваю сабзавот, макаронҳо, кефиру йогуртҳои мевагӣ, навъҳои гуногуни маҳсулоти соҳаҳои қаннодӣ тартиб дода шуда, истеҳсоли таҷрибавии онҳо ташкил карда шудааст ва барои омӯзиши донишҷӯён аз ин манбаъ шароит фароҳам оварда шудааст[3]. Ҳамаи ин барои беҳтар гардидани шароити таълим ва омода кардани кадрҳои соҳибтахассуси рақобатпазир дар бозори меҳнат мусоидат менамояд.

Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон, ки бо дастури бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфтааст, қаблан дар як бинои таълимӣ фаъолият мекард ва пойгоҳи моддӣ-техникии он дар ибтидо ҷавобгӯи талаботи муосир набуд. Аз ин рӯ, соли 2007 раёсати донишкада ба Ҳукумати Тоҷикистон барои таъмиру тармими хобгоҳ, таъмир ва таҷҳизонидани озмоишгоҳҳо, мустаҳкам кардани пойгоҳи моддӣ-техникии он

---

[1] Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://tut.tj/?page_id=2210 (санаи муроҷиат: 27. 12. 2022).
[2] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Матн] // Ҳисоботи солонаи КИТ дар соли 2016. – В.34.
[3] Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://tut.tj/?page_id=2424 (санаи муроҷиат: 17. 10. 2023).

муроҷиат намуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ин масъала диққати махсус зоҳир намуда, бо супориши Президенти мамлакат моҳи июли соли 2007 сарвазири ҳамонвақта Оқил Оқилов аз вазъи донишкада боздид ба амал оварда, ба шароити пойгоҳи моддӣ-техникии он аз наздик шинос шуданд. Дар ин замина, соли 2008 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба донишкада дар ҳаҷми 600 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда шуд.[1] Тавассути маблағҳои зикршуда хобгоҳи №3 ва озмоишгоҳҳо аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Бо талошҳои пайвастаи раёсати донишкада шумораи биноҳои таълимӣ ба 4 адад расонида шуда, пойгоҳи моддӣ-техникии он беҳтар карда шуд[2].

Дар донишкада озмоишгоҳҳо оид ба фанҳои химияи таҳлилӣ, органикӣ, ғайриорганикӣ, физикаи умумӣ, электротехникаи умумӣ, муқовимати масолеҳ, технологияи маводи конструксионӣ, бойгардонии маъдан, синфхонаҳои компютерӣ, тахтаҳои электронӣ, устохонаҳои коркарди фулузот, майдончаи озмоиши ҷинсҳои кӯҳӣ, майдончаҳои кушоди варзишӣ мавҷуд аст, ки дар раванди таълим аз онҳо ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Бояд гуфт, ки то соли 2016 дар донишкада 1 синфхонаи лингафонии иборат аз 25 компютер, 3 озмоишгоҳи тахассусии навтаъсис бо фарогирии 60 адад компютер барои омӯзиши графикаи муҳандисӣ, 18 озмоишгоҳи таълимии муҷаҳҳаз бо асбобу лавозимот ва 2 озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор доранд. Танҳо дар шашмоҳаи аввали соли 2016 300 адад миз, 600 курсӣ, 75 адад компютер, 9 адад принтер харидорӣ шудааст, ки барои беҳтар кардани сифати таълим равона шудаанд.[3]

Бо мақсади иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» дар донишкада бо қарори шурои олимон (№5) аз 24-уми декабри соли 2012 Парки технологӣ таъсис дода шуд. Парки технологии донишкада ба олимон, муҳандисон, таҳиягарон ва донишҷӯёни болаёқат барои дар амал

---

[1] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.65.
[2] Ҳамон ҷо. – С.19.
[3] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.81.

татбиқ кардани донишҳои назариявӣ ва навовариҳо дар соҳаҳои гуногун мусоидат менамояд[1].

Ҳамзамон, дар донишкада китобхона фаъолият мекунад, ки беш аз 200 ҳазор нусха китобҳои гуногунсоҳа нигоҳдорӣ мешаванд. Китобхонаи электронии донишкада бо хатти Интернет пайваст мебошад, ки барои дастрас намудани маводи таълимӣ ба устодону донишҷӯён хидмат мерасонад.

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд аз рӯзҳои аввали таъсис ба масъалаи таҳкими пойгоҳи моддӣ-техникӣ аҳаммияти зиёд дода мешуд. Бо назардошти он ки дар давраи муттаҳидшавӣ сатҳи таъминоти моддӣ-техникии ду филиал дар сатҳи гуногун қарор дошт, масъалаи таҳкими минбаъдаи пойгоҳи донишкада мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Дар донишкада корҳои бунёдкорӣ вусъат гирифта, сохтмони биноҳои нави таълимӣ, ташкили озмоишгоҳ, синфхонаҳои компютерӣ, харидории таҷҳизоти муҳимми таълимӣ, ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ва компютеркунонии раванди таълим ба роҳ монда шуд. Хусусан, соли 2013 сохтмони бинои таълимии сеошёна, ки фарогири 12 синфхона ва як толори лексионӣ мебошад, оғоз гардида, соли хониши 2013–2014 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Зимни ифтитоҳи бинои мазкур раиси вилояти Суғд Абдураҳмон Қодирӣ ширкат варзида, бо вазъи моддӣ-техникии донишкада шинос гардид[2].

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ба унвони маркази асосии рушди соҳаҳои техника ва технологияи муосир барои пешбурду татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи илму техника, аз ҷумла дар самти таҳкими пойгоҳи паркҳои технологӣ фаъолияти назаррас дорад. Дар донишкада 28-уми сентябри соли 2012 Парки технологӣ таъсис дода шуд, ки доираи фаъолияти он як чанд соҳаҳоро фарогир мебошад. Махсусан, самтҳои барномарезӣ ва технологияи информатсионӣ, коркарди модели либосҳо ва дӯхти он, хидматрасонии

---

[1] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С. 134.

[2] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.26.

наќлиётӣ, хӯроки умумӣ ва ғайра чашмрас мебошад. Дар Парки технологии донишкада низ дӯкони дӯзандагӣ ва нонпазӣ фаъолият менамояд[1].

Барои пурзӯр намудани фаъолияти Парки технологии донишкада ҳар сол озмуни «Бизнес – идеяҳои нав» гузаронида шуда, беҳтарин лоиҳаҳо барои маблағгузорӣ пешбарӣ карда мешаванд.

Таҳқиқи фаъолияти Парки технологии донишкада нишон дод, ки ҳарчанд дар муддати кӯтоҳ фаъолияти назаррас дошта бошад ҳам, вале дар кори он мушкилоту норасоиҳо низ ҷой доранд. Махсусан, дар соҳаҳои илмҳои техникӣ, ташхис ва истеҳсоли маводи зарурии ниёзи мардум ва ғ. масъалаҳои ҳалталаб зиёданд. Албатта, барои амалӣ сохтани чунин корҳо маблағҳои ҳангуфт ва мутахассисони ҳирфаӣ лозим аст, ки ҳамаи ин барои донишкадаи мазкур мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар донишкадаи мазкур 3 китобхона фаъолият дорад, ки онҳо соли 2010 таъсис ёфтанд. Фонди китобхона дар натиҷаи якҷояшавии филиалҳои донишгоҳҳои техникӣ ва технологӣ ташкил ёфта, шумораи умумии китобҳо ба 152874 нусха мерасад. Ҳар се китобхона толори китобхонӣ дошта, 405 ҷойи нишаст доранд ва бо 185 адад компютер муҷаҳҳаз мебошанд. Компютерҳо бо шабакаи ҷаҳонии Интернет ва низоми иттилоотии идоракунии донишкада, инчунин китобхонаи рақамӣ пайваст мебошанд. Китобхонаи рақамии донишкада дорои беш аз 52741 адад маводи таълимӣ-методӣ ва илмӣ мебошад. донишҷӯён барои истифода аз китобхонаи рақамӣ аз ҳаволаи lib.dpdtt.tj кор мегиранд[2].

Гуфтан ҷоиз аст, ки филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Исфара аз моҳи майи 2012 ин ҷониб барои беҳтар кардани пояҳои моддӣ-техникии раванди таълим корҳои назаррас анҷом додааст. Натиҷаи ин иқдоми созанда аст, ки донишгоҳ дар давраи таҳқиқ 3 бинои таълимӣ, 40 синфхона, 17 озмоишгоҳи таълимии замонавӣ ва маркази шабакаи ягонаи интернет дорад. Филиал аз ду факултет: факултети технологияҳои саноатӣ ва зеҳни сунъӣ ва

[1] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.56.
[2] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.57.

факултети иқтисодиёт ва идора иборат мебошад[1]. Гарчанде ки барои беҳтар кардани пойгоҳи моддӣ-техникии филиали мазкур чораҳои муҳим андешида шуда бошад ҳам, вале вобаста ба рушди техника ва технологияи муосир баъзе норасоиву мушкилот ҳамоно ба назар мерасад.

Мавриди зикр аст, ки пойгоҳи моддӣ-техникии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ибтидо ҷавобгӯи талабот набуд. Ҳатто, шароити бинои таълимӣ, синфхонаҳо ва озмоишгоҳу хобгоҳи донишкада дар шароити ногувор қарор доштанд. Барои фароҳам овардани шароити мусоиди таълим пойгоҳи моддӣ-техникии донишкада таҷдиди назар карда шуд. Соли 2016 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Донишкадаи энергетикии Тоҷикистонро дар ноҳияи Бохтар дар вазъи тантанавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Дар ҳудуди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (масоҳаташ 17 гектар) ду факултет, 11 бино, аз ҷумла, 4 бинои таълимӣ, як бинои маъмурӣ, чор хобгоҳ, 5 синфхонаи компютерӣ, китобхона, бунгоҳи тиббӣ, 2 ошхона (барои беш 300 донишҷӯ), варзишгоҳ, 2 Маркази инноватсионӣ ва Парки технологӣ, майдонча барои тамрини машқҳои тактикӣ-ҳарбӣ, таҳхона барои ҳолатҳои фавқулодда ва иншооти махсус барои машқҳои тирпарронӣ қомат афрохтаанд[2].

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо утоқу синфхонаҳои компютерӣ, озмоишгоҳ ва утоқҳои фаннии муассиса бо ҳайати устодон ва донишҷӯёни донишкада суҳбати муфид анҷом доданд. Як василаи муҳимми беҳтар намудани раванди таълим дастрасӣ ба китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва вуҷуди китобҳои зарурӣ дар ганҷинаи китобхонаи донишкада мебошад. Дар фонди китобхонаи донишкада 17424 адад китоб нигаҳдорӣ мешавад. Соли 2016 раёсати донишкада қироатхонаи хобгоҳро бо ҷевони китоб, асбобҳои нусхабардорӣ ва китобҳои тахассусӣ таъмин намуд. Ҳамчунин,

[1] Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://eduzone.oila.tj/dtt_isfara (санаи муроҷиат: 20.11.2023).
[2] Ифтитоҳи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/12802 (Санаи муроҷиат: 16.11.2022).

дар Маркази инноватсионӣ ва Парки технологӣ чопи китобҳои дарсии омӯзгорони донишкада ба роҳ монда шудааст[1].

Умуман, дар давраи таҳлилшаванда, аниқтараш солҳои 1991–2016 раёсати тамоми донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар дар асоси барномаву нақшаҳои мушаххас барои таҳкими пойгоҳҳои моддӣ-техникӣ тадбирҳои судманд андешиданд. Аз намои зоҳирӣ то васеъ намудани масоҳати иншоот, таъмини мизу курсӣ, компютеру принтер, тахтаҳои электрониву маводи таълимӣ, озмоишгоҳҳои фанниву соҳавӣ, паркҳои техникӣ ва ғайра. Аммо таҳлилҳо нишон дод, ки пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти олии равияи техникии ҷумҳурӣ дар муқоиса ба пойгоҳи моддиву техникии донишгоҳу донишкадаҳои техникии иддае аз кишварҳои хориҷӣ чандон қобили қиёс нест. Махсусан, паркҳои техникӣ ба сармоягузорӣ ва таҷҳизоти бештар низ доранд. Дар робита ба ин масъала соли 2016 сардори шуъбаи илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми кишвар Хуршед Зиёев таъкид намуд, ки воқеан, фаъолияти паркҳои технологӣ қонеъкунанда ва ҷавобгӯ ба талаботи пайванди илму истеҳсолот нест. Дар ин ин самт ҳанӯз мушкилот дорем. Барои рушди паркҳои технологӣ, пеш аз ҳама, маблағ зарур аст. Аз ҷониби дигар, моле, ки истеҳсол мешавад, бояд харидор дошта бошад. Албатта, дар ин паркҳо баъзе корҳо анҷом дода мешаванд, аммо онҳоро наметавон навоварӣ номид[2].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки дар давраи таҳқиқшаванда ташаккул ва пуриқувват гардидани пояҳои моддию техникии донишгоҳҳои техникии ҷумҳурӣ хеле назаррас аст. Аммо ин пурқувватшавӣ дар донишгоҳҳои техникии кишвар мунтазам ва якранг сурат нагирифтааст. Дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ дар донишгоҳҳо харобшавии пояҳои моддию техникӣ ба чашм мерасад. Аз соли 2005 ин ҷониб то андозае пояҳои моддӣ-техникии донишгоҳҳо устувор гардидааст. Чунончи:

---

[1] Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://det.tj/history/ (Санаи муроҷиат: 08.11.2023)

[2] Фарзонаи Ф. Паркҳои технологӣ: Аз сухан ба амал гузарем [Матн] / Фарзонаи Ф. // Ҷумҳурият. – 2016. – 1 декабр.

- Сохтмону бунёди биноҳои нав ва аз таъмири асосӣ баровардани иншооти таълимии донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар мунтазам ҷараён дорад;

- Таъмини донишгоҳҳо бо мизу курсӣ ва таҷҳизоти техникӣ, ба мисли компютер, принтер, тахтаҳои электронӣ қаноат бахш мебошад;

- Озмоишгоҳҳои нав ва таҷҳизонидани онҳо бо техникаву технологияи ҳозиразамон вобаста ба имконият таъсис дода мешавад;

- Таъсиси паркҳои техникӣ ва ҷалби омӯзгорону донишҷӯён барои таҷрибаомӯзиву корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар сатҳи зарурӣ дида мешавад;

- Сохтмону барқарорсозӣ ва бунёди хобгоҳҳои омӯзгорону донишҷӯён ва беҳтар кардани шароити маишии онҳо дар сатҳи хуб қарор дорад;

- Китобхонаву қироатхонаҳои электронӣ ва ғ. фаъолияти назаррас доранд.

Дар баробари дастовардҳо дар самти пойгоҳи моддӣ-техникии донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар норасоиву камбудиҳо ба назар мерасад, ки бартараф кардани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Норасоии маводи таълимӣ бо забони давлатӣ дар мисоли китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ;

2. Норасоии маводи озмоишӣ дар озмоишгоҳҳои фаннӣ ва соҳавӣ;

3. Дуруст фаъолият накардани техника ва технологияи раванди таълим (компютерҳо ва видеопроектрҳо);

4. Фаъолияти ғайриқаноатбахши паркҳои техникӣ.

Мақсад аз таъсиси паркҳо пеш аз ҳама тавъами илм бо истеҳсолот, яъне дар амал татбиқ кардани он аст. Аз ин ҷиҳат паркҳои технологӣ ба сармоягузорӣ ва дастгирии бештар ниёз доранд. Ҳоло таҷҳизоте, ки дар назди паркҳои технологии донишгоҳу донишкадаҳои кишвар мавҷуд аст, танҳо хосси таҷрибаомӯзист. Барои рушди минбаъдаи паркҳои техникиву технологӣ зарур аст, ки дар пардохти андоз боҷи гумрукӣ ва дарёфти қарзи бонкӣ ба муассисаҳо имтиёз дода шавад. Чунин имтиёз барои воридоту коркарди технологияи нав ва дар маҷмуъ барои ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот шароити мусоид фароҳам месозад. Ба ин хотир барои фаъолияти пурсамари

паркҳои технологӣ роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ бояд шароити мусоид фароҳам созанд ва монеаҳоро бартараф намоянд. Дар акси ҳол, аз таъсиси чунин паркҳо манфиате нест.

# БОБИ II.
# ҶОЙГОҲИ ДОНИШГОҲУ ДОНИШКАДАҲОИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШРАФТИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ ВА ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲОИ МАҲАЛЛӢ

## 2.1. Дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии устодони донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ маҳсуб меёбад. Албатта, рисолати анҷоми ин кор ба уҳдаи донишмандони тоҷик, аз ҷумла олимони ҷавон вогузор шудааст. Ин масъала дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври машруҳ бозтоб ёфтааст, ки ҳама умед ба олимони ҷавон бастагӣ дорад, ки дарояндаи наздик илмро бар асоси дастовардҳои инноватсионӣ ба истеҳсолоти ватанӣ мепайванданд ва бо ин роҳ дар пешрафти рушди иқтисоди миллӣ саҳми худро мегузоранд[1].

Воқеан, татбиқи дастовардҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, рушди устувори ҷомеа ва ҳалли мусбати масоили мубрами соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар ба фаъолияти илмӣ–таҳқиқотӣ ва инноватсионии макотиби олии техникии кишвар ҳамтавъам буда, онҳо дар мукаммалгардонии техникию технологии бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи босазои худро мегузоранд.

Тибқи назари донишмандону пажуҳишгарон иқтидори илмӣ-техникии корхона, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳои равияи техникӣ аз рӯи зарфияти таҷҳизоти кории озмоишгоҳҳо, сармоя, сатҳи коргузорӣ, нирӯи кор,

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 28 январи 2015 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://prezident.tj/node/8136 (санаи муроҷиат: 27. 11. 2021).

суръати истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳод ба бозор мушаххас месозанд. Илова бар ин иқтидори илмӣ – техникӣ баъзе вижагиҳои дигар дорад:

- ИИТ ба унвони муҳаррики аслии инқилоби илмӣ-техникӣ дар як ҷомеаи хос;

- ИИТ чун омили рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа:

- ИИТ ба унвони маркази бозтавлиди тавоноиҳо (инсонӣ, техникӣ) ва ғояҳои ҷадиди илмӣ[1] .

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои арзёбии сатҳи ҳимоят аз фаъолиятҳои илмӣ-техникии донишгоҳҳои равияи техникӣ бояд вижагиҳои зеринро ба назар гирифт:

1. Нархи умумии таҷҳизоти озмоишгоҳҳои илмии муассиса;

2. Болоравӣ (пастшавӣ)-и қимати таҷҳизоти озмоишгоҳҳо бо шумули аз кор баромадан ва харидории таҷҳизоти нав (дар давраи муайяни таърихӣ);

3. Синну соли миёнаи таҷҳизоти озмоишгоҳҳо, махсусан он таҷҳизоте, ки таҳқиқоти илмии пурмазмуни манфиатовар дар онҳо гузаронида мешавад;

4. Фарсудагардии таҷҳизот ва иваз намудани онҳо бо таҷҳизоти замонавӣ (ҳар панҷсола). Риоя гардидани муҳлати истифодабарии таҷҳизот;

5. Ҳангоми иваз намудани таҷҳизот сифат, вазифа, хусусиятҳои онҳо то кадом андоза ба эътибор гирифта шудаанд (оё таҷҳизоти нав қобилияти иҷро намудани масъалаҳои нави илмиро доранд ва ё аз таҷҳизоти куҳна фарқ надоранд ё имконияташон маҳдудтар аст);

6. Сатҳи техникии иҷрои тавлид иборат аст аз таносуби иқдомоти анҷомшуда тавассути техника ва афрод, яъне мизони истифодаи маркази илмӣ аз роботҳо барои осону беҳбуди истеҳсолот[2].

Аммо дар асоси ин талабот таҳқиқ кардани вазъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишгоҳҳои равияи техникии кишвар ғайриимкон аст. Зеро чунин талабот дар ҳамаи донишгоҳҳои равияи техникии кишвар имконпазир нест. Инчунин, дар

---

[1] Ермолаева, Е.Н. Формирование и оценка научно-технического потенциала предприятия [Текст]: дисс... канд. экон. наук: 08.00.05 / Ермолаева Елена Николаевна. – Новосибирск, 2002. – 187 с.

[2] Данков, А.А. Определение основных показателей эффективности научно-технической деятельности научных учреждений Минобороны России и предприятий промышленности [Текст] / А.А. Данков, С.В. Мурашова // Труды XIX Всероссийской научно-практической конференции «Актуальные проблемы защиты и безопасности». – СПб.: НПО Специальных материалов, 2016. – Т.5. – С.342-346.

даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ бо сабабҳои маълум аксари донишгоҳҳои бунёдӣ низ аз чунин имконияту таҷҳизот бе насиб гардиданд.

Бояд гуфт, ки бо беҳтар гардидани вазъи ҷамъиятиву сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ шумори макотиби олии равияи техникӣ бештар гардида, корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо вусъат ёфтанд. Вусъати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба иқтисод вобастагии бештар дорад, ки мутаассифона, дар ин самт дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мушкилоти бештар дида мешавад. Аз ҳама муҳим барои пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ захираи зеҳниву илмии кишвар басанда набуд. Аксар кадрҳои унвону дараҷадори илмӣ дар берун аз кишвар омода карда мешуданд. Мутахассисони унвону дараҷадори илмидошта бар асари воқеоти сиёсии солҳои аввали истиқлол тарки кишвар карданд. Ҳамаи ин ба низоми таҳсил ва дар маҷмуъ, ба соҳаи маориф мушкилоти бештар ба бор овард[1].

Иддае аз донишмандону пажуҳишгарон ва устодони донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникӣ новобаста аз шароити ногувори сиёсиву иқтисодӣ дар кишвар монданд ва рисолати худро иҷро карданд. Онҳо дар тарбияи мутахассисони равияи техникӣ саҳми муассир гузоштанд.

Яке аз марказҳои муҳимми таълимию илмӣ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ мебошад. Донишгоҳ ба унвони маркази асосии таҳқиқоти илмӣ, коркарди таҷриба, додаҳои истеҳсолӣ, навоварӣ ва ихтироъкорӣ дар самти тарбияи кадрҳои илмӣ-техникӣ ҷойгоҳи муносиб дорад. Тамоми нерӯи илмӣ-техникии Донишгоҳ ба рушди соҳаи нақлиёту коммуникатсия, технологияи иттилоотӣ, шабакаҳои алоқа, сохтмону меъморӣ, радиотехника, металлургия, технологияи кимиё ва ғайра нигаронида шуда, чандин барномаи муҳимми илмӣ-техникии кишварамон дар доираи корҳои илмӣ-тадқиқотии ин муассиса анҷом дода мешаванд.

Устодони донишгоҳ ҳамасола бар асоси равияи илмҳои бунёдӣ (фундаменталӣ) ва таҷрибӣ тадқиқот анҷом медиҳанд, ки тавсияҳои илмии онҳо

---

[1] Умаров, А.К. Просвещение Республики Таджикистан в началной государственной независимости [Текст] / А.К. Умаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2017. – №3-4. – С.94.

барои пешрафти коргоҳу корхонаҳои кишвар судманд аст. Дар ин самт ҳамкории онҳо бо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии зерсохтори Вазорати энергетика ва захираҳои об, Вазорати нақлиёт, корхонаи муштараки «Тоҷиказот», корхонаҳои воҳиди давлатии «Талко», «Тоҷиксемент», «Тоҷикводоканал» ва ғайра муассир мебошад.

Дар кафедраи «Электротаъминкунӣ» аз рӯйи мавзуъҳо дар зернерӯгоҳҳои «Истиқлол», «Ваҳдат» корҳои тадқиқоти таҷрибавӣ гузаронида шуданд. Дар асоси онҳо бори электрикии хатҳои алоҳидаи шиддаташон 6-10 кВ, ки аз зернерӯгоҳ мераванд, муайян карда шуданд. Методикаи пурраи ченкунӣ тартиб дода шудааст, ки аз рӯйи он дар дигар зернеругоҳҳо низ гузаронидани таҷриба осон мегардад. Дар асоси гузаронидани таҷрибаҳои тадқиқотӣ маълум гардид, ки бори электрикии хонаҳои истиқоматӣ дар солҳои охир хеле афзудааст. Афзудани бори электрикии хонаҳои истиқоматӣ ба он оварда расонидааст, ки хатҳои ноқилии 0.4 кВ ва 6-10 кВ ҳам ба бори зиёда аз меъёр қабулшуда кор карда истодаанд[1].

Аз рӯйи дигар равияи ченкуниҳои пай дар пай бо воситаи таҷҳизоти муосири андозагирандаи сифати энергияи электрикӣ дар зеристгоҳҳои «Новая», «Регар» ва «Душанбе 500» ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои ченкунӣ бо истифодабарии моделҳои математикӣ коркард шуда, мушкилоти асосии таъмини хуби сифати энергияи электрикӣ дар низоми электроэнергетикии Тоҷикистон муайян шудаанд. Бо тадқиқотҳои иловагӣ роҳи ҳалли ин мушкилот ҳам ёфт шудааст. Дар асоси он методикае тартиб дода шуд, ки бо роҳи математикӣ ёфтани сифати энергияи электрикӣ дар ҳар як нуқтаи шабакаҳои электроэнергетикӣ бо истифодабарии компютер пешниҳод карда шуд.

Тадқиқотҳо дар бораи омӯхтан ва муайян кардани захираҳои энергияи барқароршавандаи Тоҷикистон аз тарафи устодони донишгоҳ ҷараён дошта, натиҷаи онҳо дар конфронсҳои илмию амалӣ баррасӣ гардидаанд. Пажуҳишгарон моделҳои тадқиқотии реҷаи кории нерӯгоҳҳои обиву офтобиро

---

[1] Саноат ва энергетика. – 2013. – 21 май.

дар якҷоягӣ сохта барои татбиқ намудан дар истеҳсолот пешниҳод намудаанд. Айни замон дар ин моделҳо тадқиқоту таҷрибаҳои амалӣ гузашта истодааст.[1]

Дар кафедраи «Технологияи химиявии масолеҳи ғайриорганикӣ» дар мавзуи «Коркарди технологияҳои камхарҷи истеҳсоли маводи кимиёвӣ аз ашёи маҳаллӣ» таҳқиқот гузаронида шуданд. Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда таркибҳои оптималии сементҳо, гаҷҳо ва бетонҳои ба коррозия устувор, инчунин омехтаҳои хушки сохтмонӣ муайян карда шудаанд. Барои пурқувват ва ба коррозия устувор кардани сементу бетонҳо ба таркиби онҳо моддаҳои махсус, ки қобилияти тағйир додани таркиб ва хосияти сементҳоро доранд, ҳамроҳ карда шуданд. Дар натиҷаи амалӣ намудани таҳқиқоти мазкури кафедра бозори дохилии кишвар бо сементи ватанӣ таъмин гардид.[2]

Дар кафедра технологияи аз ашёи маҳаллии растанӣ ҳосил намудани моддаҳои иловагии гаҷу семент кор карда шудааст ва ин технология имконият медиҳад, ки чунин мавод аз ғӯзапоя, чӯби ар-ар, чинор, қамиш ва дигар растаниҳо тайёр карда шаванд. Истеҳсоли омехтаҳои хушки сохтмонӣ аз ашёи маҳаллӣ, ки ҳоло талаботи бозор нисбати онҳо хеле зиёд аст, имкон дорад ин талаботро қонеъ гардонад ва нархи маводи сохтмониро арзон намояд.

Дар кафедраи «Технологияи мошинсозӣ, дастгоҳҳо ва асбобҳои металлбурӣ» доир ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Коркарди технология ва таҷҳизоти сермаҳсул барои истеҳсоли маҳсулот аз сангҳои ҷавоҳиротӣ дар асоси истифодаи раванди коркарди марказшитоб», таҳқиқот анҷом дода шудааст. Дар раванди омӯзиши он нақшаҳои кории дастгоҳи буранда ва суфтакунанда тартиб дода шуда, корҳои васлгарии дастгоҳи бурандаи қайроқдори марказшитоб ба иҷро расонида шуданд. Самтҳои асосии кор оид ба такмили технологияи сохтани сафолаксангҳои ороишӣ муайян карда шуда, технологияҳои мавҷудаи сохтани сафолаксангҳои ороишӣ аз сангҳои рангаи табиӣ таҳлил карда шуданд.

---

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2015.

[2] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2015. – В. 6.

Устодони кафедраи «Масолеҳшиносӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти металлургӣ» дар мавзуи «Коркарди маводи дурнамои конструксионӣ ва технологияҳои камхарҷ барои рӯйпушкунии сатҳҳои зангзананда» таҳқиқот бурдаанд[1].

Раванди пешравӣ дар истеҳсолот айни замон аз эътимоднокии дастгоҳҳои технологии соҳаҳои металлургия дар мошинсозӣ вобаста буда, барои баланд бардоштани сифат ва нишондодҳои иқтисодии истеҳсолот алоқамандии зич дорад. Баланд бардоштани давомнокии кори мошину механизмҳо яке аз нишондодҳои асосии тараққиёти истеҳсолот ба шумор меравад.

Устодони кафедраи «Иншооти зеризаминӣ, асос ва таҳкурсиҳо» дар самти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ фаъолияти назаррас доранд. Яке аз тадқиқоти онҳо доир ба хокҳои бечаспиш, сангу шағал ва регхокҳо мебошад. Натиҷаҳои тадқиқоти лабораторӣ нишон доданд, ки дараҷаи зичшавии хок ҳангоми бори статикӣ аз бузургии фишори гузошташуда вобаста буда, ҳангоми бори зарбавӣ аз теъдод ва қувваи зарба вобастагӣ дорад. Натиҷаҳои тадқиқоти саҳроӣ нишон доданд, ки самаранокии зичшавии хок ва ғафсии қабати хоки зичшуда ҳангоми бори зарбавӣ аз вазн ва масоҳати асосии фишороварӣ («трамбовка») вобаста аст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳайати профессорон, омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ танҳо дар соли 2013 аз рӯйи 49 равия ва зиёда аз 120 мавзуи илмӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ анҷом додаанд, ки қисмати бештари онҳо бо масъалаҳои тараққиёти хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии зич доранд. Аҳаммияти масоили таҳқиқшуда аз ҷониби олимони донишгоҳ дар он аст, ки дастовардҳо ва натиҷагириҳои илмӣ ба рушду такомули донишҳои бунёдӣ, технологияҳои нави илмӣ, ташаккули мактаби олӣ ва доираҳои нави илмӣ мусоидат намуда, мактаби олиро бо мутахассисони варзидаи илмӣ таъмин менамоянд.

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2015. – В. 8.

**Диаграммаи 1. Тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар 25 соли замони истиқлол.**




Таҳлили диаграммаи мазкур нишон медиҳад, ки дар давоми 25 соли истиқлоли давлатӣ дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ 42 нафар омӯзгор рисолаи докторӣ ва 167 нафари дигар рисолаи номзадии худро дифоъ кардаанд[1]. Баландтарин нишондиҳанда дар дифои рисолаи докторӣ ба соли 1994 ва рисолаи номзадӣ ба соли 2010 рост омадааст. Агар соли 1991 3 рисолаи докторӣ дифоъ гардида бошад, пас ин рақам дар солҳои 2001 ва 2011 ба сифр расидааст. Дар маҷмуъ агар назар афканем, сафи унвондорҳо дар донишгоҳ сол ба сол тамоюли зиёдшавӣ дорад, аммо нишондиҳандаҳо дар шароити муосир басанда нест. Танҳо дар соли 2016 аз ҷониби омӯзгорони донишгоҳ 15 рисолаи номзадӣ ва 1 рисолаи докторӣ ҳимоя гардидаст. Дар ҳоле ки соли 2016 дар донишгоҳ 432 нафар омӯзгор фаъолият дошта, танҳо 21 нафар доктори илм ва 172 нафари дигар номзади илм буданд. Дар донишгоҳ ҳамагӣ 213 устодони унвони илмидошта кор карда истодаанд, ки 193 нафарашон кормандони тасвибӣ мебошанд. Яъне миқдори омӯзгорони унвони илмидошта бо назардошти ҳамкорони берунӣ 49% ва кормандони штатӣ 45% -ро ташкил медиҳад.

---
[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2015.

**Диаграммаи 2. Таҳсили омӯзгорони донишгоҳ дар аспирантураи хориҷи кишвар**




Яке аз масоили мушкилотсози дигар фаъолият илмии аспирантони донишгоҳ аст, ки аксар баъди хатми таҳсилот рисолаҳои илмиашонро ба дифоъ пешниҳод намесозанд. Агар дақиқтар дарҷ намоем, дар тӯли 5 соли охири давраи таҳқиқ (2012–2016) зинаи аспирантураи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимиро 70 нафар хатм намудаанд, вале аз ин шумора танҳо 6 нафар (8,57%)-и онҳо рисолаҳои илмии худро ҳимоя карданд. Аз 70 нафари хатмкарда 28 нафарашон дар донишгоҳ кору фаъолият доштанд[1]. Аз ин бармеояд, ки аксари аспирантон пас аз хатм соҳиби унвон ва дараҷаи илмӣ нагардиданд. Омили аслии чунин ҳолат дар набудани шуроҳои дифоъ дар ҷумҳурӣ ва вазъи номусоиди иқтисодии аспирантон ҷиҳати дифои рисола дар хориҷи кишвар маънидод гардидаанд.

Дар баробари ин, дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ, грантҳо, кӯмакҳои молиявӣ ва дигар манбаъҳо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом додаанд. Барои иштирок дар озмуни Шурои ҳамоҳангсозии АИ ҶТ 5 (панҷ) мавзуи фармоишӣ-буҷавӣ пешниҳод карда шуда, дар соли 2013 иҷрои онҳо бо миқдори маблағгузории умумӣ 173374 сомониро ташкил дод. Ҳамзамон, се мавзуи илмӣ-тадқиқотӣ дар доираи

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2015. – В.13.

номгӯи мавзуъҳои «Стратегияи Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология дар солҳои 2007–2015» низ роҳандозӣ гардиданд. Агар соли 2013 устодони донишгоҳ дар доираи 8 мавзуи илмӣ таҳқиқот анҷом дода бошанд[1], дар соли 2015 ин шумора ба 7 адад коҳиш ёфтааст. Тибқи маълумоти бахши илми донишгоҳ дар соли 2015 устодону кормандони донишгоҳ аз рӯи 7 мавзуи фармоишӣ-буҷавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду лоиҳаи Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ, ки барои иҷрои онҳо 254221 сомонӣ ҷудо шудааст ва зиёда аз 120 мавзуи таҳқиқотии фардӣ, мувофиқи нақшаи тақвимии тасдиқшудаи корҳои илмӣ таҳқиқот бурдаанд[2].

Дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ маводи илмӣ дар маҷаллаҳои дохиливу хориҷии кишвар ба табъ расида, дастовардҳои илмии онҳо дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар татбиқ карда мешаванд.

Дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии устодони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар давраи таҳқиқ хеле назаррас мебошад. Дар донишгоҳ масъалаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи муосир ба яке аз омилҳои муҳимми рақобатпазирӣ ва ҳар чӣ муассир гардидани нуфузи донишгоҳ дар арсаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Устодону кормандони донишгоҳ дар замони истиқлол барои татбиқи ҳадафҳои муҳимми стратегияи миллии рушди соҳаи маориф ва нақша-чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми кишвар талош меварзанд. Аз замони таъсис тадриҷан шумораи устодони унвону дараҷадори илмӣ бештар гардида, натиҷаи таҳқиқоти онҳо дар амал татбиқ гардиданд. Тибқи нишондодҳои оморӣ соли 2016 теъдоди умумии омӯзгорон дар донишгоҳ ба 356 нафар расид, ки аз онҳо 114 нафарашон (32,02%) омӯзгори ҷавон буданд. Аз 114 нафар омӯзгори ҷавон 12 нафар (10,5 %) номзади илм, 50 нафар (43,1 %) саромӯзгор ва 54 нафар (46,5 %) ассистент дар 22 кафедра ва 1 марказ фаъолият доштанд[3].

---

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ. Ҳисоботи ректор барои солҳои 2010-2015. – В.13.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Матн] // Ҳисоботи солона оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар соли 2016. – В.3.

**Диаграммаи 4. Ҳимояи рисолаи номзадӣ ва докторӣ дар солҳои 2013–2016.**




Дастовардҳои муҳимми олимону устодони донишгоҳро дар навоварии илмии онҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Дар 25 соли замони истиқлол устодони навовари донишгоҳ соҳиби 141 патент гардиданд, ки дар бахшҳои гуногуни саноати кишвар амалӣ карда шудаанд. Дар миёни устодони донишгоҳ дастовардҳои илмии Амонзода И.Т. Ҳакимов Ғ.Қ., Юсупов М.Ч., Бобоев Х.Ю., Иброгимов Х.И., Ишматов А.Б., Қурбонов Ф.Б., Икромӣ М.Б. ва дигарон хеле назаррасанд[1].

Махсусан, дар Форуми занҳои ихтироъкори ҷаҳон дар шаҳри Сеули Кореяи Ҷанубӣ 3 адад ихтирои бонувон-ихтироъкорони ҷумҳурӣ аз ҷониби Кумитаи тадорукот, бо се медал: тилло, нуқра ва биринҷӣ қадрдонӣ карда шуданд. Аз он ҷумла, Яминова Заррина корманди Департаменти илм ва татбиқоти донишгоҳ барои ихтирои «Тарзи ҳосилкунии оҳор барои нахи

---

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Матн] // Ҳисоботи солона оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар соли 2016. – В.3.

пахтагӣ» соҳиби медали нуқра байни 400 зани ихтироъкори ҷаҳон аз 25 давлат гардид[1].

**Диаграммаи 5. Миқдори патент, монография ва мақолаҳои илмии аз тарафи КОА эътирофшудаи устодони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар солҳои 2011–2016.**




Аз таҳлили диаграмма бармеояд, ки дар шаш соли охири замони таҳқиқ нишондоди корҳои илмӣ-таҳқиқотии устодони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар баъзе самтҳо афзоиш ёфтааст. Аммо дастовардҳо дар самти ихтироъ рӯ ба коҳиш дорад. Дар соли 2011 навоварони донишгоҳ соҳиби 11 патент гардиданд, вале дар соли 2016 ин рақам то ба 5 адад коҳиш ёфтааст. Аммо нашри монографияҳо бештар шудааст. Ногуфта намонад, ки дар соли 2016 12 монография нашр шудааст, вале аксари онҳо ба соҳаи илмҳои

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Матн] // Ҳисоботи солона оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар соли 2016. – В. 8-9.

гуманитарӣ рабт доранд. Дар соҳаи техникӣ нашри монографияҳо камтар ба назар мерасад.

**Диаграммаи 6. Мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва маблағҳои аз ҷониби ШҲ АМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011–2015 тасдиқшуда[1].**




Муҳаққиқону пажуҳишгарони донишгоҳ дар доираи мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки аз ҷониби Шурои ҳамоҳангсози Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, таҳқиқот анҷом додаанд. Лоиҳаҳои фармоишӣ дар асоси нақшаи тасдиқшуда маблағгузорӣ гардида, иҷрои саривақтии онҳо ба роҳ монда шудааст.

Донишмандони Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд бо ҳисси масъулияти баланд ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди босуръати рушди илм ва техника, ки тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро гирифтаву зарурати таҳия ва татбиқи амалии дастовардҳои илмиро ба миён овардааст, фаъолияти илмии

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Матн] // Ҳисоботи солона оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар соли 2016. – В.3.

худро идома дода, барои ҳарчи бештар дар соҳаҳои гуногун татбиқ намудани дастовардҳо талош намудаанд.

Таҳлили дастовардҳои илмии донишкада нишон медиҳад, ки кормандону устодони ин даргоҳ ҳама он нақша-чорабиниҳое, ки дар соли таҳқиқшаванда барои беҳбуди илм ба нақша гирифта шудааст, ба анҷом расонидаанд.

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии донишкада ҳайати устодону кормандони он роҷеъ ба 70 самт, 100 масъала ва 111 мавзуъҳои кафедравӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом додаанд. Барои дар сатҳи баланд иҷро гаштани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз рӯйи мавзуъҳои илмии кафедраҳо раёсати донишкада дар баробари маблағҳои буҷавӣ, инчунин, аз ҳисоби суратҳисоби махсус маблағҳо ҷудо намудааст.

Шоистаи зикр аст, ки солҳои соҳибистиқлолӣ аз 320 устоду корманди илмии донишкада дар иҷрои пажуҳишҳои илмӣ 210 нафар иштирок кардааст. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар самти илм ва фароҳам овардани шароити хуби пажуҳишӣ-таҳқиқотӣ тамоили зиёдшавии шумораи устодони унвондор дар донишгоҳ ҳар сол бештар гаштааст.

Раёсати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ба нашри маводи илмӣ ва китобҳои дарсии устодону кормандон, ки ба пешравии илм ва ҷараёни таълим мусоидат менамояд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Дар солҳои таҳқиқшаванда устодони донишгоҳ, чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар, мақолаву монографияҳои зиёди илмӣ ба нашр расониданд. Корҳои илмию тадқиқотӣ дар доираи мавзуъҳои идоравӣ ва фармоишии буҷетӣ иҷро мешаванд. Дар умум, олимони донишкада дар ин давра дар иҷрои 5 лоиҳаҳои фармоишии буҷетӣ ширкат варзиданд.

Дар самти гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт корҳои илмию тадқиқотӣ анҷом дода шуданд. Муваффақиятҳои илмие, ки таҳти роҳбарии академик З.Ҷ. Усмонов ба даст омадаанд, назаррас аст. Шогирдони ӯ аввалин маротиба ҷойгиршавии оптималии ҳарфҳои забони тоҷикиро дар клавиатура

таҳлил намуда, дар ворид намудани алифбои тоҷикӣ дар системаи оператсионии Windows иштирок карданд, дар ҳамкорӣ бо ширкати умумиҷаҳонии MicroSoft пакети барномаҳоро барои тафтиши автоматии имлои забони тоҷикӣ, тезаурус ва аз сатр ба сатр гузаронидани калимаҳо барои барномаи MS Office коркард намуданд. Илова бар ин, барномаҳо барои синтез ва шинохти овоз, тарҷумаи автоматии матн, шинохти муаллиф аз рӯйи матн коркард шудааст. Натиҷаи тадқиқоти илмии олимони донишкада дар истеҳсолот ва ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон васеъ истифода мешавад. Масалан, низоми қабули пардохтҳо тавассути терминалҳои худхидматрасон (Express Pay), низоми автоматишудаи хидматрасониҳои коммуналӣ ва пардохти ғайринақдӣ дар нақлиёти мусофиркашони шаҳри Душанбе ва ғ. Дар ин ҷода саҳми олимон Х.Т. Мақсудов, О.М. Солиев, Х.А. Худойбердиев, А.И. Низомаддинов, А.А. Қосимов, Г.М. Довудов хеле намоён аст[1].

Олимони донишкада дар анҷоми корҳои илмию тадқиқотӣ доир ба ҳалли муаммои истифодаи муассири энергия ва коҳиши талафоти қувваи барқ, истифода аз манбаъҳои энергияи таҷдидпазир дар иншооти шаҳрвандӣ ва саноатӣ, афзоиши эътимоднокии таҷҳизот ва шабакаҳои барқӣ ба муваффақияти назаррас ноил шуданд. Махсусан, бар асоси таҳқиқи масъалаҳои афзоиши самаранокӣ ва таъмини бехатарии кори трансформаторҳои пуриқтидор шеваи танзими шиддат дар зеристгоҳҳо, таҳияи алгоритми ташхис ва санҷиши коршоямии трансформаторҳои пуриқтидор мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар асоси тавсияҳои илмӣ коркарди афзоиши самараи корҳои ташхису таъмири трансформаторҳо, танзими реҷаи кори трансформатор ва пешгирии садамаҳо дар зеристгоҳҳои барқии 110 кВ ба роҳ монда шуд, ки ҳоло додаҳои илмии онҳо дар Шабакаҳои барқии Суғд татбиқ мегардад. Ҳамчунин, тағйироти хосияти гармофизикии моеъҳои магнитӣ таҳти таъсири ҳарорат, фишор ва майдони магнитӣ дар симпечҳои трансформатор мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки бар асоси он ташхиси фаврии сифати равғани трансформатор анҷом дода мешавад.

---

[1] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.31.

Дар самти истифода аз энергияи бодӣ редуктори электромагнитӣ бо конвертори табдили теристор коркард шуд, ки самараи истифодаи қувваи бодро то 85% зиёд мекунад. Ҳамчунин, эътимоднокии хатҳои интиқоли барқи шиддаташон 110 кВ дар шароити иқлими кишвар тадқиқ ва доир ба интихоби ноқилҳои беҳтари барқӣ ва пешгирӣ аз садамаҳои нохуш тавсия пешниҳод гардид. Дар ин соҳа 3 рисолаи номзадӣ ба ҳимоя пешниҳод гардид; 14 патент сабт шуд; 3 монография ва 120 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дохилӣ байналмилаӣ ба нашр расид. Натиҷаи тадқиқот дар конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти мавзуи «Технологияҳои муосир дар элекроэнергетика ва саноат» (соли 2012) мавриди шарҳу тавзеҳ қарор гирифт. Натиҷаи корҳои илмию тадқиқотии олимони соҳа дар идораи Шабакаҳои барқии вилояти Суғд ва корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла ҶДММ «Ҷавонӣ» татбиқи худро ёфтааст. Дар ин самт таҳқиқоти олимони тоҷик – О.С. Раҳимов, А.А. Ҳоҷиев, Д. Ҷӯраев, Д.У. Қаландаров, И. Исломов, М.И. Тошхӯҷаев ва дигарон пурсамар мебошад[1].

Самти дигари корҳои илмию тадқиқотии олимони донишкада, ки ба рушди иқтисоди миллӣ бастагӣ дорад, ҳалли муаммои таъмини амнияти бозори хӯрока аст. Олимони донишкада доир ба таҳлили сифат, коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, ба хусус ғизоҳои солими амалкардӣ (функсионалӣ) корҳои судманд анҷом доданд. Дар мавриди ғизоҳои солими амалкардӣ олимони донишкада бо истифода аз таркиби гиёҳҳои маҳаллӣ ва таҷҳизоти муосир чанд тадқиқот бурдаанд. Хусусан, коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ ва қаннодӣ бо арзиши биологии баланд, усули истеҳсол ва истифодаи хока аз ҳучи маҳаллӣ барои истеҳсоли ширинҳои шарқӣ, технологияи истеҳсоли маҳсулоти миллии ярмавӣ (истеҳсоли консентрат аз мош), усулҳои нигахдории ангур дар муҳити газӣ бо истифода аз мембранаҳои трекӣ ва бо яхкунонӣ вобаста ба намуди обёрӣ ба анҷом расонида шуда, дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ шудаанд. Натиҷаҳои ин тадқиқот бо нахустпатентҳои ватанӣ ва байналхалқӣ тасдиқ карда шудаанд. Дигар самти тадқиқот ба соҳаи боғдорӣ, аз ҷумла ба боғи зардолу ва ангур бахшида шудааст.

[1] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.35-36.

Хусусиятҳои парвариши ангурҳои баландтанаи нақшаи шинониданашон ҷуфтӣ ва парвариши зардолу аз рӯйи технологияи интенсивӣ дар шароити шимоли Тоҷикистон омӯхта шуда, тавсияҳо доир ба парвариши онҳо дар хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Суғд пешниҳод шудаанд[1].

Натиҷаҳои кори илмию тадқиқотии олимони донишкада дар самти саноатикунонии босуръати мамлакат, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ низ назаррас мебошанд. Хусусан, дастовардҳои муҳим ва дорои аҳаммияти илмию амалӣ аз тарафи мактабҳои илмӣ таҳти роҳбарии узви вобастаи Академияи миллии илмҳои ҶТ, д.и.т., профессор Мансурӣ Д.С. ва узви вобастаи Академияи муҳандисии ҶТ, н.и.т., дотсент Саидӣ Д.Р. ба даст оварда шудаанд. Бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва сифати маҳсулот тадқиқот доир ба таҷдиду навсозии таҷҳизоти саноати сабук, аз ҷумла мошинҳои дарздузӣ ва ресандагӣ гузаронида шудааст: нақшаи нави конструктивии тасмаи ҳаракатдиҳандаи амортизатсияшаванда коркард гардида, механизми нави ҷойивазкунии матоъ бо элементҳои чандир ихтироъ ва механизми сӯзанзании мошини дарздӯзӣ ва механизми танзими зичии калоба дар мошинҳои ресандагӣ такмил дода шудааст. Дигар самти тадқиқот ба автоматикунонии лоиҳасозии либос бахшида шуда, натиҷаҳои зерин ба даст оварда шудааст: феҳристи электронии унсурҳои либоси миллӣ тартиб дода шудааст, усули андозагирии антропометрии ҷуссаи занон бо истифодаи комплекси беробита коркард гардида, дар асоси он шкалаи тақсимоти физии ҷуссаи занҳои Тоҷикистон тартиб дода шудааст, усули лоиҳасозии либоси эргономикӣ бо истифодаи 3D моделиронӣ коркард шудааст. Натиҷаи корҳои илмӣ ҳангоми таҳияи Стандартҳои давлатӣ «Нишонаи андозаҳо. Ҷуссаҳои намунавӣ» истифода шудаанд. Дар самти эҳёи ҳунарҳои мардумӣ таърихи инкишофи касби чеварии тоҷикон дар асрҳои XV ва нимаи аввали асри XX омӯхта шуда, омилҳои рушд ва табодули онҳо муайян карда шудааст. Дар ин самт 5 рисолаи номзадӣ ҳимоя шуда, 10 нахустпатент ба даст омадааст, 3 монография ва зиёда аз 200 мақолаи илмӣ нашр шудаанд[2].

---

[1] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.36.
[2] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.38.

Натиҷаи кори илмию тадқиқотии олимони соҳа дар корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд», ҶДММ «Шарифи Хуҷанд», корпоратсияи «Школа» (ш. Москав, ФР), ҶДММ «Униформа» (вилояти Смоленск, ФР) мавриди истифода қарор мегирад. Дар пешрафти ин соҳа саҳми донишмандони муассиса Д.С. Мансурӣ, Д.Р. Саидӣ, Ҳ.О. Раҳимова, Х.Т. Мирхолиқов, Б.Л. Қодирова, З.М. Умарова, Ш.А. Саидова, Н.И. Бобоҷонова муассир аст.

Олимони донишкада доир ба хидматрасонии нақлиёт, ҳамлу нақли бор ва мусофирон, истифодаи самараноки нақлиёти автомобилӣ корҳои тадқиқотӣ анҷом додаанд. Усули арзёбии мутобиқати автомобилҳои тамғаи гуногун ба шароити душвори кӯҳӣ аз рӯйи харҷи сӯзишворӣ ва методикаи тасҳеҳи меъёри харҷи сӯзишворӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои шароити истифодабарӣ коркард ва дар муассисаи нақлиётии мусофиркашони ҶСК «Сорбон» татбиқ шудаанд. Усулҳои техникию иқтисодии идораи коршоямии автомобилҳо дар шароити кӯҳсор коркард шуд, ки тавсияҳои илмии он доир ба беҳдошти самараи фаъолияти корхонаҳои нақлиётӣ арзанда аст. Ғайр аз ин, хусусиятҳои термофизикӣ ва адсорбсионии катализаторҳо дар асоси оксиди ковокдори ғурӯшакардашудаи алюминий омӯхта шуда, истифодабарии он барои безараргардонии газҳои ихроҷшудаи муҳаррикҳои дарунсӯз аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Дар доираи таҳқиқоти мазкур 2 рисолаи илмӣ дифоъ гардида, 2 нахустпатент, 4 санади татбиқи натиҷаи корҳои илмӣ гирифта шуда, зиёда аз 100 мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои гуногун ба табъ расиданд. Ногуфта намонад, ки бештари ин дастовардҳо пажуҳишҳои Б.Ф. Фатҳиддинов, А.А. Акрамов, Ш.С. Алиев, Ф.М. Маҳмудова ва дигарон мебошанд[1].

Таҳқиқоти олимони донишкада дар соҳаи сохтмон ва саноати масолеҳи сохтмонӣ барои истифодаи самараноки энергия, таъмини шароити зист дар биноҳои истиқоматӣ дар мисоли иқлими Осиёи Миёна, истеҳсоли масолеҳи сохтмонии нав, аз ҷумла бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ муассир аст. Аввалин маротиба дар шароити Тоҷикистон усули комили арзёбии

---

[1] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.38.

микроиқлими гармӣ дар ҳуҷраҳои бинои истиқоматӣ бар асоси шохиси ҳассосияти ҳароратӣ (PMV) ва дараҷаи нороҳатии (PPD) бадани инсон дар ҳуҷра мавриди истифода қарор гирифт. Дар шароити Осиёи Миёна, минтақаи оптималӣ ва вобастакунии ҳарорати бароҳатии имконпазир ва намии нисбии ҳаво дар ҳуҷраҳо барои давраи хунукӣ ва гармии сол пешниҳод шудааст. Технологияи истеҳсоли маснуоти сафолии деворӣ (дар мисоли хишт) бо таркиби шолипахоли маҳаллӣ коркард шудааст: роҳҳои коҳиши зичии хишт, аз ҷумла коҳиши истифодаи шолипахол ба таркиби масолеҳи сафолии деворӣ, намуди хок барои истеҳсоли ин маснуот муайян ва василаи васеъ намудани пойгоҳи ашёи хоми истеҳсоли ин маснуот асоснок гардид. Технологияи истеҳсолу васли маснуот ва конструксияҳои сеқабатаи сохтмонӣ коркард ва хосияти физикию химиявӣ, аз ҷумла ҳифзи гармӣ, устувории конструксияҳои сеқабата аз тахтаҳои пенополистирол тадқиқ гардиданд. Тадқиқот доир ба таҷдиди биноҳои саноатию мулкӣ дар шароити махсуси сохтмонӣ анҷом шуд, ки натиҷаҳои он барои анҷоми корҳои сохтмонӣ судманд аст. Раёсати донишкада дар ин самт чанд конференсия ва семинари илмӣ баргузор намудааст. Дар мавзуъҳои «Проблемаҳои муосир дар соҳаи меъморӣ, сохтмон ва нақлиёт» (с. 2012), «Рушди меъморӣ, сохтмон ва истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ» (с. 2015) ва ғ. чунин ҳамоишҳои илмӣ гузаронида шудааст. Натиҷаи пажӯҳиш дар ин самт бо дифои 3 рисолаи илмӣ, 10 адад санади татбиқи натиҷаи корҳои илмӣ ба даст омадааст. Зиёда аз 100 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои хориҷ ва дохили кишвар нашр шуд. Дар пешрафти ин соҳа олимон Маъмуров М., Насруллоев А.Д., Аминов Ф.А., Муҳамедов Ӯ.С., Усмонов Ш.З., Охунов З.Ю., Расулов О.Р. фаъолияти пурсамари илмӣ доранд[1].

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар давраи таҳқиқ олимони донишкада ба дастовардҳои муҳимми илмӣ ноил гардида, натиҷаи таҳқиқоти онҳо дар бахшҳои мухталифи иқтисоди кишвар татбиқ гардидаанд.

Бояд гуфт, ки дар баробари дигар донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон низ дар солҳои

[1] Олимони донишкада [Матн]. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.42-43.

таҳқиқшаванда дар таҳқиқи корҳои илмии рӯзмарра нақши назаррас дорад. Донишкадаи мазкур бо назардошти шароити мавҷуда ба масъалаҳои мубрами рушди саноат мароқ зоҳир намуда, корҳои илмӣ ба сомон расонидааст[1].

Мутаассифона, бо сабаби нокифоя будани захираи илмии донишкада омӯзгорон дар баъзе муассисаҳои дигари олии дохил ва хориҷи кишвар ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул мебошанд. Дар давраи таҳқиқотӣ 5 нафар омӯзгорони донишкада аз рӯйи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ гувоҳномаи муаллифӣ (патент) гирифта, дар самтҳои техникаи ҳароратӣ, маҳлулҳои сахт ва хатҳои (шабакаҳо) нейронӣ кашфиётро ба анҷом расонидаанд. Дар донишкада номзадҳои илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, Н.Ш. Холов, Н.Ш. Бадалов ва номзадҳои илмҳои физика-математика Т. Тағайназаров ва М. Ғаниев ба таҳқиқоту навоварӣ машғул мебошанд. Дар давраи таҳқиқ аз тарафи омӯзгорони донишкада аз рӯи самтҳои техникӣ 4 рисолаи номзадӣ ҳимоя кардаанд[2]. Аз ин ҷо бармеояд, ки паст будани неруи зеҳнии донишкада ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таъсири манфӣ расонидааст. Ҳайати омӯзгорони кафедраҳои тахассусии донишкада ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардинду рисолаи илмӣ дифоъ намоянд, заминаи мусоид барои рушди инноватсионӣ мегардад.

Ҳукумати кишвар чунин мушкилотро ба назар гирифта, «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020»-ро таҳия ва қабул кард. Дар Стратегияи мазкур дарҷ гардидааст, ки «Дар айни замон, яке аз афзалиятҳои аз ҷиҳати рушди инноватсионӣ муҳимтарине, ки то имрӯз боқӣ мемонад, сармояи инсонӣ мебошад, ки дар навбати аввал дар системаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои илмҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавҷуд аст. Вале, мутаассифона, дар сурати дарояндаи наздик самаранок истифода нагардидани ин иқтидор ва омода накардани насли нави докторони илм, ҳамчунин номзадҳои илм, метавонад ба натиҷаҳои номатлуб оварда расонад. Аз рӯи ҳиссаи аҳолии дорои

[1] Энсиклопедияи миллии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2017. – Ҷ.6. – С.137-138.
[2] Бойгонии ҷории донишкадаи энергетикии Тоҷикистон [Матн] // Маълумотнома оиди таҳлили корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорони Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. – В.1-2.

таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ Тоҷикистон дар сатҳи поёнтар аз нишондиҳандаи миёнаи кишварҳои ИДМ қарор дорад. Хусусан, аз нуқтаи назари таъсиси системаи инноватсионии самаранок сатҳи баланди таҳсилоти олӣ аз рӯйи ихтисосҳои илмҳои табиатшиносӣ ва муҳандисию техникӣ хеле муҳим мебошад. Амалан тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ иқтисодчиёнро тайёр мекунанд, гарчанде на дар ҳамаи онҳо заминаи зарурӣ мавҷуд аст. Дар тӯли солҳои охир, барои он ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии заминаи зарурӣ надошта иҷозатнома дода шавад, ин меъёрҳо паст карда шуданд. Дар баробари ин, бо мақсади фаъолият ва рушд кардан қариб ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (иҷозатнома дода шуда) имконияти дар ду баст фаъолият кардан фароҳам оварда шуд. Бинобар ҳамин, аз сабаби яку якбора зиёд шудани шумораи соатҳои аудитории омӯзгорон сифати корҳои илмӣ паст шуд. Омӯзгороне, ки якуним меъёр сарборӣ доранд, қариб ки имконияти ба кори самараноки илмӣ машғул шуданро надоранд[1]».

Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС» дар шаҳри Душанбе низ яке аз марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Олимони филиали мазкур дар соҳаҳои иқтисод, металлургия, иттилооти технологӣ ва автоматизатсия ва ғайра фаъолият намуда, барои рушди соҳаи саноати кишвар корҳои таҳқиқотиро роҳандозӣ намудааст. Аз соли таъсис то ин ҷониб (2012–2016) навоварони филиал ба дастоварҳои илмӣ ноил гардида, соҳиби патент ва шаҳодатномаҳои ихтироот гардидаанд. Махсусан, дар кашфи канданиҳои фоиданок модели инноватсионӣ бар асоси вижагии ҷойи кашф ва тағйири параметрҳо таҳия шуд. Дар радифи анҷоми ин корҳо, устодони донишгоҳ мунтазам ба навиштани рисолаву мақолаҳои илмӣ машғуланд[2].

Дигар донишгоҳе, ки дар солҳои таҳқиқшаванда ҳайати кормандони он дар рушди илми ватанӣ накши беназири худро гузоштаанд филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии ДЭМ дар шаҳри Душанбе мебошад. Устодони филиали

[1] Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://ncpi.tj/wp-content/uploads/2020/02/.pdf (санаи муроҷиат: 15.10.2023).

[2] Бойгонии ҷории Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС». Ҳисоботи ректор барои соли 2016.

мазкур аз рӯзҳои нахустини таъсис (2013)-и филиал дар баробари корҳои таълиму тарбия инчунин, ба корҳои илмию тадқиқотӣ низ машғул буданд[1].

Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ як аз самти муҳимми фаъолияти устодони кафедраҳо ба шумор меравад, ки он боиси беҳтар шудани сифати таълим мегардад. Омӯзгороне, ки ба иҷрои кори илмӣ-тадқиқотӣ машғуланд, дониши назариявӣ ва амалии худро такмил медиҳанд. Аз он ҷумла, таҳқиқоти омӯзгорони филиал Назиров Х.Б., Иноятов М.Б., Шамсиев М.В., Н.У. Усмонов., М. Азизов дар амал ва ба истеҳсолот пешниҳод гардидааст[2].

Ҳамин тавр, устодону донишмандони Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии «ДЭМ» дар шаҳри Душанбе пайваста ба фаъолияти илмӣ-тадқиқоти машғул буда, дар рушди иқтисодиёти мамлакат саҳми беназир мегузоранд.

Дар давраи таҳқиқ фаъолияти илмиву пажуҳишии омӯзгорони филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара назаррас аст. Дастоварди муҳимми илмии олимон Қаландаров А., Абдуллоев М. ва Қодиров С., ки дар истеҳсолот татбиқ гардидаанд, дар болои дарёи Исфара НОБ-ҳои таҷрибавӣ бунёд кардаанд. Дастгоҳҳои таҷрибавии амалкунандаи хокнармкунак (плуг)-и механикӣ, модели истеҳсоли барқ (барқтавлид-кунандаҳо) аз ҳисоби соиши ҷарххои автомобилҳо, тобаи офтобӣ барои пухтани гаҷи сохтмонӣ, пухтани хӯрок, дудпазӣ ва ғайраҳо низ аз дастовардҳои олимони донишкадаи мазкур арзёбӣ мегардад[3].

Бояд гуфт, ки дар ҳамаи донишгоҳу донишкадаҳои техникии кишвар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба роҳ монда шуда, таҳқиқоти донишмандону пажуҳишгарон патенту шаҳодатнома доранд. Дар 25 соли замони истиқлол ихтирооти бисёре аз олимони донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникӣ дар Маркази миллии патенту иттилоот сабт ва ихтирокорон соҳиби гувоҳинома шудаанд, аммо дар амал аксари ин дастовардҳо рӯи коғаз мемонанд. Ин мушкилот дар фазои илмии ҷумҳурӣ чун доғи рӯз арзёбӣ гардид, ки ҳатто

[1] Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии ДЭМ дар шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.4icu.org (санаи мурочиат: 20.09.2023).
[2] Бойгонии ҷории Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии ДЭМ дар шаҳри Душанбе. Ҳисобот дар самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли хониши 2017-2018. – В. 5.
[3] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара. Маскани илму ҳунар. – В. 4.

ходимони давлатӣ ва роҳбари давлатро бетараф нагузошт. Албатта, ин нигарониҳо дар замоне сурат гирифт, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш мерафт, вале дар илми тоҷик навгонӣ, ташаббусҳои илмӣ кам ба мушоҳида мерасид, афроди лаёқатманд, ихтироъкор ва навҷӯ ба ҷодаи илмҳои дақиқ ҷалб намешуданд ва мавзуъҳои фармоишӣ тибқи талаботи давлат сурат намегирифт. Дар ин шароит ҳукумати кишвар ҷиҳати иҷрои мавзуъҳои фармоишӣ ва истифодаи самараноки онҳо зарурати таҷдиди назар ва танзими маблағгузории соҳаи илмро ба миён гузошт[1].

Таҳлилҳо нишон дод, ки миқдори дархости патентӣ нисбат ба ихтироот аз тарафи шаҳрвандони мамлакат дар соли 2007 - 117 адад, соли 2008 113 адад, соли 2009 116 ба адад расид[2]. Албатта, ин ин нишондод дар қиёс бо сатҳи ихтироъкорӣ дар кишварҳои мутамаддин хеле кам аст.

Новобаста аз дастоварди илмии олимони соҳаҳои техникӣ дар ҷумҳурӣ, шумораи сабту интишори мақолаҳои илмӣ-пажуҳишии олимони тоҷик дар пойгоҳи маҷаллоти тахассусӣ ё «Шабакаи илм» (Web of Science) ба 1% мерасад, ки нисбат ба нишондоди дигар кишварҳо (Фаронса - 4,67%, Олмон- 6,47% ва Чин - 15,06%) қобили қиёс нест. Бар асари ин мушкилот солҳои охир корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони тоҷик ба таври кофӣ муаррифӣ нашуданд, ки донишмандони дигар кишварҳо дар навиштани корҳои илмиашон аз онҳо иқтибос биёранд. Ин дар ҳолест, ки барои 1 мақолаи навишати олимони Чин 3,62 иқтибос, Ҷопон- 5,12 иқтибос, Фаронса- 6,38 ва Олмон- 6,86 иқтибос рост меояд[3].

Дар замони муосир мафҳуми иқтидори илмӣ – техникӣ тавоноиҳоеро ифода месозад, ки дар баробари ҳалли мушкилоти техникӣ ё технологӣ боиси офариниши маҳсулоти бозоргир мегарданд. Ба вуҷуд овардани ҳама гуна маҳсулот, пеш аз ҳама, ба фаъолияти илмӣ – техникӣ вобастагӣ дорад.

---

[1] Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://ncpi.tj/wp-content/uploads/2020/02/.pdf (санаи муроҷиат: 15.10.2023).

[2] Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/ba24a74e3d838d8f893a8dd608f28028.pdf (санаи муроҷиат: 27. 12. 2023).

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 28 январи 2015 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://prezident.tj/node/8136 (санаи муроҷиат: 27. 11. 2021).

Фаъолияти илмӣ – техникӣ раванди ботадриҷ рушдёбандаи амалигардонии таҳқиқотҳо, дастовардҳои илмӣ ба ҳисоб меравад, ки ба бозор маҳсулоти серталаб ва осонкунандаи зиндагии инсонҳоро пешниҳод менамояд ва дар ниҳояти кор вазифаҳои навро дар пеши илм гузошта, самти рушди илм ва ҷомеаро муайян менамояд.

Баҳодиҳии омории натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникии ҷомеа барои ҳамаи сохторҳои он ниҳоят зарур аст ва натиҷаи он пешрафти илму техникаро нишон медиҳаду савияи татбиқнамоии инноватсияро дар соҳаҳои мухталиф ва умуман дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад.

Яке аз ченакҳои асосии фаъолияти илмӣ инкишофи худи илм ба ҳисоб меравад. Аниқтараш баъд аз ҳимояи рисолаҳои илмӣ то кадом андоза боиси ба вуҷуд омадани усулҳои нави илмӣ гардидаанду дар ҷомеа чӣ нақш доранд. Инчунин, натиҷаи ҳимояи рисолаҳои нав боиси ба вуҷуд омадани мактабҳои илмӣ гардидаанд. Ин гуна баҳогузориро бо забони илмӣ худинкишофёбӣ ва ё таҳавулоти илмӣ ном мебаранд[1].

Бар асоси баррасии навиштаҳои боло чунин хулоса намудан мумкин аст, ки пешрафти илму техника, савияи дониш ва тавоноии кадрҳои илмии муосир имкон медиҳад:

- амнияти иқтисодӣ тавассути дар истеҳсолот ҷорӣ намудани техникаю технологияи ватанӣ таъмин мегардад;

- амнияти иҷтимоӣ таъмин мегардад, зеро муносибати байни давлатҳо ҳама вақт дар як сатҳ боқӣ намемонад;

- амнияти экологӣ – давлатҳои истеъмолкунанда ба пуррагӣ намедонанд, ки техника ва технология ба экологияи онҳо чӣ таъсир мерасонад;

- амнияти технологӣ, ба дигар давлатҳо барои харидани технологияҳо муроҷиат намекунанду худашон истеҳсол наменамоянд[2].

Ҳамин тавр, аз таҳқиқи сарчашма ва маводди дастрас бармеояд, ки дар 25 соли замони истиқлол олимону донишмандон ва омӯзгорони донишкадаву

[1] Хазамов, Ш.Г. Механизм реализации научно-технического потенциала предприятий как инструмент повышения их конкурентоспособности [Текст] / Ш.Г. Хазамов // Экономические науки. – М., 2005. – №3 (101).
[2] Шленова, Ю.В. Управление инновациями [Текст]: учеб. пособие для вузов / Ю.В. Шленова. – М.: Высшая школа, 2003. – 252 с.

донишгоҳҳои равияи техникии кишвар новобаста аз мушкилот ба дастовардҳои муҳим ноил гардидаанд. Дар давраи таҳқиқ аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба дастгирии нерӯи илмӣ, таҷдиди соҳаи илм ва барои ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ равона кардани он чораҳо андешида шудаанд. Дар мамлакат таҳкими нерӯи илмию техникӣ ҳамчун яке аз шартҳои зарурӣ дар такмили иқтисодиёт ва гузариши давра ба давра ба роҳи инноватсионии рушд яке аз самти стратегӣ дониста шудааст. Дар ин замина, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ихтирооти донишмандону омӯзгорони донишгоҳҳои равияи техникӣ то андозае ба рушди инноватсия дар кишвар мусоидат намуд.

Новобаста аз дастовардҳои илмӣ дар давраи таҳқиқ баъзе камбудиву норасоӣ дида мешавад.

- Пиршавии ҳайати профессорон-омӯзгорон, олимони муассисаҳои таҳсилоти олии равияи техникӣ;
- Ба таври кофӣ маблағгузорӣ нагардидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар;
- Дар истеҳсолот татбиқ нагардидани ихтирооти олимони соҳа;
- Ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани марказҳои таҳқиқотиву пажуҳишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии равияи техникӣ.

Ин ва дигар мушкилоту душвориҳо аз масъалаҳои ҳалталаб дар бобати корҳои илмӣ-таҳқиқотии устодони донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникӣ дар кишвар маҳсуб меёбанд.

## 2.2. Равобити илмӣ-таълимии донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ

Яке аз бахшҳои муҳимми фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳо равобити байналмилалӣ мебошад, ки ба ин васила ҳамкориҳои судманди байналмилалӣ бо донишгоҳу донишкадаҳо ва муассисаҳои таълимӣ, илмиву фарҳангии мамолики хориҷи дуру наздик ба роҳ монда мешавад. Ба туфайли истиқлоли давлатӣ равобити байналмилалии донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар тавсеа ёфт, таҷрибаи илмӣ-таълимии донишгоҳу донишкадаҳои кишварҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш ва дар низоми таҳсилоти олӣ татбиқ гардидаанд. Донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамкориҳои илмӣ-таълимиро бо муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ ба роҳ монда, табодули донишҷӯён ва устодонро дар сатҳи байналмилаӣ таъмин мекунанд.

Дар ҳамаи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ бахш ё шуъбаи равобити хориҷӣ масъули танзиму таҳкими ҳамкориҳо бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мавҷуд аст. Хадамоти ин ниҳод дар самти анҷоми додани тадқиқоти муштараки илмӣ, табодули донишҷӯёну устодон ба манзури идомаи таҳсил, такмили ихтисос ва ширкат дар конфрону семинарҳо, коркард ва муаррифии лоиҳаю грантҳои байналмилаӣ муассир мебошад.

Шоёни тазаккур аст, ки барои густариши доираи ҳамкориҳои хориҷӣ дар соҳаи маориф ва илм бо ташаббуси Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илм чандин шартнома ба имзо расид, ки фаъолияти бахши равобити байналмилалии донишгоҳу донишкадаҳо дар ин замина аз назари ҳуқуқӣ таҳким меёбанд[1]. Бо мақсади барқарор намудани робитаю ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои собиқ шуравӣ, таъмини хоҷагии халқи ҷумҳурӣ бо кадрҳои зарурӣ ва такмили низоми маълумоти олӣ Шурои Вазирони ҷумҳурӣ бо Қарори худ аз 17 сентябри соли 1993, №480 вазоратҳои иқтисод ва маорифро вазифадор карда буд, ки барои ба

[1] Рушди илм ва маориф дар замони истиқлол [Матн]. – Душанбе, 2016. – С.134.

таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои ИДМ ва хориҷи дур аз рӯйи ихтисосҳое, ки тайёр карданашон дар ҷумҳурӣ имкон надорад, маблағ пешбинӣ намояд ва бастани шартномаҳоро таъмин созад[1].

Аз таҳқиқи сарчашмаҳо ва маводи соҳавӣ бармеояд, ки бо назардошти авзои сиёсиву ҷамъиятии даҳсолаи аввали замони истиқлол бахши равобити байналмилалии донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии ҷумҳурӣ ба таври чашмгир сурат нагирифтааст. Зеро дар сатҳи табодули донишҷӯён, омода кардани мутахассисон дар макотиби олии кишварҳои хориҷӣ ва такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон, инчунин таҳқиқоти муштарак дар заминаи созишномаҳо, ки тавассути бахши хориҷии донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникӣ сурат гирифта бошад, хеле кам ба назар мерасад. Пас аз муътадил гардидани вазъи сиёсӣ, аниқтараш имзои созишномаи сулҳ дар сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ муваффақиятҳои бештар ба даст омад, ки дар бахши равобити байналмилалии донишкадаву донишгоҳҳои кишвар таъсири мусбат расонид. Донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникии мамлакат дар 25 соли замони соҳибистиқлолӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе тадбирҳои такмили ташкили таълими шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти № 313 аз 15 июли соли 1997, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои убури транзитии шаҳрвандони хориҷӣ аз тариқи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти № 218 аз 15 майи соли 1999, Низомномаи таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти № 18/5 аз 03 сентябри соли

---

[1] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон (солҳои 1946-1995) [Матн] / А. Шарипов. – Хуҷанд: «Хуросон», 2002. – С.175.

2007 тасдиқ шудааст, инчунин Оинномаи амалкунандаи муассисаи таълимӣ равобити байналмилалиро ба роҳ монданд.

Мавриди зикр аст, ки дигаргунӣ ва дастовардҳоро дар фаъолияти донишгоҳҳои бунёдӣ, дар мисоли Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистони ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст.

Албатта, яке аз муассисаҳои бунёдии равияи техникии кишвар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ ба ҳисоб меравад. Аз замони истиқлол дар бахши густариши равобити илмӣ-таълимии донишгоҳ бо муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар ва ниҳодҳои байналмилалӣ чанд шартномаи муштарак ба имзо расид. Воқеан, ҳадафи ин шартномаҳо дарёфту татбиқи лоиҳаҳои судманд, такмили барномаҳои таълимӣ, табодули академии ҳайати омӯзгорону донишҷӯён ва баргузор кардани конфронсу семинарҳои сатҳи байналмилалӣ аст. Донишгоҳ узви фаъоли ассотсиатсияҳои донишгоҳҳои техникии ИДМ, донишгоҳҳои бинокории ИДМ, донишгоҳҳои меъмории ИДМ, донишгоҳҳои техникии Осиёи Марказӣ, Урал ва Сибир, донишгоҳҳои муҳандисии давлатҳои исломӣ, Ассотсиатсияи байналмилалии таълимии автомобилӣ ва роҳ аст. Донишгоҳи мазкур бо зиёда аз 120 муассисаи таҳсилоти олӣ ва марказҳои илмӣ-таълимии беш аз 30 мамлакати хориҷӣ ҳамкорӣ дорад[1].

Раёсати донишгоҳ дар натиҷаи танзиму таҳкими дурусти равобити байналмилалӣ барои омодасозии мутахассисони унвондор дар хориҷи кишвар заминаи мусоид фароҳам овард. Хатмкунандагони лаёқадманд ва устодони беунвони донишгоҳ барои таҳсил дар зинаи аспирантураи донишгоҳҳои хориҷӣ, алалхусус Федератсияи Руссия фиристода шуданд[2].

---

[1] 60 сол - ин ибтидо аст [Матн]: бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2016. – С.70.

[2] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон (солҳои 1946-1995) [Матн] / А. Шарипов. – Хуҷанд: «Хуросон», 2002. – С.180.

**Диаграммаи №1. Теъдоди аспирантони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар хориҷи кишвар.**




Аз маълумоти диаграмма возеҳ аст, ки таҳсил дар зинаи магистратураи донишгоҳҳои хориҷӣ тамоили зиёдшавӣ дорад. Агар дар соли 2010 шумораи аспирантони дар хориҷа таҳсилкунанда 3 нафар бошад, пас дар соли 2010 ба 30 нафар расиданд.

Бояд гуфт, ки ҳоло дар асоси шартномаҳои тарафайн чанд нафар шаҳрвандони хориҷӣ низ дар донишгоҳ ба таҳсили илм ва такмили ихтисос машғул мебошанд. Махсусан, дар соли таҳсили 2014-2015 80 нафар донишҷӯёни хориҷӣ дар шуъбаи тайёрӣ, бакалавр, шуъбаи таҳсилоти олии касбии дуюм, магистратура ва аспирантура таҳсил доштанд.

**Ҷадвали №1. Шумораи донишҷӯёни хориҷии донишгоҳ дар соли таҳсили 2014-2015[1].**

| Шакли таҳсил | Бурсия | Шартномавӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Шуъбаи омодагӣ | | 7 | 7 |
| Шуъбаи рӯзона | 34 | 23 | 57 |

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти робитаҳои байналмилалии донишгоҳ дар соли 2014 ва роҳҳои беҳтар намудани фаъолият дар ин самт. – В.2.

| | | | |
|---|---|---|---|
| Шуъбаи ғоибона | | 4 | 4 |
| Маълумоти дуюм | | 2 | 2 |
| Аспирантура | | 2 | 2 |
| Магистратура | | 8 | 8 |
| **Ҷамъ** | **34** | **46** | **80** |

Аз маълумотҳои ҷадвали мазкур бармеояд, ки дар шуъбаи тайёрӣ ҳамагӣ 7 нафар шаҳрванди хориҷӣ ҳамчун шунаванда таҳсил мекарданд ва аз ин шумора 6 нафари онҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва 1 нафар шаҳрванди Олмон буданд. Ҳамзамон, аз 57 нафар донишҷӯи хориҷии дар шуъбаи рӯзона таҳсилдошта 34 нафарашон дар асоси бурсия ва 23 нафар дар асоси шартнома таҳсил кардаанд. Шаҳрвандони ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Эрон ва Афғонистон дар асоси бурсияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсил ҷалб шудаанд. Шаҳрвандони хориҷӣ бештар ба ихтисосҳои сохтмон ва меъморӣ, шабакаҳои алоқа ва тақсимоти иттилоот, инчунин неругоҳҳои барқӣ ва барқтаъминкунӣ таваҷҷуҳи зиёд доштанд[1].

**Диаграммаи №2. Шакли таҳсили донишҷӯёни хориҷӣ дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ.**




Соли таҳсили 2014–2015 ба курси якум 14 нафар шаҳрванди хориҷӣ қабул карда шуданд, ки онҳо дар шуъбаи рӯзона, магистратура ва аспирантура таҳсил карданд. Инчунин, соли 2014 донишгоҳро 33 нафар шаҳрванди хориҷӣ хатм

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти робитаҳои байналмилалии донишгоҳ дар соли 2014 ва роҳҳои беҳтар намудани фаъолият дар ин самт – В.3.

намуданд. Аз ин шумора 18 нафар хатмкардаи ихтисоси 1-700201 – Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ мебошанд. Пешрафти савияи дониши донишҷӯёни хориҷӣ дар умум қаноатбахш арзёбӣ мешавад. Аз ҷумла, соли 2014 ду нафар шаҳрвандони хориҷӣ донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намуданд. Баъзе шаҳрвандони кишварҳои хориҷи дур барои таҳсил дар донишгоҳ аввал аз курси тайёрӣ мегузаштанд, то ин ки тавассути омӯзиши забони русӣ ва дигар фанҳои таълимӣ дониши онҳо такмил ёбад[1].

Мавриди зикр аст, ки донишгоҳ дар бештари барномаҳои байналмилалии таълимӣ аз қабили 10 лоиҳаи TEMPUS-и комиссияи аврупоӣ, ERASMUS MUNDUS, ERASMUS PLUS мушорикат дошта, дастовардҳои назаррас дошт. Истисно аз ин, бо Донишгоҳи шабакавии ТҲМ аз рӯи се самт ҳамкориҳои судманд ба роҳ мондааст.

Соли 2011 дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ факултети муштараки муҳандисӣ-техникии Донишгоҳи миллии техникии Белорус ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ ифтитоҳ ёфт. Инчунин, соли 2016 факултети муштараки дигар бо Академияи давлатии ҳавопаймоии Белорус таъсис дода шуд. Дар асоси қарордодҳои тарафайн таҳсил дар зинаи бакалавр сурат гирифта, донишҷӯён аз рӯйи ихтисоси интихобкарда ду сол дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва ду соли дигар дар Донишгоҳи миллии техникии Белорус ва ё Академияи давлатии ҳавопаймоии Белорус таҳсил намуда, соҳиби дипломи донишгоҳҳои хориҷӣ мешуданд. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯён аз марказҳои илмӣ ва захираи зеҳнии ду кишвар самаранок истифода намуда, ҳамчун мутахассиси варзидаи риштаҳои техникӣ дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд. То соли 2016 зиёда аз 100 нафар донишҷӯ дар факултети муштарак дар шаҳри Минск таҳсил кардаанд[2].

Дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати кишвар бо Ҷумҳурии Ҳиндустон соли 2013 ноиб-Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Ҳомид Ансорӣ ба донишгоҳ ташриф овард. Дар заминаи ин ҳамкориҳо дар донишгоҳ бо маблағи як млн

---

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти робитаҳои байналмилалии донишгоҳ дар соли 2014 ва роҳҳои беҳтар намудани фаъолият дар ин самт. – В.2.

[2] 60 сол - ин ибтидо аст [Матн]: бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2016. – С.20.

доллари ИМА барои пешрафти соҳаи мошинсозӣ озмоишгоҳи замонавӣ бунёд гардид[1].

Донишгоҳ дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ аз имкониятҳои донишгоҳҳои ҳамкор барои омода намудани мутахассисон, махсусан, магистрантон ва номзаду докторони илм ба таври васеъ истифода менамуд. Донишгоҳ усули муштараки омода кардани мутахассисонро ба таври васеъ ба роҳ монда аст. Дар асоси ин усул донишҷӯ метавонист дар як вақт дар ду донишгоҳи ҳамкори барномаҳои таълимияшон мувофиқ таҳсил намуда, соҳиби дипломи ду донишгоҳ ва ё як дипому шаҳодатномаи донишгоҳи дигар шавад.

Аъзои раёсати донишкадаи технологии саноати сабук ва озуқавории Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи технологии Тоҷикистон) низ танзиму таҳкими равобити байналмилалиро чун омили муҳимми рушду инкишоф арзёбӣ менамоянд. Махсусан, аз рӯзҳои аввали таъсис тафоҳумномаву шартномаҳои ҳамкорӣ бо донишкадаву донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ ба тасвиб расонид. Яке аз аввалин шартномаҳои ҳамкории донишгоҳ бо Донишгоҳи Небраска мебошад. Донишкада дар асоси ҳамкориҳо бо донишгоҳи бонуфузи ИМА моҳи январи соли 1992 узви Ассотсиатсияи байналхалқӣ оид ба мубодилаи донишҷӯён барои таҷрибаомӯзии техникӣ (IAESTE) гардид. Ассотсиатсияи мазкур нуфузи баланд дошта, фарогири донишгоҳҳою бизнес-сохторҳои беш аз 80 давлати дунё мебошад ва онро Иттиҳоди Аврупо, Ташкилоти байналмилалии мехнат, ЮНЕСКО, Ташкилоти рушди саноати СММ эътироф кардаанд[2].

Узвият дар чунин ташкилот имкон фароҳам овард, ки донишҷӯёни тоҷик дар хориҷи кишвар таҷрибаомӯзӣ намоянд ва соҳиби сертификатҳое гарданд, ки аз ҷониби аъзои ташкилоти мазкур пазируфта мешаванд. 10 январи соли 1995 Кумитаи миллии IAESTE дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд ва ректори

---

[1] 60 сол - ин ибтидо аст [Матн]: бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2016. – С.20.

[2] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон (солҳои 1946-1995) [Матн] / А. Шарипов. – Хуҷанд: «Хуросон», 2002. – С.179.

Донишкадаи технологии саноати сабук ва озуқаворӣи Тоҷикистон профессор П. Пӯлодов ба сифати котиби миллии Ассотсиатсия интихоб гардид[1].

Бо истифода аз имконияте, ки бар асари ин ҳамкории судманд фароҳам омад, донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои олии Тоҷикистон барои таҷрибаомӯзӣ ба кишварҳои хориҷӣ сафарбар шуданд. Аз ҷумла, 64 нафар муҳассилини муассиса солҳои 1996–2000 аз чунин имконият самаранок истифода намуданд. Таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии хориҷӣ донишҷуёнро бо таҷриба ва дастовардҳои давлатҳои мутараққии олам дар соҳаи техникаю технология шинос намуд.

Бояд гуфт, ки раёсати донишгоҳ барои таҷрибаомӯзӣ донишҷӯёнеро сафарбар мекард, ки дар се даври озмун муваффақ гардида бошанд. Низоми устувор ва одилонаи интихоби довталабон барои сафари хориҷа торафт устувор мегардид. Таҷрибаомӯзон баъди бозгашт ибтидо, дар кафедра ва баъдан дар шурои олимон ҳисобот медоданд. Чунин тарзи ҳавасманд гардонидан омили муҳимми ҳамчун мутахассисони лаёқатманд ба камол расидани ҷавонони донишҷӯ гардид. Беҳуда нест, ки кулли шахсони он солҳо донишгоҳро хатм намуда дар ҳаёти мустақилона роҳи худро ёфтанд ва дар касби интихобнамудаи худ сарбаланд гаштанд. Садҳо нафар хатмкардаҳо тавонистанд бо роҳи озмун дар муассисаҳои бонуфузи байналхалқӣ соҳиби ҷойи кор гарданд. Ҳанӯз соли 1991 якчанд гурӯҳи академии муассиса дар корхонаи автомобилсозии ЗИЛ-и шаҳри Москва ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар гардида буданд[2].

Мавриди зикр аст, ки ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ дар замони роҳбарии профессор П. Пӯлодов тавсеа ёфтанд. Равобити донишгоҳ бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла ИМА густариш ёфт. 25-уми майи соли 1996 байни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Небраска дар шаҳри Омаха (ИМА) шартномаи (№282) ҳамкорӣ ба тасвиб расид. Дар асоси шартномаи мазкур дар сохтори донишгоҳ коллеҷи махсус таъсис дода шуд, ки донишҷӯёни он 2 соли аввал дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва сипас, 2 сол дар

---

[1] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.30.
[2] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.32.

ИМА таҳсил мекарданд. Шартномаи мазкур дар рушди равобити хориҷии донишгоҳ мусоидат кард. Дар асоси ин шартнома солҳои 1996–2000 беш аз 40 нафар донишҷӯ дар асоси таҳсилоти зинавӣ дар ИМА таҳсил карданд. Ғайр аз ин, ҷониби ИМА барои донишҷӯён идрорпулӣ ва пардохти панҷоҳ дар сади хароҷоти таҳсили донишҷӯёни тоҷикистониро ба зимма гирифт[1].

Бояд гуфт, ки дар миёни донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникии мамлакат Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ҷодаи равобити байналмилалӣ дастовардҳои назаррас дорад. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 1997 узви донишкадаҳои муҳандисии кишварҳои исломӣ пазируфта шудааст. Дар соли таҳсили 1996–1997 теъдоди донишҷӯёни таҷрибаомӯз дар хориҷи кишвар (ИМА, Олмон, Юнон ва ғ.) ба 22 нафар расид. Дар ин миён, 12 нафар донишҷӯ ба ИМА сафар карда буданд[2].

Ба имзо расидани тафоҳумномаву шартномаҳо имкон фароҳам овард, ки на танҳо ба табодули донишҷӯён, балки ба такмили ихтисоси омӯзгорону кормандон низ вусъат бахшида шавад. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аввалин муассисаи таълимии кишвар аст, ки барои таълими фанҳои тахассусӣ аз хориҷи кишвар омӯзгоронро ҷалб намуд. Махсусан, дар соли таҳсили 1996–1997 мутахассисони хориҷӣ аз қабили Дебера Ринд, Ҷ. Мареник, Б. Рансон, Е. Рансон, Ким Мелеман, Ҷулия Олбрехт ба донишҷӯёни донишгоҳ дар шаҳри Душанбе дарс гуфтаанд. Дар навбати худ, дар ин сол се гурӯҳи калони кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои бозомӯзии касбӣ ба ИМА сафар карданд. Аз ҷумла, Н. Шоев, Т. Усмонова, Ш. Юсупов, Х. Тешаев, Ғ. Ҳакимов, М. Иброҳимов низ дар ин ҳайат ҳузур дошта, давоми як моҳ бо дастовардҳои Донишгоҳи Небраскаи шаҳрҳои Омаха ва Линколн шинос шуданд. Дар соли таҳсили 1997–1998 А. Людвик, Ҷ. Олбрайт, Ли Петрон, Ҷаннет Вест, Ҷон Нютон, Уилям Коркоран, Мелани Левандовски, Стив Хойберг ба Тоҷикистон даъват шуда, дар тадриси донишҷӯён саҳм гирифтанд[3].

---

[1] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф,ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.73.
[2] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Таҳсил дар хориҷи кишвар. – В.15.
[3] Шарипов, А. Таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон (солҳои 1946-1995) [Матн] / А. Шарипов. – Хуҷанд: «Хуросон», 2002. – С.179.

Раёсати донишгоҳи технологӣ барои татбиқи таҷрибаи макотиби олии ИМА дар соли таҳсили 1997–1998 тасмим гирифт, ки ба ҷои факултет ва кафедраҳо департаменти таълимӣ ташкил намояд. Дар заминаи ин таҳаввулоти сохторӣ шаш департамент ташкил ёфт: фанҳои гуманитарӣ; забонҳо; математикаи олӣ ва информатика; иқтисодиёт ва бизнес; механикаи муҳандисӣ; нассоҷӣ, либос ва дизайн. Дар ин сол низ чун анъана барои таълими фанҳо омӯзгорони хориҷӣ, аз қабили Ҷеймс О'Нил, Ҷулия Олбрайт, Мерлин Шиефт, К.Н. Эммерсон, Доран Вентс даъват гардиданд.

**Диаграммаи 3. Таҳсили донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар[1].**




Аз маълумоти диаграмма возеҳ аст, ки соли 1998 31 донишҷӯёи муассиса дар хориҷи кишвар таҳсил доштанд. Бештари онҳо дар ИМА ва Олмон ба таҳсили илм машғул буданд. Давоми солҳои 1999–2000 дар хориҷи кишвар 12 нафар донишҷӯ таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ намуданд, ки аз ин шумора 10 нафараш

[1] Иброҳимов, М.Ф. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф,ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.83.

дар ИМА сурат гирифтааст. Дар ин сол низ омӯзгорони хориҷӣ Линел Дэвис, Харпер Дэвуд Харпер Агнешка, Ҷак Дэвис, Шурли Туркер, Муҳаммад Алӯ Вурал, Ралф Вестфад, Кристофер Ҷорҷ, Кристиан Руп Биллербек Барбара, Биллербек Фред барои иштирок дар раванди таълим ҷалб шуда буданд[1].

Бояд гуфт, ки соли таҳсили 1999–2000 беш аз 20 нафар корманди донишгоҳ дар Амрико аз курсҳои бозомӯзии касбӣ гузаштанд. Роҳбарияти донишгоҳ, аз ҷумла П. Пӯлодов мақсад гузошта буд, ки давоми солҳои оянда ҳар як корманди донишгоҳ бояд маротибае ба ягон давлати пешрафтаи олам сафар намуда, бо дастовардҳои маорифу фарҳанги хориҷиён шиносоӣ пайдо намояд. Ӯ ин иқдомро омили муҳимми рушди ҷомеаи Тоҷикистони мустақил мешуморид.

Соли 2001 дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ 28 нафар донишҷӯи донишгоҳ дар ИМА таҳсил карданд. Аз ин шумора 27 нафарашон дар Донишгоҳи Небраска, ки дар шаҳрҳои Омаха ва Линколн ҷойгиранд, дониш андӯхтанд. Ҳамзамон, дар доираи барномаи IAESTE 20 нафар донишҷӯ дар хориҷи кишвар ба таҷрибаомӯзии технологӣ сафарбар гардиданд. Махсусан, 8 нафар дар Олмон ва 5 нафар дар ИМА. Дар навбати худ, бо ташаббуси донишгоҳ 9 донишҷӯи хориҷӣ барои гузаштани таҷрибаомӯзии технологӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд. Акнун барои таълими босифат барои донишҷӯёни шуъбаи амрикоии факултети байналхалқии донишгоҳ 5 нафар омӯзгорони хориҷӣ аз қабили Ҷонатан Зартман, Харпер Ҷ., Девид, Кристиан Райха, Лили Рэй даъват гардиданд ва ба донишҷӯён таълим доданд[2].

Раёсати донишгоҳ равобити байналмилалиро тақвият бахшида, баргузории конференсияву семинарҳои илмӣ ва табодули донишҷӯёнро бештар намуд. Махсусан, 34 нафар донишҷӯи донишгоҳ давоми соли таҳсили 2001–2002 дар муассисаҳои илмии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла 32 нафар дар ИМА ба таҷрибаомӯзии техникӣ сафарбар гардиданд. Бароиислоҳи камбуду норасоии низоми таҳсилот ва татбиқи таҷрибаи пешрафтаи баъзе кишварҳои мутамаддин

---

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Бахши робитаҳои байналмилалӣ. – В.7.
[2] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.102.

омӯзгорони Канада, ИМА, Англия, Олмон ба донишкада даъват шуданд. Аслан, омӯзгорони ҳориҷӣ шеваю усулҳои пешрафтаи тадриси забони англисӣ, забони олмонӣ, низоми таълими Амрико ва аносири нозуки муносибатҳои байналмилалиро барои муҳассилини Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ошно сохтанд.

Дар баробари ин, дар донишгоҳ семинари байнидонишгоҳии омӯзгорони забонҳои хориҷӣ гузаронида шуд, ки дар кори он намояндагони чор мактаби олии кишвар ва омӯзгорон аз Олмону Британияи Кабир иштирок доштанд. Ҳамоиши илмии мазкур имкон дод, ки самаранокии таълими забони англисӣ дар донишгоҳ беҳтар карда шавад. Инчунин, дар шуъбаи амрикоии факултети байналхалқӣ курси TOEFL ба роҳ монда шуд. Ду нафар донишҷӯёне, ки курси номбурдаро азхуд намуданд, соҳиби гранти Ҳазинаи Сорос гашта, роҳхати идомаи таҳсил дар донишгоҳҳои бонуфузи ИМА-ро соҳиб гаштанд. Илова бар ин, чор нафар донишҷӯён пас аз бомуваффақият супоридани санҷиши TOEFL, барои идомаи таҳсил ба Донишгоҳи Небраскаи шаҳри Омаха фиристода шуданд. Бо назардошти дастовардҳои намоёни педагогӣ, мудири кафедраи забонҳои донишгоҳ Н.Ф. Хоҷаёров ба ҳайси ҷонишини раиси Ассотсиатсияи ҷумҳуриявии омӯзгорони забони англисӣ пазируфта шуд[1].

Лозим ба ёдоварист, ки соли таҳсили 2003–2004 28 нафар донишҷӯ тибқи озмун ҷиҳати идомаи таҳсил ба хориҷи кишвар сафар намуданд. Ҳамзамон, омӯзгорони касбӣ аз хориҷи кишвар даъват шуданд. Ба мисли Ҷеймс О’Нил (Британияи Кабир), Лили Райс (ИМА) ва Бернд Винфрид (Олмон). Онҳо барои муҳассилин забонҳои хориҷиро бо усулҳои замонавӣ таълим медоданд.

Барои такмил додани маҳорати касбии омӯзгорони маҳаллӣ имкон фароҳам омад, ки дар хориҷи кишвар бозомӯзӣ намоянд. Аз ҷумла, омӯзгорони кафедраи забони англисӣ Ш. Салимов, С. Қадамсаидов ва З. Юнусова барои такмили ихтисос ба шаҳри Хюстони иёлоти Техас (ИМА) фиристода шуданд. Ассистенти ҳамин кафедра Фаридуни Нурулло дар шаҳри Ҳайдарободи

[1] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.109.

Ҳиндустон дар курсҳои бозомӯзӣ иштирок намуд[1]. Ин иқдом дар соли таҳсили 2004–2005 идома ёфта, омӯзгорони кафедраи забонҳои хориҷӣ Б. Охунов ва Г. Акрамхонова аз рӯйи барномаи Internatioanal teachers programm дар шаҳр Хюстони штати Техаси ИМА дар ҷамъияти «Millenium development Servers» аз такмили ихтисоси забони англисӣ гузаштанд. Ҳамзамон, устодони донишгоҳ дар хориҷи кишвар барои таълими забони тоҷикӣ дар курсҳои мухталиф даъват гардидаанд. Махсусан, омӯзгори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Н.Ф. Хоҷаёров дар Донишгоҳи Индиана ба донишҷӯёни ИМА дарси забони тоҷикӣ омӯзондааст[2].

Бояд тазаккур дод, ки бар асари ҳамкориҳои судманд моҳи январи соли 2006 дар донишгоҳ Маркази фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон ифтитоҳ гардид. Марказ аз ҷониби сафоратхонаи Эрон дар Тоҷикистон бо таҷҳизоти моддӣ-техникӣ ва маводи таълимӣ таъмин карда шуд[3]. Марказ имкон фароҳам овард, ки донишҷӯён бо дастовардҳову навовариҳои илмии донишмандони Эрон шинос шаванд.

Моҳи апрели соли 2007 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо дастгирии сафорати Олмон, DAAD ва Пажуҳишгоҳи ба номи И. Гёте Маркази забон ва фарҳанги олмонӣ ифтитоҳ ёфт, ки он бо таҷҳизоти муосир ва адабиёти ҳозиразамон маҷаҳҳаз гардида, барои беҳтар гардидани омӯзиши забони олмонӣ ва равобити донишгоҳ бо кишварҳои олмонизабони Аврупо мусоидат кард.

То ин муддат Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо беш аз 60 маркази таълимӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ созишномаи дуҷониба ба имзо расонид, ки дар доираи онҳо барномаи муштараки бозомӯзии кормандон, таҳсилу таҷрибаомӯзии донишҷӯён сурат мегирад.

---

[1] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.114.
[2] Ҳамон ҷо. – С.119.
[3] Ҳамон ҷо. – С.135.

**Диаграммаи 4. Таҳсили донишҷӯён дар хориҷи кишвар**[1]




Аз таҳлили диаграмма бармеояд, ки 74 нафар донишҷӯи донишгоҳ дар давоми солҳои 2007-2009 барои идомаи таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода шуданд. Танҳо дар солҳои 2007-2008 45 нафар донишҷӯи донишгоҳ дар ИМА, Олмон, Кипр, Корея, Туркия барои таҳсил сафарбар гардиданд. Ҳамзамон, панҷ нафар омӯзгор, аз қабили Зуҳали Акрам, Фаридуни Нурулло, Ҳайдарова Дилафрӯз, Шоғуломова Сатрина ва Юнусова Замира барои бозомӯзӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбӣ ба хориҷи кишвар фиристода шуданд.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи шартномаҳо 1-уми сентябри соли 2008 дар донишгоҳ факултети муштараки тоҷикӣ-украинии «Идораи кормандон ва технологияҳои муосири пешбаранда» таъсис дода шуд. Он бо иқдоми дутарафаи раёсатҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии техникии Тернопол дар ҳамкорӣ бо Маркази байналмилалии таҳсилоти олии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Украина ба номи Иван Пулюя ташкил гардид. Мақсади таъсиси факултети муштарак тайёр намудани мутахассисон дар раванди технологияи муосири компютерӣ ва мутахассисони идоракунӣ дар замони муосир мебошад.

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Ҳисоботи солонаи 2007-2009. – В.27.

Шоистаи зикр аст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар давраи таҳқиқ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ созишномаи ҳамкориро ба имзо расонид. Махсусан, то соли 2016 бо Донишгоҳи федералии арктикии Шимолӣ (шаҳри Архангелски ФР), Донишгоҳи технологии Люблин (Лаҳистон), Донишгоҳи давлатии технологии Витебск (Белорус), Донишгоҳи давлатии педагогии Москва, Донишгоҳи давлатии техникии Новосибирск, Донишгоҳи давлатии технологии Кубан (ФР), Донишгоҳи давлатии шаҳри Новополотск (Белорус), Донишгоҳи Адам (шаҳри Бишкеки Қирғизистон), Донишгоҳи техникии Берлин, Олмон (дар доираи Эрасмус+), Донишгоҳи техникии Вилнюс (Литва, дар доираи Эрасмус+) ва ғайра ҳамкориҳои дуҷониба ба роҳ мондааст. Ҳамзамон, бо ташкилотҳои хориҷӣ созишномаи байналмилалиро низ ба имзо расонид. Аз ҷумла, ташкилоти кореягии WTIT «Интиқоли технологияҳои коммуникатсионии глобалӣ», Ҷамъияти Олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ «GIZ» ва ғайра. Ҳамкориҳои тарафайн бо Барномаи ITEC - Indian technical and economic cooperation-ҳамкориҳои техникию иқтисодии Ҳиндустон дар ин давра вусъати тоза гирифта, кормандони донишгоҳ барои такмили ихтисос ба курсҳои барномаи ITEC фиристонида шуданд[1].

Дар заминаи рушди чунин ҳамкориҳо хатмкунандагони донишгоҳ аз рӯйи равияи техникию технологӣ барои таҳсил ба магистратура ва аспирантура ( PhD)-и донишгоҳҳои хориҷи кишвар фиристода шуданд.

Донишгоҳ ҳамчун аъзои Донишгоҳҳои Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар бахши Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ буда, дар ҳамаи чорабиниҳои ин созмон фаъолона иштирок намудааст.

Мақсади асосии созишнома ва шартномаҳои ба тасвибрасида тайёр намудани мутахассисиони баландихтисоси рақобатпазир, такмили ихтисос ва маҳорати касбӣ, тайёр намудани кормандони илмӣ дар асоси аспирантураву

---

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикисон. Ҳисоботи солона дар раванди иҷрои корҳои таълимӣ, илмӣ, инноватсионӣ ва тарбиявӣ дар соли таҳсили 2016-2017. – В.152-154.

докторантура ва ташкили ҳамкориҳои байналмилалии мутақобилаи судманд мебошад.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ки то соли 2015 зерсохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, аз созишнома ва шартномаҳои ба тасвибрасида дар соҳаи равобити байналмилалӣ ба таври густурда истифода намудааст.

Таҳқиқи матолиби боло нишон дод, ки донишкада аз соли 2014 ин ҷониб бо муассисаҳои олии мамолики хориҷӣ ва созмону ташкилоти байналмилалӣ мустақиман созишномаи ҳамкорӣ роҳандозӣ намудааст. Донишкада бо Донишгоҳи технологияҳои иттилоотӣ, механика ва оптикаи Санкт–Петербург, Академияи давлатии ширию кишоварзии Вологда, Академияи давлатии кишоварзии Ярославл, Донишгоҳи давлатии технологии Поволже, Академияи давлатии кишоварзии Приморе, филиали Донишгоҳи давлатии иқтисодиёт, омор ва информатикаи Москва дар Ярославл ва ғ. шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба тасвиб расонидааст. Дар асоси шартномаҳои мазкур донишҷӯёну устодон ва кормандони донишкада дар хориҷи кишвар табодули таҷриба кардаанд.

**Диаграммаи №5. Таҳсили донишҷӯёни донишкада дар хориҷи кишвар[1].**




[1] Бойгонии ҷории Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Ҳисоботи солона – 2016. – В.40-43.

Таҳлили диаграммаи мазкур нишон медиҳад, ки донишкада аз соли 2009 ин ҷониб таҳсили донишҷӯёнро дар хориҷи кишвар ба таври васеъ ба роҳ монда, сол ба сол шумораи онҳоро бештар намудааст. Агар дар соли 2009 дар хориҷи кишвар 68 нафар донишҷӯи донишкада барои таҳсил рафта бошанд, пас ин рақам дар соли 2014 ба 276 нафар расидааст. Дар давоми солҳои 2009–2014 дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии донишкада 1270 нафар донишҷӯ дар донишгоҳҳои хориҷӣ аз рӯйи ихтисоси гуногун ба таҳсили худ идома медиҳанд.

Бояд гуфт, ки дар Донишкада лоиҳаҳои барномаи «ТЕМПУС» аз Иттиҳоди Аврупо - «СИБЕЛЕС» ва «ПЕРСЕУС» фаъолият менамоянд. Мақсади барномаи «ПЕРСЕУС» - илм-тадқиқот-истеҳсолот мебошад. Дар доираи амалишавии ин лоиҳаҳо дар донишкада «Маркази илм ва инноватсия» ифтитоҳ ёфта, бо техникаи зарурӣ муҷаҳҳаз гардид. Зиёда аз 20 нафар омӯзгори донишкада дар доираи ин барномаҳо ба мамлакатҳои хориҷӣ сафар карда, бозомӯзӣ намуданд. Ҳамасола бо дастгирии Сафорати ИМА муаллимони забони англисӣ аз хориҷи кишвар ба донишкада омада, ба донишҷӯён дарс мегӯянд[1].

Таҳқиқи фаъолияти донишкада дар самти равобити байналмилалӣ гувоҳи он аст, ки тадриҷан табодули донишҷӯён, такмили ихтисоси кормандону устодон дар донишгоҳҳои хориҷи кишвар ва ширкати онҳо дар конфронсу симпозиум байналмилалӣ афзоиш меёбад.

Донишкадаи политехникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд дар самти равобити байналмилалӣ муваффақиятҳои бештар дорад. Аксари дастовардҳои донишкада самараи олии ҳамкорӣ бо дигар донишгоҳу донишкадаҳои дохиливу хориҷӣ маҳсуб меёбад. Донишкада бо 250 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷаҳон шартномаҳои ҳамкорӣ дошта, дар ин замина равобити илмӣ-таълимиро тақвият бахшидааст. Дар донишкада соли 2000 робитаҳои байналмилалӣ ва бахши Идораи лоиҳаҳо таъсис дода шуд. Донишкада дар татбиқи якчанд лоиҳаҳои байналхалқӣ ширкат варзидааст. Дар

---

[1] Бойгонии ҷории Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Ҳисоботи солона – 2016. – В.40-43.

ин муддат лоиҳаҳо ҷиҳати гирифтани дараҷаи олии таҳсилот таҳия ва амалӣ карда шуданд. Дар давраи таҳқиқи донишкада ҳамкориҳои байналхалқиро ҷиҳати фароҳам овардани имкониятҳои табодули академӣ, мубодилаи таҷриба, таҳсил, тадқиқот ва таҷрибаомӯзии илмӣ барои кормандон ва донишҷӯён боз ҳам тақвият бахшидааст. Донишкада дар доираи 11 адад барномаҳои таҷрибаомӯзии хориҷӣ фаъолият кардааст. Дар донишкада барномаҳои сафарбаршавии академии Erasmus+, ISEP, DAAD, Education USA, Campus Franse, StudyInNorway, SEPIE, Uni-Italia, Education UK, StudyInSweden ва барномаҳои таҷрибаомӯзии Praktikum Global, Intership Internatcional, IAAS, LOGO e.V, GeTec-Solutione, UG, AIESEC, APOLLO e.V. ва ғайра фаъолият мебаранд, ки ба тайёр кардани мутахассисони ба талаботи техника ва технологияҳои навин ҷавобгӯ имконият медиҳанд. Дар донишкада «Барномаҳои магистрӣ барои азнавбарқароркунии сарчашмаи энергия ва самаранокии энергия дар биноҳо дар Осиёи Марказӣ ва Русия», «Мустаҳкамкунии марказҳои рушди касбият дар муассисаҳои олии Осиёи Марказӣ барои васеъгардонии имконияти хатмкунандагон барои гирифтани машғулияти мувофиқ ва босифат» ва «Маълумоти олӣ барои низом ва стандарти маҳсулоти хӯрока дар Осиёи Марказӣ»[1] ва ғайра роҳандозӣ шудаанд.

Мавриди ёдоварист, ки дар донишкада Барномаи APOLLO фаъолият дорад. Он барномаи таҷрибаомӯзии соҳаи аграрӣ буда, дар кишвари Олмон аст. Барнома хатмкунандагони ихтисоси аграрӣ ва ё донишҷӯёни ихтисоси мазкурро ба таҳсил фаро мегирад. Тавассути барнома донишҷӯён ба муддати 4 моҳ ба таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шуда, ба ҷои зист, хӯрока, стипендия, раводид ва суғурта таъмин мешаванд[2].

Аз рӯйи барномаҳои байналмилалӣ дар ин давра беш аз 100 нафар устоду донишҷӯ бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил, таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисос, тадқиқот ва иштирок дар конфронс ва

---

[1] Донишкадаи политехникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Робитаҳои байналхалқӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://polytech.tj/sharikoni-rushd/robitahoi-baynalkhalqi (санаи муроҷиат: 14.10.2023).

[2] Ассоциация APOLLO e. V. [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.apollo-online.de/ (санаи муроҷиат: 14.10.2023).

семинарҳои байналмилалӣ ба хориҷи кишвар сафар намуданд. Дар вақти сафар омӯзгорон бо фаъолияти озмоишгоҳҳо, таҷҳизоти навин, ташкили ҷараёни таълим, усулҳои муосири таълим дар муассисаҳои олии хориҷӣ ошно гардидаанд[1].

Таҳқиқи маводи соҳавӣ мушаххас гардид, ки донишкада дар муддати кӯтоҳ тавонист, ки робитаҳои байналмилалиро бо донишкадаву донишгоҳҳои хориҷӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монад.

Бояд гуфт, ки Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон низ доир ба рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ бо марказҳои илмию таълимии дохилу хориҷи кишвар ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба роҳ мондааст. Махсусан, бо Пажуҳишгоҳи химияи ба номи Никитин корҳои якҷояи илмиро ба роҳ мондааст. Донишкада бо 32 муассисаи таълимии олии давлатҳои хориҷи наздик аз қабили Федератсияи Руссия, ҷумҳуриҳои Белоруссия, Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Норвегия, Олмон, Португалия, Словения, Хитой ва ғайра ҳамкорӣ дорад[2]. Дар доираи ҳамкориҳо ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ ба таҷрибаомӯзӣ ва таҳсил сафарбар мегарданд.

Донишкада бо барномаҳои LOGO, GeTec-Solutions, GIZ, PRAXX (Олмон) ҳамкорӣ дорад. Муассисаи таълимии мазкур барои таҷрибаомӯзӣ ба Олмон 38 нафар донишҷӯ, аз ҷумла аз рӯйи барномаҳои LOGO (Хоҷагии қишлоқ ва мувозинати экологӣ дар Европаи Шарқӣ) 18 нафар, PRAXX (муоширати дуҷонибаи байналмилалӣ-муваффақияти бардавом) 20 нафарро фиристодааст. Дар асоси шарномаҳои тарафайни донишкада ва Донишгоҳи миллии аграрии Қазоқистон аз рӯйи анъана моҳҳои октябр-ноябр як нафар омӯзгор ва панҷ нафар донишҷӯйи ихтисоси технологӣ барои мубодилаи академӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон фиристода шуданд. Ҳамчунин, аз Ҷумҳурии Қазоқистон 5 нафар донишҷӯ барои идомаи таҳсил ва 1 нафар омӯзгор барои такмили ихтисос ба донишкада омаданд. Чунин табодул, аниқтараш ҷалби

[1] Олимони донишкада [Матн]. – С.59.
[2] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.22.

донишҷӯёни хориҷӣ ба донишкада аз соли хониши 2009–2010 оғоз гардида, бори аввал 12 нафар қабул гардиданд. Минбаъд, шумораи онҳо сол ба сол рӯ ба афзоиш овардааст[1].

Шоёни зикр аст, ки 23 нафар омӯзгор аз рӯйи барномаҳои гуногун, аз ҷумла муоширати дуҷонибаи байналмилалӣ-муваффақияти бардавом CSSTEAP(CENTRE FOR SPACE SCINCE AND TECHNOLOGY EDUCATION IN ASIA AND PACIFIC, Ҳиндустон) 3 нафар, GIZ (Барномаи омӯзиши касбӣ дар Осиёи Марказӣ, Олмон) 4 нафар, GIZ (Қазоқистон) 2 нафар, GIZ (Қирғизистон) 7 нафар, GIZ (Узбекистон) 2 нафар, дар Россия 1 нафар аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд[2].

Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсис барои беҳтар намудани равобити байналмилалӣ чораҳои мушаххас андешид. Дар ин замина бо донишкадаву донишгоҳҳои хориҷӣ шартномаҳои ҳамкорӣ ба тасвиб расонид. Махсусан, соли 2016 шартномаҳои тарафайн бо Донишгоҳи давлатии техникии Тамбов, Донишгоҳи давлатии политехникии Иваново ва Донишгоҳи федералии Урали ҷанубӣ ба имзо расонида шуд[3].

Бояд тазаккур дод, ки донишкада дар асоси шартнома табодули донишҷӯён, таҷрибаомӯзиву коромӯзӣ ва таҳсил дар аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷиро ба роҳ монд. Ассистентони кафедраи «Автоматонии ҳаракатоварҳои барқӣ» И. Носиров ва Р. Қаххоров соли 2015 коромӯзии илмиро дар Донишгоҳи давлатии электротехникии Санкт – Петербург ба номи В.И. Ульянов (Ленин) ба анҷом расонида, дар курси дуюми шуъбаи рӯзонаи аспирантураи донишгоҳи мазкур тариқи буҷавӣ таҳсил карданд. Бо дастгирии бевоситаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути маркази барномаҳои байналмилалӣ, квотаи байналмиллалии Президентии «Дурахшандагон» Обидҷони Шаҳобиддин дар Донишгоҳи геологӣ – таҳқиқотии Москва ба номи С. Орҷоникидзе, Давлатов Далер дар Донишгоҳи сохтмону меъмории Тюмен, А. Сафарзода дар Филиали

---
1 Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.70.
2 Бойгонии ҷории Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон. Ҳисоботи солона барои соли 2016. – В.13.
3 Бойгонии ҷории Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. Ҳисоботи илм. – В.6.

Донишкадаи энергетикии Москва дар шаҳри Смоленск ва тавассути квотаи Федератсияи Россия барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Сармисоқов дар Донишгоҳи давлатии Алтай, И. Гулмадов дар Донишгоҳи давлатии техникии ба номи И.И. Ползуноваи шаҳри Барнаул, дар шуъбаҳои рӯзонаи аспирантура таҳсил карданд. Ассистенти кафедраи «Неругоҳҳо ва шабакаҳои барқӣ» Н. Раупов ва ассистенти кафедраи «Автоматонии ҳаракатоварaҳои барқӣ» А. Раҳматуллоев дар шуъбаи рӯзонаи шартномавии аспирантураи Донишгоҳи давлатии техникии Қирғизистон ба номи И. Раззоқов аз ҳисоби маблағҳои махсуси донишкада ба таҳсил фиристода шуданд. Ассистенти кафедраи «Таъминоти барқ ва ҳифзи релейӣ» Н. Шарипов дар шуъбаи рӯзонаи шартномавии аспирантураи Донишгоҳи давлатии техникии Алтай ба номи И.И. Ползуноваи шаҳри Барнаули Федератсияи Руссия таҳсил намуд. Инчунин, ассистенти кафедраи «Сохтмони гидротехникӣ ва фанҳои умумитехникӣ» З. Назаров дар асоси шартномаи тарафайн бо Донишгоҳи Федералии Урал ба номи Б.Н Елсин таҳти сарпарастии ҶСК «Ориёнбонк» ба корҳои илмӣ машғул гардид. Соли 2016 низ 5 нафар омӯзгори ҷавони Донишкада барои таҳсил дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи федералии Урали ҷанубии Федератсияи Руссия фиристода шуданд[1].

Дар давоми солҳои таҳқиқотӣ 18 нафар омӯзгорони ҷавони донишкада барои таҳсил ва коромӯзӣ ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии Қирғизистон фиристода шуданд. Дар соли 2016 пас аз гузаштани коромӯзӣ донишҷӯён ва омӯзгорони донишкада соҳиби 2 адад сертификати байналмилалӣ гардидаанд. Дар маҷмуъ, зинаи аспирантураи хориҷи кишварро тавассути квотаи байналмиллалии Президентии «Дурахшандагон» - 3 нафар, квотаи Федератсияи Руссия – 2 нафар, аз ҳисоби буҷаи Федератсияи Руссия – 6 нафар, маблағҳои махсуси донишкада – 3 нафар ва аз дигар сарчашмаҳо 3 нафар хатм карданд[2].

[1] Бойгонии ҷории Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. Ҳисоботи илм. – В.7.
[2] Бойгонии ҷории Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. Ҳисоботи илм. – В.8.

Дар ин радиф, шаҳрвандони хориҷӣ низ барои таҳсил ба донишкада ҷалб шудаанд. Махсусан, шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Туркманистон аз рӯи ихтисосҳои «Сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳои обию барқӣ», «Сохтмони гидротехникӣ», «Нерӯгоҳҳои барқӣ» ва «Таъмини барқ» таҳсил кардаанд.

Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС» дар ш. Душанбе низ бо бештари донишкадаву донишгоҳҳои Федератсияи Русия равобити илмиву таълимӣ барқарор кардааст. Тавассути филиал ҳамасола шумораи муайяни донишҷӯён дар Федератсияи Руссия таҳсил менамоянд. Пас аз хатми филилал низ барои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура ба хориҷи кишвар мераванд. То соли 2016 65 нафар хатмкардаи филиал таҳсилро дар зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС» дар Федератсияи Руссия, 1 нафар дар Мактаби олии иқтисодии Федератсияи Руссия, 1 нафар дар Донишгоҳи иқтисодии Руссия ба номи Г.В. Плеханов, 1 нафар дар Институти физикаю техникии Академияи илмҳои Россия ва 1 нафар дар Ҷумҳурии Корея таҳсил карданд, ки онҳо тавассути филиал ба ин муассисаҳо ва марказҳои илмӣ шомил гардидаанд[1].

Дигар донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии ҷумҳурӣ аз замони таъсис то соли 2016 бар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда бо донишкадаву донишгоҳҳои хориҷи кишвар шартномаҳо ба имзо расонида, равобити илмиву таълимиро ба роҳ мондаанд. Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд таҷрибаи корҳои таълимӣ ва илмӣ тақвият ёфта, мавқеи худро дар раддабандии донишгоҳу донишкадаҳои олам беҳтар намуданд.

Ҳамин тариқ, таҳлили сарчашма ва адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки давоми 25 соли замони соҳибистиқлолӣ донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии мамлакат дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда равобити байналмилалиро ба роҳ мондаанд. Равобити илмӣ ва ҳамкориҳои судманди илмӣ-тахникии донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар

[1] Бойгонии ҷори филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС» дар ш. Душанбе. Ҳисоботи солона дар соли хониши 2016-2017. – В.6.

бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар хориҷи кишвар давра бо давра густариш ёфтааст. Барои барқарор намудани ҳамкориҳои тарафайн дар соҳаи таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани самаранокии корҳои илмӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, тайёр намудани мутахассисон ва кормандони илмӣ-педагогӣ, мубодилаи донишҷӯён дар соҳаи маориф, илму фарҳанг шартномаи ҳамкорӣ ба тасвиб расонидаанд. Дар асоси шартномаҳо, ҷонибҳо аз имкониятҳои воқеӣ истифода намуда, мубодилаи олимону омӯзгорон, аспирантон, магистрантону донишҷӯёнро ба роҳ монда, дар самти такмилу ривоҷи таълим, мубодилаи адабиёти таълимию методӣ, барномаю нақшаҳои таълимӣ, маводи илмӣ ва даъвати намояндагони тарафҳо барои иштирок дар конфронсҳо ва дигар ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монданд. Воқеан, дар ин самт дастовардҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бештар аст.

Новобаста аз дастоварду комёбии донишгоҳу донишкадаҳои техникии кишвар дар бахши равобити байналмилалӣ ҳалли баъзе масъалаҳо таваҷҷуҳи бештар мехоҳанд:

- танзими раванди татбиқи шартнома ва созишномаҳо бо донишкадаву донишгоҳҳои хориҷи кишвар;
- истифодаи босамари пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва имзои созишномаҳо барои густариши чорабиниҳои муштараки илмӣ, амалӣ кардани тадқиқотҳои илмиву иттилоотӣ ва нашрии муштарак;
- ташкили иштироки фаъоли донишҷӯён, омӯзгорон ва донишмандони донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ дар лоиҳаҳо ва барномаҳои байналхалқии таълимӣ, илмӣ ва фарҳангӣ;
- бештар баргузор кардани конфронсҳо, симпозиумҳо, конгрессҳо, семинарҳои илмии сатҳи байналхалқӣ;
- сафарбар кардани омӯзгорон, аспирантон, донишҷӯёни фаъолу навовар барои коромӯзӣ ва табодули таҷриба ба донишгоҳҳои хориҷи кишвар;
- даъвати мутахассисони хориҷӣ барои хондани лексияҳо, гузаронидани машваратҳо ва тадқиқотҳои муштарак дар соҳаи техника;

- тарғиби дастоварду навовариҳои олимони соҳаҳои техникӣ дар арсаи байналхалқӣ;

- дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ҷой додани ахбор дар бораи дастовардҳо ва имкониятҳои илмии донишмандони соҳаҳои техникӣ ҷиҳати ворид гардидан ба фазои илмиву таълимии ҷаҳонӣ ва ғайра.

## 2.3. Сатҳи омода намудани кадрҳои маҳаллӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ

Масъалаи омода кардани мутахассисони соҳаи муҳандисӣ дар ҷомеаи муосир хеле мубрам буда, таҳқиқоти фарогирро тақозо дорад. Зеро дар ҷомеа тадриҷан зарурати ва ниёзмандӣ ба чунин мутахассисон бештар мегардад. Асосан, чунин ниёзмандӣ ба он марбут аст, ки донишгоҳу донишкадаҳои олии равияи техникӣ таҳсилро аз рӯйи кадом ихтисоси дахлдор ба роҳ мондаанду мутахсассисонро дар кадом сатҳ омода месозанд ва эҳтиёҷоти бозори меҳнатро то кадом андоза қонеъ мекунанд. Албатта, ҳамаи ин аз самараи фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ вобастагии ҷиддӣ дорад.

Айни ҳол, баробари рушди илмҳои техникӣ доираи фаъолияти мутахассисони соҳаҳои техникӣ низ тағйир ёфтааст. Барои барномаҳои одии саноатӣ ҳатто меҳнати як нафар метавонад кофӣ бошад. Аммо барои пешниҳоди идеяи техникӣ ҷалби гурӯҳи мутахассисон зарур аст. Аз ин бармеояд, ки иддае аз мутахассисони соҳаҳои техникӣ навовариву ихтироот доранд, вале гурӯҳи дигар раванди истеҳсолоти онҳоро дар корхонаҳо таъмин мекунанд. Воқеан, фаъолияти ин гуна мутахассисон соҳаеро муайян мекунад, ки дар он малакаҳои касбӣ ба мисли амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ, коркарди маҳсулот, ба нақша гирифтани хусусиятҳои иқтисодии истеҳсолот, тарҳрезии дастгоҳҳои техникӣ ва амсоли ин дар назар дошта мешавад. Доираи фаъолияти онҳоро воситаҳои техникӣ ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, самаранокии фаъолияти донишҷӯёнро қобилиятҳои тасаввуроти фазоӣ, тафаккури техникӣ, мушоҳидаи эҷодӣ муайян мекунанд. Яъне барои мутахассиси ин соҳа равишҳои эҷодӣ низ лозим аст. Илова бар донишҳои умумӣ, омӯзиши улуми табиӣ дар заминаи ихтисоси математикаи олӣ, графикаи муҳандисӣ, илми мавод ва дигар фанҳои тахассусӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ эҳтиёҷи бештар дорад. Зеро тараққиёти ҷомеа тақозо дорад,

ки вобаста ба навъҳои нави касбу кор мутахассиси варзида омода карда шавад. Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Дар шароити имрӯзаи рушди босуръати илм ва техникаву технология ҳар як давлат нерӯи зеҳнии ҷомеаро ба кашфиёту ихтирооти нав ва тавсеаи соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ равона месозад. Чунин муносибат ба фаъолияти инноватсионии соҳаҳои илму маориф такони ҷиддӣ бахшида, дар навбати худ ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд шудани сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидат менамояд»[1].

Таҳлилҳо нишон дод, ки Ҳукумати кишвар давоми 25 соли соҳибистиқлолӣ, аниқтараш солҳои 1991–2016 барои омода кардани мутахассисони варзида заминаҳои ҳуқуқиву имкониятҳои бештар фароҳам овардааст. Мактабу маориф дар маркази сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар қарор дорад. Албатта, Ҳукумати ҷумҳурӣ пайваста барои беҳбудии хадамоти низоми маориф ва ба ин васила омода кардани кадрҳои рақобатпазир дар дохил ва хориҷи кишвар тадбирҳои мушаххас меандешад. Махсусан, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон илму маорифро ҳамеша аз самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати ҷумҳурӣ медонанд[2], ки дар ояндаи наздик мо бо рушди ин соҳа дар Тоҷикистон собит месозем, ки воқеан ҳам тоҷикон миллати бофарҳанг, соҳибмактаб ва соҳибқаламу соҳибилманд[3].

Мавриди зикр аст, ки самти асосии фаъолияти тамоми донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар омода намудани мутахассисони соҳаҳои гуногун мебошад. Дар баробари дигар донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар дар солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ нақш ва мавқеи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ хеле назаррас аст.

Новобаста аз вазъи ногувори сиёсиву ҷамъиятии ибтидои соҳибистиқлолӣ омода кардани мутахассисони равияҳои техникӣ қатъ нагардид. Баръакс,

---

[1] Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/616 (санаи мурочиат: 15.10.2023).
[2] Таъкидҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар бораи мактаб ва маориф [Матн]. – Душанбе, 2005. – С.31.
[3] Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ. Ба ифтихори 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С.86.

шумораи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ ва ихтисосҳо сол ба сол афзоиш ёфт.

Дар давраи таҳқиқ низоми омода кардани мутахассисони равияи техникӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар ба дигаргуниҳо дучор шудааст. Агар дар ибтидо омода кардани кадрҳо дар шакли мутахассис, аспирант ва докторант сурат мегирифт, дар давраҳои баъдӣ дар шакли таҳсилоти бисёрзина: бакалавр, магистр ва доктор PhD ба роҳ монда шуд.

Воқеан, дар шароити имрӯзаи рушди рӯзафзуни илм дар ҷаҳон ва вазъи фаъолияти марказҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо бояд низоми таълими донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникиро бар асоси чунин принсип арзёбӣ намоем:

1. Тамдиди таълим – ба роҳ мондани ду ё се зинаи таҳсилот (бакалавр, магистр ва доктор PhD);

2. Ба амалияи истеҳсоли майл доштани таҳсилот – ихтисосҳоеро ба роҳ мондан лозим, ки дар оянда бозоргир буда, талаботи рӯзмарраи аҳолиро таъмин карда тавонад;

3. Ҳамгироӣ – механизми самараноки ҳамкории давлат ва корхонаҳои хусусӣ;

4. Технологикунонии таҳсилот – дар раванди таҳсилот донишҷӯён бояд истифодабарии техникаҳои замонавии ба касбашон рабтдоштаро фаъолона аз худ намоянд;

5. Фазои солими таълимии муосир – донишҷӯ бояд ба ҳамаи манбаъҳои таълим (озмоишгоҳ, аудитория, китобхона ва ғ.) дастрасӣ дошта бошад.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар замони истиқлол мазмуну мундариҷаи таълим ва омода кардани кадрҳоро дигар кард. Донишгоҳ аз соли 1994 бо мақсади беҳтар намудани сифати таҳсилот қабули довталабонро ба шакли тестӣ ба роҳ монд. Тестҳо дар асоси барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тайёр гардида, ҳар як довталаб аз

фанҳои математика, физика, химия, забону адабиёт имтиҳон месупориданд[1]. Аз соли 1995 консепсияи низоми бисёрзинаии тайёр намудани мутахассисон ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон, вобаста барои қонеъ кардани талаботи замон омодасозии кадрҳои равияи техникӣ бори аввал таҳсили донишҷӯён дар факултети муҳандисиву тиҷоратӣ ва менеҷмент, факултети технологияи химиявӣ ва металлургия роҳандозӣ гардид. Донишгоҳ дар даҳсолаи аввали истиқлоли кишвар вобаста ба таҳаввулоти бозори меҳнат аз рӯйи 29 ихтисос ва 8 самт мутахассис омода менамуд. Албатта, бо тақозои замон дар донишгоҳ бори аввал ихтисосҳои металлургияи ранга, алоқаҳои радиоӣ, телефонӣ, сохтмони конҳои зеризаминӣ ва сохтмони пулҳо кушода шуданд, ки талаботи бештар доштанд[2]. Аз солҳои 2000 барои такмили сохтору рушди бемайлони донишгоҳ шароити мусоид фароҳам омада, мундариҷаи таълим беҳтар карда шуд. Тадриҷан шумораи ихтисосҳо дар донишгоҳ низ бештар гардид. Соли 2016 дар 7 факултети донишгоҳ омодасозии мутахассисон аз тариқи зинаи бакалавр (33 самт) ва барномаҳои таълимии таҳсилоти дуюм (58 самт) роҳандозӣ гардид. Соли 2016 шумораи донишҷӯёни шуъбаи рӯзона 7000, таҳсилоти ғоибона 1050, зинаи магистратура 306 ва аспиранту докторант ва унвонҷӯён 156 нафарро ташкил медод[3].

Агар нақшаи қабул дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ 575 нафар муайян гардида бошад, пас дар соли таҳсили 2014-2015 дар донишгоҳ ҷалби 2105 нафар довталаб ба нақша гирифта шуд, ки аксар дар гурӯҳҳои шартномавӣ (1470 нафар) ва боқӣ дар гурӯҳҳои буҷавӣ (635 нафар) таҳсил мекарданд[4]. Таҳлили нақшаи қабул дар донишгоҳи мазкур нишон дод, ки то соли 2014 он ба таври хуб иҷро мегардид. Аммо аз ин ба баъд дар қабули донишгоҳ мушкилот ба амал омад. Аниқтараш солҳои 2015 ва 2016 донишгоҳ натавонист, ки нақшаи қабулро ба таври комил иҷро намояд. Албатта, ин ҳолат метавонад ба он

[1] Шарипов, А. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон [Матн]: воситаи таълимӣ барои омӯзиши курси махсус / А. Шарипов. – Душанбе, 2008. – С.101.
[2] Ҳамон ҷо. – С.101.
[3] 60 сол - ин ибтидо аст [Матн]: бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2016. – С.28.
[4] Бойгонии ҷори Донишгоҳи техникии тоҷикистон ба номи М.С. осимӣ. Ҳисоботи солона. – 2015. – В.7.

асоснок гардад, ки ба чунин ихтисосҳои амалкунандаи донишгоҳ дар дигар донишкадаву донишгоҳҳои равияи техникии кишвар такроран кушода шуданд.

**Диаграммаи №1. Хатми донишҷӯёни гурӯҳҳои бучавӣ дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ[1]**




Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки танҳо дар соли 2012 дар гурӯҳҳои бучавӣ ва Квотаи Президентӣ донишгоҳро 521 нафар хатм кардааст. Дар соли 2014 хатми донишҷӯён дар ду шакл - мутахассис ва бакалавр сурат гирифтааст, ки дар маҷмуъ шумораи хатмкунандагони гурӯҳҳои бучавӣ 1106 нафарро ташкил медиҳанд. Дар соли 2014 донишгоҳро 3031 нафар донишҷӯ дар ду зина - бакалавр ва мутахассис хатм намудаанд, ки аз онҳо 145 нафарашон соҳиби дипломи аъло гаштаанд.[2]

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсис дар мувофиқа бо Вазорати маорифи халқи ҷумҳурӣ қарор қабул намуд, ки муассисаи таълимӣ аз рӯйи панҷ равияи технологӣ, аз қабили саноати хӯрокворӣ, саноати сабук, энергетика, сохтмон ва мошинсозӣ мутахассис омода намояд. Дар асоси равияҳои зикршуда мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои 2801 - «Технология ва таҷҳизоти истеҳсоли наххои табиӣ», 2804 - «Технологияи матоъҳо ва кешбофт», 2806 - «Технология ва тарҳрезии маснуоти дӯзандагӣ», 2807 - «Технологияи чарм ва муина», 2808 - «Технология ва тарҳрезии маснуоти

---

[1] Бойгонии ҷори Донишгоҳи техникии тоҷикистон ба номи М.С. осимӣ. Ҳисоботи солона. – 2015. – С.7.
[2] Бойгонии ҷории Донишгоҳи техникии тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ. Баъзе натиҷаҳои рушди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар соли 2014. – В. 2.

чармин», 0524 - «Тарҳрезии бадеӣ ва тарҳрезии маснуоти саноати сабук», 2702 - «Технологияи нон, маснуоти қаннодӣ ва макаронӣ ва консентратҳои хӯрока», 2706 - «Технологияи равғанҳо», 2707 - «Технологияи консервонидан», 2708 - «Технологияи гӯшт ва маснуоти гӯштӣ», 2710 - «Технологияи шир ва маснуоти ширӣ», 1003 - «Гидроэлектроэнергетика», 1005 - «Истгоҳҳои барқии ҳароратӣ», 2906 - «Технологияи маводи сохтмонӣ», 1206 - «Таҷҳизот ва технологияи баланд бардоштани устуворӣ нисбати фарсудагӣ ва барқароргардонии ҷузъҳои мошин ва аппаратҳо» омода карда мешуданд[1].

Бояд гуфт, ки соли таҳсили 1991–1992 дар курсҳои якуму дуюм 475 нафар донишҷӯ таҳсил доштанд. Албатта, раванди омода кардани мутахассисон дар ин солҳо ба талаботи замон ҷавобгӯ набуд. Зеро донишгоҳ аз лиҳози пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва зеҳнӣ норасоӣ дошт. Махсусан, дар таълими фанҳои тахассусӣ ва дарсҳои озмоишӣ мушкилот эҷод мешуд. Имкон надошт, ки ҳамаи дарсҳои озмоишӣ ва тахассусӣ дар корхонаҳои соҳавӣ гузаронида шаванд. Аз ин рӯ, зарурати таъсиси озмоишгоҳҳо ва муҷаҳҳазгардонии онҳо ба миён омад. Ин мушкилот марҳила ба марҳила низ бартараф карда шуд. Ба навиштаи А. Шарипов, «Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо филиали худ дар шаҳри Хуҷанд дар ташкилу гузаронидани ҷараёни таълиму тарбия, ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҷорӣ намудани барномаҳои давлатии касбию таҳсилотӣ, ба вуҷуд овардани иқтидори кадрӣ дар ташкили заминаҳои моддию техникӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардид»[2].

Чунин арзёбӣ мешавад, ки дар Донишгоҳи технологӣ аз соли 1999 таҳсил дар зинаи аспирантура ба роҳ монда шуд[3]. Омӯзгорони донишгоҳ, хусусан мутахассисони ҷавон имкон пайдо намуданд, ки соҳиби дараҷаи илмӣ шаванд.

Таҳлилҳо нишон дод, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон пас аз солҳои 2000-ум дар нақшаи қабули довталабон тағйироти ҷиддӣ даровард. Зеро шумораи донишҷӯён мувофиқи меъёрҳои муқарраршудаи донишгоҳҳо хеле кам

---
[1] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.8.
[2] Шарипов, А. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон [Матн]: воситаи таълимӣ барои омӯзиши курси махсус / А. Шарипов. – Душанбе, 2008. – С.107.
[3] Иброҳимов, М.Ф. Донишогоҳи технологии Тоҷикистон [Матн]: таърих, инкишоф, ояндабинӣ / М.Ф. Иброҳимов. – Душанбе, 2010. – С.91.

буд. Дар ин сол шумораи донишҷӯён 640 нафарро ташкил медод, дар ҳоле ки барои донишгоҳҳо меъёр аз 3000 нафар муқаррар гардидааст.

Соли 2011 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯйи 18 ихтисос таълими зиёда аз 6600 нафар донишҷӯ ба роҳ монда шуд ва дар сохтори он 9 факултет, инчунин як филиал дар шаҳри Кӯлоб, ду гимназия дар шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб фаъолият доштанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки солҳои 1995–2011 донишгоҳи мазкур беш аз 6100 мутахассис омода намуд, ки онҳо дар риштаҳои гуногуни иқтисодӣ фаъолият доранд. Дар баробари ин, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷиҳати сайқал додани таҷрибаву малакаи касбии устодону донишҷӯён бо зиёда аз 40 муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда буд[1].

Бояд гуфт, ки соли 2016 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯйи 49 барномаи бакалавриат, 49 барномаи магистрӣ, аз рӯйи 9 ихтисос аспирантура,10 ихтисос докторантура аз рӯи ихтисос (Ph.D), 19 – курсҳои кӯтоҳмуддат, 6 – курсҳои тайёрии омӯзишии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода кардани мутахассисонро ба роҳ монда буд. Дар соли таҳсили 2015–2016 дар донишгоҳ 5516 донишҷӯ ба таҳсил ҷалб шуданд, ки аз онҳо 4310 донишҷӯ дар зинаи бакалавр мебошанд. Аз ин миқдор дар ҳамон сол 1040 нафарашон донишгоҳро бомуваффақият хатм намуданд. Аз миқдори умумии донишҷӯён 3799 нафари он тариқи шартнома ва 1717 нафарашон ройгон таҳсил менамоянд. Теъдоди умумии гурӯҳҳои академӣ дар зинаи бакалавр 211-ададро ташкил дода, аз онҳо 128 гурӯҳ бо забони тоҷикӣ, 80 гурӯҳ бо забони русӣ ва 3 гурӯҳи дигар бо забони англисӣ таҳсил менамуданд. Дар санаи 01.12.2017 дар донишгоҳ 269 нафар магистир таҳсил менамуд[2].

Яке аз омилҳои муҳимми беҳдошти сифати таълиму тарбия ва тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори озоди меҳнат иқтидори зеҳнии ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Бояд

---

[1] Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/616 (санаи мурочиат: 15.10.2023).

[2] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Ҳисоботи солона дар раванди иҷрои корҳои таълимӣ, илмӣ, инноватсионӣ ва тарбиявӣ дар соли таҳсили 2016-2017. – В.9.

қайд намуд, ки раёсати донишгоҳ барои таъмини иқтидори зеҳнии омӯзгорону кормандон фазои солиму созгор фароҳам оварда, ҳавасмандии омӯзгорони ҷавон ва унвонҷӯёнро барои дифои рисолаҳои илмии худ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ қарор додааст.

**Ҷадвали 1. Дараҷаи дарсазхудкунии донишҷӯён дар нимсолаҳои якуми соли таҳсили 2014-2015, 2015-2016 ва 2016 – 2017[1].**

| № | Нишондодҳо | Солҳои таҳсил | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 – 2015 | | 2015 – 2016 | | 2016 – 2017 | |
| | | миқ | % | миқ | % | миқ | % |
| 1. | Теъдоди донишҷӯён (дарсазхудкунӣ, %) | 3137 | 86,4 | 3310 | 78,1 | 4240 | 64,9 |
| 3. | Донишҷӯёне, ки танҳо бо баҳои «аъло» сессияро ҷамбаст намудаанд | 284 | 9,1 | 234 | 7,1 | 147 | 3,5 |
| 4. | Донишҷӯёне, ки танҳо бо баҳои «хуб», «аъло» сессияро ҷамбаст намудаанд | 432 | 13,8 | 460 | 13,9 | 489 | 11,5 |
| 5. | Донишҷӯёне, ки танҳо бо баҳои «қаноатбахш» сессияро ҷамбаст намудаанд | 361 | 11,5 | 300 | 9,1 | 327 | 7,7 |
| 6. | Донишҷӯёне, ки аз сессия қарздор монданд | 427 | 13,6 | 725 | 21,9 | 1488 | 35,0 |

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дараҷаи дарсазхудкунии донишҷӯён дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2016–2017 нисбат ба ҳамин давраи соли таҳсили 2015 – 2016 13,1 % коҳиш ёфтааст. Яке аз сабабҳои ин ҳолат пардохт карда натавонистани маблағи шартномаи таҳсил аз ҷониби донишҷӯён мебошад. Омили дигар бевосита ба пурзӯр намудани назорати ҷараёни

[1] Бойгонии ҷории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Ҳисоботи солона дар раванди иҷрои корҳои таълимӣ, илмӣ, инноватсионӣ ва тарбиявӣ дар соли таҳсили 2016-2017. – В.9.

имтиҳонсупорӣ ва ба стандартҳои давлатии таҳсилоти олӣ ҷавобгӯ набудани донишандӯзии донишҷӯён аст. Мушкилоти дигар бевосита ба камсаводӣ ва бемасъулиятии қисме аз донишҷӯён мебошад, ки сари вақт корҳои мустақилонаи худро аз фанҳои таълимӣ пешниҳод карда наметавонистанд ва ба имтиҳонҳо роҳхат нагирифтанд. Чунин ҳолат дар аксари донишгоҳу донишкадаҳо ба назар мерасад. Мутаассифона, ин раванд тадриҷан тамоили зиёдшавӣ дорад, ки сари ин масъала бояд андеша кард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2009 иброз доштанд, ки «Эътироф бояд кард, ки дар тӯли даҳсолаҳои охир мо бештар ба омӯзиши илмҳои гуманитарӣ майлу рағбат доштем ва дар масъалаи азхудкунии илмҳои дақиқу техникӣ кам ташаббус нишон медодем. Ҳол он ки зарурати такмили омӯзиши ин фанҳо, ки барои ташаккули тафаккури техникиву ихтироъкорӣ ҳамчун таҳкурсӣ хидмат мекунад, имрӯзҳо ҳатто дар давлатҳои пешрафта боиси нигаронӣ шудааст. Чунончи, мутобиқи маълумоти коршиносон мактаббачагони Штатҳои Муттаҳидаи Америко аз хонандагони давлатҳои мутараққӣ, ба монанди Англия, Нидерландия, Япония, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ва ғайра қафо монда истодаанд»[1].

Агар дар омӯзиши илмҳои дақиқу техникӣ ИМА қафо монда бошад, пас возеҳ аст, ки таълими чунин фанҳо дар зинаҳои таҳсилотии маорифи кишвар дар кадом сатҳ қарор доранд. Воқеан, таълими дурусти фанҳои бунёдӣ ва тарғиби дастовардҳои донишмандон барои рушди тафаккури техникӣ ва фановарии техникӣ созгор хоҳад буд.

Бояд гуфт, ки аз соли 2003 филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб ба омода кардани мутахассисон машғул мебошад. Аз соли 2015 муассиса ҳамчун маркази омоданамоии мутахассисон фаъолияти мустақил дорад. Соли 2015 дар 4 факултети зерсохтори донишкада устодони 9 кафедра аз рӯйи 33 ихтисоси зинаи бакалавриат ва аз рӯи 10 ихтисоси зинаи магистратура

[1] Суханронӣ дар вохӯрӣ бо аҳли илму маориф доир ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/node/2412 (Санаи муроҷиат: 15.03.2024).

мутахассис омода менамуданд. Соли 2015 дар донишкада 2113 нафар донишҷӯ дар шуъбаи рӯзона, магистртратура ва таҳсилоти фосилавӣ таҳсил менамуданд[1]. Соли таҳсили 2016–2017 донишкадаро 495 нафар донишҷӯ, аз ҷумла 437 нафар аз рӯйи зинаи бакалавр ва 58 нафар аз рӯйи зинаи магистр хатм намуданд[2].

Филиали дигари Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара аз соли 2012 фаъолият дорад, ки дар тарбияи мутахассисони муҳандисӣ-техникӣ низ накши муҳим дорад. Дар сохтори филиал ду факултет, аз ҷумла факултети технологияҳои саноатӣ ва иттилоотӣ ва факултети иқтисодиёт ва идора, инчунин чор кафедра амал мекунад.

Дар филиал аз рӯйи 11 ихтисоси техникию технологӣ ва омӯзгорию иқтисодӣ мутахассисони дараҷаи бакалавр тайёр карда мешаванд, ки ҳамаи онҳо ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ мувофиқ мебошанд:

1. 102060201 - Технология. Информатика;

2. 1360701 - Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти химиявӣ ва корхонаҳои масолеҳи сохтмон;

3. 1360901 - Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока;

4. 1362004 - Технологияи вакуумӣ ва компрессорӣ;

5. 1490101 - Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ;

6. 1500102 - Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ;

7. 136200203 - Саноати борпечонӣ (технология ва таҷҳизоти саноати борпечонӣ);

8. 140010201 - Технология ва низоми иттилоотӣ (дар нақшакашӣ ва истеҳсолот);

9. 148010107 - Технологияи масолеҳи сохтмонӣ дар асоси моддаҳои часпак;

10. 125010711 - Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои саноатӣ;

11. 127010120 - Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (саноати хӯроквворӣ).

---

[1] Донишкадаи технология ва менҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://dtmik.tj/tj/pages/3 (Санаи муроҷиат: 15.03.2024).

[2] Бойгонии донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Маълумотномаи раёсати Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. – В.1.

Мутахассисони аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳои дар филиал омодагардида ба Стратегияи давлатии ояндабинии рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон мувофиқат намуда, корхонаҳои истеҳсолии маводи сохтмон, ғизо, либос, соҳаҳои маориф, иқтисодиёт ва иттилоот эҳтиёҷ доранд.

Яке аз марказҳои дигари таълимии омода кардани кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон мебошад. Раванди таълим дар Донишкада дар факултаҳои «Электроэнергетикӣ» ва «Электромеханика, иқтисод ва сохтмон» ба роҳ монда шудааст. Дар донишкада мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои зерин омода карда мешаванд[1]:

1. 1-430101 - Нерӯгоҳҳои барқӣ;
2. 1-430103 – Таъмини барқ (аз рӯйи соҳаҳо);
3. 1-530105 – Автоматонии ҳаракатоварҳои барқӣ;
4. 1-530104-03 – Автоматонӣ ва ҳифзи релеи дастгоҳҳои барқӣ;
5. 1-430105-05 Манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия;
6. 1-700401-01 – Сохтмони гидротехникӣ;
7. 1-270101-10 Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика);
8. 1-430102 Низом ва шабакаҳои энергетикии барқӣ;
9. 1-700401-03 Сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳои обию барқӣ;
10. 1-530104-05 Воситаҳои техникии назорат ва ҳисоби истифодаи энергия;
11. 1-430107 - Истифодабарии техникии таҷҳизоти барқии муассиса;
12. 1-43010305- Таъмини корхонаҳои комплекси агросаноатӣ.

Дар давраи фаъолияташ донишкадаро садҳо нафар аз рӯйи ихтисосҳои зикршуда хатм намуда, ба истеҳсолот пайвастанд. Хатмкунандагон ҳамчун мутахассис дар шакли таҳсилоти бакалавр соҳиби тахассус гардиданд. Соли 2016 шумораи донишҷӯён дар донишкадаи номбурда ба 1700 нафар расид, ки аксар дар шуъбаи рӯзона (1140 нафар) ва боқӣ дар шуъбаи ғоибона (570 нафар) таҳсил доштанд. Дар миёни онҳо 101 нафар тибқи квота таҳсил мекард[2].

---

[1] Бойгонии ҷории Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. Ҳисоботи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар соли 2016. – В.4.

[2] Ифтитоҳи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/12802 (Санаи муроҷиат: 16.11.2022)

Мутаассифона, дар донишкада омӯзгорони дараҷа ва унвони илмидор хеле каманд, ки ин омил ба раванди таълим ва сатҳи омодасозии мутахассисон таъсири ногувор мерасонад. Дар ин муддат, аксари устодони беунвон ва ҷавон ба донишҷӯён дарс гуфтаанд[1]. Дар ин муддат дар донишкада зинаи магистратура ва доктор PhD фаъолият накарданд. Албатта, сабаби он аз норасоии захираи зеҳнии донишкада вобастагӣ дорад.

Яке аз омилҳои асосии ба талаботи замон омода кардани мутахассис дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани таҷрибаомӯзии донишҷӯён мебошад. Таҷрибаомӯзӣ донишҳои назариявиро ба амалия пайванд месозад. Ҳарчанд донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар пойгоҳи хуби таҷрибаомӯзии соҳавӣ дошта бошанд ҳам, вале ҷараёни амалии он масъалаи дигар аст. Масалан, Донишкадаи энергетикӣ бо корхонаҳои саноатии сохтори Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди НОБ-ҳои Норак, Бойғозӣ, Сарбанд, Сангтӯда 1, ҶСШК – «Трансформатор», корхонаи муштараки «Тоҷиказот», шабакаҳои барқии шаҳру ноҳияҳо ҳамкорӣ дошта, дар асоси шартномаҳои тарафайн пойгоҳи истеҳсолӣ ва озмоишгоҳҳои онҳоро барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён истифода мебарад. Аммо дар рафти таҷрибаомӯзӣ на ҳамаи донишҷӯён иштироки фаъол доранд. Ин раванд дар ҳамаи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар ба назар мерасад. Бештари донишҷӯён барои ба таҷрибаомӯзӣ нарафтан ва сазовори баҳо гардидан аз ҳама гуна роҳҳо кор мегиранд, ки ба сифати омода кардани мутахассисон монеа эҷод мекунад. Ба хатми донишгоҳу донишкада муваффақ мегарданд, вале мутахассиси соҳа шуда наметавонанд.

Бояд гуфт, ки Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон низ дар омода кардани мутахассисон нақши муҳим дорад. Донишкада дар ибтидо қабул ва таҳсили донишҷӯёнро аз рӯйи ихтисосҳои равияҳои геология, корҳои кӯҳӣ, металлургия, технологияҳои мошинсозӣ ва дастгоҳҳои кӯҳӣ ба роҳ мондааст.

---

[1] Бойгонии ҷории Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. Ҳисоботи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар соли 2018. – В.5.

Дар сохтори донишкада 3 факултет, аз ҷумла корҳои кӯҳӣ, металлургия, энергомеханика амал мекард. Бо мурури замон сафи факултетҳо дар донишкада бештар шуда, ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнат талош карда шуд. Махсусан, соли таҳсили 2006–2007 дар донишкадаи мазкур 344 нафар донишҷӯ аз рӯйи 10 ихтисос - ихтисосҳои менеҷмент, геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок, технология ва механизатсия, корҳои ҷустуҷӯи геологии конҳои канданиҳои фоиданок, бойгардонии канданиҳои фоиданок, коркарди кушоди кӯҳӣ, пармакунии чоҳҳои нафт ва газ, металлургияи металлҳои сиёҳ, мошин ва таҷҳизоти кӯҳӣ қабул гардиданд[1].

**Диаграмма №2. Қабули донишҷӯён ба донишкада[2]**




Аз таҳлили диаграмма маълум мегардад, ки қабул дар донишкада сол ба сол бештар гардидааст. Агар соли таҳсили 2006–2007 дар донишкада 344 нафар қабул гардида бошад, пас ин рақам дар соли таҳсили 2011–2012 ба 520 нафар расидааст. Сол ба сол шумораи донишҷӯён афзоиш ёфта, ихтисосҳои нав низ кушода шуданд.

Таҳлилҳо нишон дод, ки донишкадаро солҳои 2010–2011 аввалин донишҷӯён, аниқтараш 165 нафар аз рӯйи ихтисосҳои корҳои кушоди кӯҳӣ, корҳои зеризаминии кӯҳӣ, тоза кардани канданиҳои фоиданок, коркард ва

---

[1] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.19.
[2] Ҳамон ҷо. – С.62-73.

истифодабарии конҳои нафту газ, иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ, металлургияи металлҳои ранга, мошинҳо ва таҷҳизоти кӯҳӣ хатм намуданд. То соли 2011 донишкада 1700 мутахассис омода намудааст, ки онҳо дар 74 корхонаҳои саноатии кишвар фаъолият доранд[1]. Тибқи ҳисоби оморӣ муддати 10 сол (2006-2015) донишкада 332 нафар мутахассис аз рӯи ихтисоси саноати истихроҷи кӯҳӣ омода намудааст[2].

Хатмкунандагони донишкада дар истеҳсолот фаъолияти босамар доранд, бархе аз онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунандаи корхонаҳои саноатӣ, вазоратҳо ва дигар муассисаҳо кору фаъолият менамоянд. Мавриди зикр аст, ки соли 2014 дар донишкада маркази рушди касбият таъсис дода шуд, ки фаъолияти он барои ба ҷои кор таъмин намудани хатмкунандагон равона шудааст. Дар баробари ин, аз тарафи раёсати донишкада бо муассисаҳо ва корхонаҳои саноатии зерин: КВД «Фулузоти нодири Ленинобод», ҶСК «Чароғ», КВД «Нури Ховар», ҶДМ «Нуқрафом», Экспедитсияи иктишофӣ-геологии «Моғиён», ҶДММ КМ «Зарафшон», ҶСК НБО «Роғун», ҶДММ «Хуаксин Ғаюр (Суғд) семент», ҶК «Комбинати маъдантозакунии Такоб», ҶММТАКМ «Анзоб» ҶММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой», ҶС «Бодом», ҶДММ «Нафтрасон», ҶС «Кони намак», Раёсати ҳифзи муҳити зисти Суғд, шабакаҳои барқии шаҳри Хуҷанд ва ғайра ҳамкориҳои судманд оид ба ҷои кор таъмин намудани хатмкунандагон ба роҳ монда шудааст.

Дигар аз марказҳои муҳимми омода кардани кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд мебошад. Донишкадаи мазкур дар вилоят аз лиҳози нуфузу пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва захираи илмӣ мавқеи хосса дорад. Донишкада аз рӯи ҳамаи зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ, 19 ихтисоси бакалавриат (3 ихтисос бо таҳсилоти рӯзона ва фосилавӣ), 16 ихтисоси магистратура, 8 ихтисоси докторантура аз рӯи ихтисос (PhD), инчунин 11 ихтисоси аспирантура, 2 ихтисоси докторантура ва 11 равияҳои курсҳои

[1] Фозилов, М.М. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон [Матн]: марҳилаҳои асосии таърих / М.М. Фозилов, И.Р. Абдуллоев. – Душанбе, 2016. – С.21.
[2] Ҳамон ҷо. – С.157.

кӯтоҳмуддати омӯзишии касбӣ иҷозатнома дошта, ҳамасола тақрибан 850–900 мутахассиси соҳаи муҳандисӣ, иқтисодчӣ ва технологи соҳибтахассус омода мекунад[1].

Донишкада, ки соли 2010 дар заминаи муттаҳидсозии филиали хуҷандии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва филиали Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ба фаъолият оғоз кард, дар омода кардани мутахассисон ва таъмини корхонаҳои вилоят бо мутахассисон нақши муҳим дорад. Дар солҳои аввали ташкилшавии донишкада хатмкунандагон танҳо соҳиби дараҷаҳои мутахассис ва бакалавр мешуданд. Аз соли 2013 дар донишкада таҳсил дар зинаи магистратура ва аз соли 2015 таҳсил дар зинаи докторантура (PhD) оғоз гардид. Дар солҳои 2013 ва 2014 дар донишкада шакли таҳсили ғоибона дар зинаи бакалавриат ба шакли таҳсили фосилавӣ иваз карда шуд. Дар ин солҳо донишкада барои ташкили таҳсилоти фосилавӣ сомонаи махсус омода намуд ва иҷозатномаи расмиро барои 3 ихтисос ба даст овард ва фаъолиятро бар ин самт ба роҳ монд[2].

Дар 4 факултети донишкада дар охири соли 2015 теъдоди донишҷӯёну магистрантон ва докторантон ба 3700 нафар мерасид. Дар донишкада 45 дарсади омӯзгорон дараҷаву унвони илмӣ доранд, ки ба донишҷӯён таълим медиҳанд. Дар факултети информатика ва энергетика муҳандисону олимони соҳаҳои таъмини барқ, энергетикаву электроника, телекоммуникатсияву таъминоти барномавии компютерӣ омода гардида, дар факултети сохтмон ва нақлиёт муҳандисони сохтмон ва саноати масолеҳи сохтмонӣ, хидматрасонии автомобилӣ ва ташкили ҳамлу нақл дар нақлиёт, инчунин меъморон тарбия карда мешаванд. Факултети муҳандисӣ-технологӣ технологҳои баландихтисосро ҳамчун агротехнологи хоҷагиҳои деҳқонӣ, моделер-

---

[1] Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд [Матн] // Олимони донишкада. – Хуҷанд: «Ношир», 2020. – С.10.

[2] Бойгонии ҷории Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Ҳисоботи солона. – 2015. – В. 6.

конструктор ва ташкилотчии соҳаи маҳсулоти дӯзандагӣ, технолог-ташкилотчии серсоҳаи саноати хӯрокворӣ тайёр мекунад[1].

Ҳайати олимону донишмандони донишкада талош намуданд, ки дар раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти муосири илму техника ва технология мутахассисони дорои донишу малакаи баланди касбӣ омода намоянд. Ҳамаи ин ба он равона гардидааст, ки шаҳрвандон, махсусан ҷавонони кишвар аз донишҳои техникӣ бархӯрдор гардида, нерӯи техникиву технологии кишварро тақвият бахшанд.

**Диаграммаи №3. Хатми донишҷӯёни Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд дар солҳои 2011-2015[2].**




Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки донишкадаро солҳои 2011 – 742 нафар, 2012 – 814 нафар, 2013 – 1010 нафар, 2014 – 762 нафар ва 2015 – 703 нафар хатм карда, соҳиби дараҷаи бакалавр ва магистр шуданд. Бештари онҳо дар ҳамаи ташкилоту корхонаҳои вилояти Суғд-операторҳои мобилӣ, провайдерҳои интернет, бонкҳову ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои сохтмониву энергетикӣ ва нақлиётӣ фаъолият доранд.

Ҳамзамон, дар ду филиали донишгоҳҳои Федератсияи Русия дар Тоҷикистон, аз қабили филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе ва филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии

[1] Бойгонии ҷории Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Ҳисоботи солона-2015. – В.7.

[2] Ҳамон ҷо. – В. 8.

«ДЭМ» дар шаҳри Душанбе мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ омода карда мешавад. Дар ин муассисаҳои таълимӣ дар самти корҳои таълимӣ чандин корҳои назаррас анҷом дода шуд. Дар филиалҳои мазкур баланд бардоштани сифати таҳсилот яке аз самтҳои асосии фаъолияти раёсати онҳо ба шумор меравад. Филиалҳои мазкур бо тамоми технологияи инноватсионии таълим таъмин мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода кардани мутахассисони соҳаҳои муҳандисӣ-техникӣ тадбирҳои мушаххас меандешад. Бо мақсади таккони ҷиддӣ бахшидан ба рушди илму маориф, техника ва технологияи нав, беҳтар гардидани шароити кору зиндагии муҳаққиқон ва тарбияи насли нави олимони соҳаи техникӣ дар кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010-ро «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ« эълон намуд, ки ҳадаф аз ин иқдом фароҳам овардани заминаи рушду такомули тафаккури техникиву технологӣ буда, таҳкурсии он дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун гузошта мешавад. Вобаста ба ин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи «Нақшаи тадбирҳои таҷлили Соли маориф ва фарҳанги техникӣ», ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардида буд, «Нақшаи тадбирҳои таҷлили Соли маориф ва фарҳанги техникӣ»-ро таҳия ва тасдиқ намуд, ки он бевосита ба ташаккули донишҳои техникӣ, тарғиби фарҳанги техникӣ, фароҳам овардани заминаи воқеӣ барои рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ ва ба ин васила муваффақ гардидан ба дастовардҳои соҳаҳои техника ва технология равона шудааст.

Аммо, новобаста аз ин иқдомҳо, таҳлилҳо нишон дод, ки ҳанӯз ҳам дар самти омода намудани мутахассисони соҳаи муҳандисӣ-техникӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои техникии кишвар мушкилоти зиёд ҷой дорад. Махсусан, дар раванди таълим маводи кофӣ барои таълими фанҳои тадрисшаванда мавҷуд нест. Маводи мавҷуда ба такмил низ ниёз доранд. Таҳлили коршиносони соҳа нишон медиҳад, ки ҷиҳати таҳияи стандартҳо ва нақшаву маводи таълимӣ барои самаранок гардидани омодасозии кадрҳои

муҳандисӣ-техникӣ дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон фаъолияти якчанд сохтор ва ё мутахассисон дар ҳамбастагӣ ба роҳ монда шудааст:

1. экспертҳо (ашхосе интихоб мегарданд, ки қобилияти баланди баҳодиҳӣ ва ояндабиниро доранд) – намояндагони агентиҳои акредитатсионӣ, экспертҳои мустақили соҳаҳои гуногун;

2. фармоишгарҳо (намояндагони ҳукумат, корхонаҳо ва корфармоён);

3. мененҷер (роҳбарони барномаҳо, ноибони ректор оид ба таълим, илм ва ғ.);

4. омӯзгорон (тютер, лектор, сарпараст ва ғ.);

5. донишҷӯён ва хатмкунандагон;

6. довталабон ва волидайни онҳо;

7. ашхосе, ки ба соҳа мароқ зоҳир мекунанд (ҷамъиятҳои касбӣ ва академӣ)[1].

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар бештари донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар барои омода кардани мутахассисони варзида дар марҳалаи аввал аз ҳисоби пойгоҳи моддӣ-техникӣ мушкилоти бештар доштанд. Ҳарчанд ба ташкили озмоишгоҳу ҷиҳозонидани дастгоҳҳо зина ба зина муваффақ гардида бошанд ҳам, вале куҳнашавии таҷҳизоти техникӣ ва мутобиқ набудан ба стандартҳои байналмилалии вақт рӯз то рӯз мушоҳида мешавад. Зеро яке аз шартҳои асосии баҳодиҳии омодасозии кадрҳои муҳандисӣ – техникӣ ба эътибор гирифтани шумора, соли барориш, имкониятҳои техникии таҷҳизоти озмоишгоҳҳо ва таносуби донишҷӯён баҳри дастрасии онҳо ҳангоми гузаронидани дарсҳои озмоишгоҳӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки имрӯз мо бояд ҷиҳати мукамалгардонии низоми омодасозии мутахассисони муҳандисӣ – техникӣ таҷрибаи кишварҳои абарқудрат ва моделҳои онҳоро ҳамаҷониба омӯхта, вобаста ба шароит ва имкониятҳо амалӣ намоем. Дар

[1] Оценка системы подготовки инженерно-технических кадров: материалы комплексного исследования потребностей крупнейших региональных работодателей [Текст] / Под общ. ред. Л.Н. Банниковой. – Екатеринбург: УрФУ, 2016. ООО «Издательский Дом «Ажур» 2016. – С. 21.

таҷрибаи омодасозии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ моделҳои муваффақ инҳоянд:

1. Англосаксонӣ (Британияи Кабир, ИМА, Австралия);

2. Осиёӣ (Чин, Ҳиндустон, Сингапур ва ғ.);

3. Олмонӣ (Олмон)[1].

Вақти он расидааст, ки мутахассисон таҷрибаи моделҳои зикршударо ҳамаҷониба омӯхта, беҳтарин дастовардҳои онҳоро дар донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар ҷорӣ намоянд.

Масъалаи дигаре, ки дар давраи таҳқиқ дар ҳамаи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникӣ ҷиҳати омодасозии кадрҳои муҳандисӣ – техникӣ ба назар мерасад, паст будани дониши довталабон дар соҳаи фанҳои бунёдӣ аст. Таълими дурусти фанҳои зикршуда ба сифати омода кардани мутахассисон мусоидат мекунад. Чунин ҳолат на танҳо дар низоми бакалавриат, балки магистратура мушоҳида мешавад. Мавқеи магистри техникӣ то ҳол норӯшан боқӣ мондааст. Мувофиқи низомномаи Балония магистратура бояд байни дониши донишгоҳҳои олӣ ва фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун занҷир баромад намояд, аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти магистрҳои ихтисосҳои муҳандисӣ – техникӣ дониши кофии техникӣ надоранд, кори илмӣ – тадқиқотӣ масъалаи дигар аст. Дар дигар давлатҳо зинаи магистратураро ҳамчун майдони амалигардонии имкониятҳои зеҳнӣ истифода мебаранд, яъне дар ҳамин давра донишҷӯ аввалин қадамҳои худро баҳри инноватсия кардан мегузорад, аммо аксарияти магистрони равияҳои техникӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул намегарданд. Дар ҳамин доира метавон хулоса кард, ки зинаи магистратураи донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда шавад, яъне гурӯҳи аввал яксола таҳсил намуда, ба корҳои илмӣ-таҳқиқоти машғул нагарданд ва гурӯҳи дигар ду сола таҳсил намуда, ба корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ машғул шаванд.

---

[1] Оценка системы подготовки инженерно-технических кадров: материалы комплексного исследования потребностей крупнейших региональных работодателей [Текст] / Под общ. ред. Л.Н. Банниковой. – Екатеринбург: УрФУ, 2016. ООО «Издательский Дом «Ажур» 2016. – С.45.

Бояд гуфт, ки дар ҳамаи донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот амал мекунад, ки он ба ташкил ва баҳодиҳии сифати таълим, худбаҳодиҳии дохилӣ, таъминоти дастурию иттилоотии технологияи амалӣ намудани тартиби назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот, муайян намудани самтҳои асосии такмили самаранокии таълим, санҷиши донишандӯзӣ (мониторинг), назорати ҷамъбасти ҳисобот оид ба натиҷаҳои сессияҳои санҷишию имтиҳони даврӣ ва аттестатсияҳои ҷамъбастии давлатии хатмкунандагон, коркарди тавсияҳо ҷиҳати ҷустуҷӯйи усулҳои нави таълим, татбиқи тадриҷии низоми таҳсилоти кредитӣ бо ташкили силсилаи чорабиниҳои таълимию илмӣ ва машваратҳои методӣ санҷиши мутобиқати суолнома ва мисолу масъалаҳои тестӣ бо барномаи таълимӣ, омӯзиши усулҳои қабули санҷишҳои ҷорӣ, фосилавӣ ва имтиҳони ҷамъбастӣ, таҳлили сифатии тестҳои имтиҳонӣ ва тавсияҳои методӣ масъул аст. Ин сохтор, ки бахши дохилӣ аст, мутаассифона, на дар ҳама ҳолат вазъи воқеии сифати таҳсилот нишон дода мешавад. Дар ҳоле ки яке аз унсурҳои асосии баланд бардоштани сифати таълими соҳаҳои муҳандисӣ гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад. Яъне кафедраҳои дахлдор дар ҳамбастагӣ бо намояндагони корхонаҳои истеҳсолии соҳавӣ сатҳу сифати дарсҳои назариявию амалиро таҳлил намуда, бо хулосаҳои асоснок, баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот тавсияҳо пешниҳод намоянд. Мутаассифона, чунин шакли мониторинги сифати таҳсилот ба назар намерасад.

Ҳамзамон, дар донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар сафи донишҷӯдухтарон хеле кам аст. Барои муносибати гендериро дар ихтисосҳои муҳандисӣ – техникӣ риоя намудан, бояд корҳои тарғиботӣ дар байни наврасдухтарон бештар ба роҳ монда шавад, зеро аз нигоҳи илми психология дар баъзе ихтисосҳо фаъолияти занҳо нисбат ба мардҳо самараноктар аст. Имкон дорем, ки дар чунин соҳаҳо беҳтарин довталабонро тибқи Квотаи Президентӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ қабул ва мутахассис омода намоем. Аммо зарур аст, ки ҳангоми ба нақша гирифтану ба донишгоҳ шомил намудани довталабони тариқи квотаи президентӣ ва квотаҳои соҳавӣ, ки пас аз

